# ГУЛБОНГИ ИСТИҚЛОЛ

*(Баёзи назми муосири тоҷик)*



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик – 7-5
К-45

Ҳайати таҳрир: *Саидмурод Фаттоев, Мирзошоҳрух Асрорӣ, Меҳмон Бахтӣ, Фарҳоди Карим, Гулназар*

Мураттибон:
*Сайидалӣ Маъмур ва Гурез Сафар*

К-45 **Коллектив. Гулбонги Истиқлол** *(баёзи назми муосири тоҷик). –* Душанбе, «Адиб», 2011, 272 саҳ.

«Гулбонги Истиқлол» маҷмӯаи дастҷамъӣ буда, шеърҳои дар ситоиши Ватан, Истиқлол, Сулҳ, ваҳдат ва дӯстӣ бахшидаи шоирони муосири тоҷикро фаро гирифтааст.

Китоб тӯҳфаи шоирони тоҷик ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

ISBN 978-99947-2-087-3

© М. Бахтӣ, М.Қаноат, Гулназар ва дигарон. 2011

*Лоиқ ШЕРАЛӢ*

## СУЛҲИ ДЕРИНТИЗОРИ МО ОМАД

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.

Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

Зиндагӣ сахттар зи мурдагӣ буд,
Ҳотифи зиндадори мо омад.

Кӯю барзан пур аз гадоён буд,
Фурсати шоҳкори мо омад.

Пири Канъоно, чашми ту равшан,
Юсуфи дилфигори мо омад.

Мурдаҳо норизо зи мо буданд,
Фотиҳа бар мазори мо омад.

Чор сӯ буд тирборонҳо,
Яке тири барори мо омад.

Ахтари наҳс аз сари мо рафт,
Ахтари саъд ёри мо омад.

Аз сари мо хазонфишон бигзашт,
Гулфишони баҳори мо омад.

Кӯҳсоро, бубахш пастии мо,
Нангу ному виқори мо омад.

Ҳоли зору низори мо бигзашт,
Вақти ҷуду нисори мо омад.

Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад.

## ГАНҶИ МИЛЛАТ

Биё, бо ҳам бисозему ҷаҳонеро барафрӯзем,
Биё, бо ҳам биёмезему дунёро биёмӯзем.

Биё, бо ҳам биёғозем, то бе ҳам наанҷомем,
Биё, бо ҳам бинозему биё, дар сӯги ҳам сӯзем.

Ало, эй гулбуни танҳо, ки бехешастӣ дар саҳро,
Биё, то чеҳра бинмоем, мо ҳам оламафрӯзем.

Ҳамин танҳо на симу зар бувад ганҷе, ки меҷӯем,
Биё, роҳе ба дил ҷӯему ганҷи миллат андӯзем.

Ту дар худ дар ғами хешӣ, ман ин ҷо дар ғами хешам,
Ту он ҷо кинатӯзи мову мо ҳам бо ту кинтӯзем.

Ало, он ки маҳалбозӣ, дағалбозӣ, мағалбозӣ,
Биё, то пора-пора ин яханҳоро ба ҳам дӯзем.

Агар мо мардумомезем, мардум низ бо моянд,
Чаро ин нукта напзирӣ, ки мо ҳамрозу ҳамрӯзем?!

*январи 1998*

## СУРУДИ ҶОВИДОНИ МО

Дилам бигрифта аз ҷанги гиребонҳои садпора,
Биё, аз як гиребон сар барорем, эй накӯкора!

Намебинӣ, намесӯзӣ, чаро аз ғам намегирйӣ,
Ки механдад ба ҳоли мо ҳама аҷроми сайёра?

Агар сайёра овораст, ҷурми ӯ ба дӯши мост?
Чаро бошем аз тобут то гаҳвора овора?

Ҷаҳонро чораю тадбир омӯзондаем, аммо
Чаро худ дар ҷаҳон мондем бетадбиру бечора?

Забонам то куҷо парвоз карду мо куҷо мондем?
Зи афранги ситамкора? Зи бонги шуми «Аврора»?

Хирадмон то куҷо эъҷоз карду мо куҷо мондем?
Зи нафси чанд худкома? Зи наҳси чанд патёра?

Туро мегӯям, эй модар, туро мегӯям, эй хоҳар,
Ки бо ман бош, то бинмоямат шаҳроҳи ангора.

Биё, то бишнавӣ аз ман суруди ҷовидони Мо:
Дари уммед бикшоям, на дарвоза, на дарсора.

Биё, дар пои он модар, ки моро зод, сар бинҳем,
Ки то сайёра гардон бод, ҷунбон бод гаҳвора!

*феврали 1998*

* * *

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?

Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор
Помолу фано зулмати шаб мешуда бошад?

Фарзанд, ки бар ҷони падар теғ кашида,
Бишкастагари теғи ғазаб мешуда бошад?

Бар куштани фарзанд падар низ занад теғ,
Дар байн суоле зи насаб мешуда бошад?

Дар ларза бадан аз асари таб шуда бисёр,
Нобуд чунин ларзаву таб мешуда бошад?

Аз дидаи дар гиря бувад хоб фирорӣ,
Меҳмон ба дари дида ғанаб мешуда бошад?

Кӣ кард ҷафо пешу кӣ овард бало пеш,
Бо ченаки таърих ваҷаб мешуда бошад?

Бар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям
Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад?

Илҳоми гурезанда садо дод зи дурӣ:
Рози ту ба ин бахт сабаб мешуда бошад?

# ҶОМА

*(Илҳом аз оши оштии Хуҷанд)*

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ!

Ин қадар ҷома туро зеб диҳад,
Ба рухат акси рухи себ диҳад.
Ба нигоҳам қадамат гулбез аст,
Дар бағал боғу чаман омадаӣ.

Ҷомаи тоза муборак бошад,
Ҳусни шероза муборак бошад!
Раҳи пурнур дар он метобад,
Зи раҳи нурфикан омадаӣ.

Ба ҳамин ҷома дигар банд миён,
Ҷомаро дор нигоҳу мадарон.
Сари ҳар риштаву кӯкаш бахт аст ,
Бахт дар бар ба Ватан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ панаҳҷо бар мо,
Қимат аз сарвати дунё бар мо.
Шарафат бод, ки ҳиммат карда,
Зӯр бвр ҳиллаву фан омадаӣ.

Тирамаҳ ранги баҳорон бигрифт,
Зиндагӣ аз сари нав ҷон бигрифт.
Оби ҷӯ соф шуд аз хуноба,
Марҳами реши бадан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ!

*Меҳмон БАХТӢ*

## ҒАЗАЛИ СУЛҲ

Ин, ки мебинӣ, манам як ғолиби майдони сулҳ,
Дар баҳои ҷони худ тоҷики саргардони сулҳ.

Субҳи содиқ медамад аз шонаи сабзи Ватан,
Дар фазои созгори чеҳраи хандони сулҳ.

Рӯзгорон бо фиребаш ҳушдоре медиҳад,
Осиёи рӯзии мо чархаи гардони сулҳ.

Дар сукути зулмати таърих будем, эй дареғ,
Бедаво, бемуттако дар сурати армони сулҳ.

Роҳи пирӯзии мо бо мушкилӣ тай мешавад,
Мебаранд охир ба манзил халқро мардони сулҳ.

Тоҷики озодадил, уммедпарварро бубин,
Ҷонситону ҷонфишон бигрифта аз домони сулҳ.

Киштии мо аз дами тӯфони дунё меравад,
Дасту бозуи қавӣ бигрифта сарфармони сулҳ.

Пас аз ин андар дифои марзи покат, эй Ватан,
Мерасад аз Оли Сомон фавҷи фарзандони сулҳ.

*Теҳрон, майи соли 1997*
*(пас аз ба имзо расидани Созишномаи*
*сулҳ ва анҷоми музокироти тоҷикон)*

## ҒАЗАЛИ ВАҲДАТ

Дӯстон, бо ҳам бисозед, ин замони ваҳдат аст ,
Ҳамдилу ҳамдард будан ҷисму ҷони ваҳдат аст.

Он қадарҳо ваҳдати сарду забонӣ сохтем,
Он ҳама акнун дигар захре ба хони ваҳдат аст.

Мардуми Хатлону Раштонанд аз як хоки пок,
Ошноиҳояшон дар ошёни ваҳдат аст.

Дар Бадахшону Зарафшон, дар Ҳисори шодмон,
Худшиносиву худафрӯзӣ тавони ваҳдат аст.

Марзи Вахшону заминҳои барӯманди Хуҷанд
Хурраму сарсабз аз оби равони ваҳдат аст.

Мешавад Сурхобу Хингоб оқибат Вахши бузург,
Ин баҳамоӣ чу шаҳрӯди дамони ваҳдат аст.

Тоҷик аз тоҷик афтодаст дур аз ҳамдигар,
Аз парешонии худ дар ормони ваҳдат аст.

Гар сари овози якро дигаре гирад ба меҳр,
Гардад овозе, ки ҷовидон равони ваҳдат аст.

Эй, ки месӯзӣ ба уммеди фурӯғи кишварат,
Дар забону дил яке будан нишони ваҳдат аст.

Ҳусну нерӯи ватанро мекунад ваҳдат фузун,
Тоҷикистон хонадони ҷовидони ваҳдат аст.

*апрели соли 1992*

*Ғаффор МИРЗО*

## МУБОРАК БОШАД

Чӣ навиде! Хабари ид муборак бошад!
Ид дар домани хуршед муборак бошад!

Милки пӯшида бибардошт нигоҳе ба нигоҳ,
Мижаи баста кушоид, муборак бошад.

Панҷаи оштӣ гардид ду мушти паси пушт,
Тарафайн оз бубахшид, муборак бошад.

Нони ноҳис ба муроди ҳама ҳис хоҳад шуд,
Кӣ чунин нонשиканон дид, муборак бошад!

Рухи пуркида ба авзоъи табассум баргашт,
Дили чӯкида баҷо шид, муборак бошад.

Ваҳдати моддии миллат ва мусулмонии он
Ёфт сарриштаи тавҳид, муборак бошад!

Ағбаҳову дараҳои навмедӣ тай шуд,
Маслаки равшани уммед муборак бошад.

Сарвари давлати моро ба ҳалолию ҳақӣ,
Ҳунару санъати тамҳид муборак бошад.

Дӯстон, ҳамватанон, ид муборак бошад,
Зафари маслиҳати ҷидд муборак бошад.

***Мӯъмин ҚАНОАТ***

# РУБОИЁТ

Озодии мо ба худ расидан будаст,
Дар марҳилае зи худ раҳидан будаст.
Озодии мо на сар ба гардун судан,
Аз тораки хештан ҷаҳидан будаст.

*Кушоиши Роҳи Абрешим ҳамчу роҳи фардои тоҷикон фархунда бод!*

*Аз Яхчи Поён то Зигар ҷои касногузар буд. Мушкилоти он ба шакли устура ба эътиқод ва боварҳои мардум даромадааст. Даҳани Аждаҳо, Девдара, Обчак, Тиёқпарто, Ҷон дар кафи даст, Аллоҳ Акбар, Камарбанд. Ҳамон нуқтаи ҷуғрофии Иронвич, ки муҳаққиқон меҷустанд, ҳамин аст. Пули Чимнот, қиссаи обу аждаҳо ва ғайра.*

*Ва ин роҳи васл ба сӯи асл аст!*

Моем ниҳода сина бар синаи санг,
Ҷӯем таҷаллие зи ойинаи санг.
Мо санг шудему санги мо об нашуд,
Аз меҳри гиёҳ амону аз кинаи санг!

Роҳе, ки зи Коми Аждаҳо мегузарад,
Аз он дами субҳидам даҳо мегузарад.
Зоди сафараш ниҳод дар мулки Шикай,
Аз раҳгузараш оби бақо мегузарад.

Дар Девдара парӣ надидаст касе,
Аз нахли умед бар начидаст касе,
Бо фотиҳа бигзашт аз ин ҷой ҳаме,
Бо қатра зи Обчак чакидаст касе.

Афтид асо ба обу шаҳпул нашуд,
Умру самараш ба арзи каҷкӯл нашуд.
Гар роҳ набуд, мо ҳама роҳ шудем,
Аз ҳосили умри рафта маҳсул нашуд.

Аз марҳилае ба ном Аллоҳ Акбар,
Моро бирасон ба сӯи чархи ахзар.
Омад ҳадасе, ки солики роҳгузар,
Аз чоҳ бурун омадӣ, аз Моҳ гузар!

Ин роҳи ҳақиқат аст, афсона куҷост,
Ҷон дар кафи дасти мост, ҷонона куҷост?
Як умр дар ин ҷода иморат кардем,
Паймон нашикастӣ, ёр, паймона куҷост?

Афсӯс, зи раҳравон на по монд, на пай,
На нашъаи май баҷост, на нолаи най.
Ёрон ҳама ҷодаҳои худро бурданд,
Ку Борбаде, ки ояд аз шаҳри Нусай?

Ин Дашти Ҷам аст, ҷоми Ҷамшед биёр!
Эй мурғи саҳар, бихону хуршед биёр!
Дар Руму Араб агар надорӣ дасте,
Шо-Носири дигаре зи Ёгед биёр!

Дар кӯҳи Камарбанд камар боз макун,
Дар зери самои танг парвоз макун.
Уммеди Зиғар расиданатро чи бурӣ?
Дар нимараҳӣ, раҳи нав оғоз макун!

Меъмори азал аҷаб раҳе сохтааст,
Меъмори наве тарҳи нав андохтааст.
Дар рӯи замин чунин раҳе нест, биё,
Меъмор чу кӯҳ қомат афрохтааст!

## ДУБАЙТИҲО

Рамузи Ваҳдат аз наврӯз омӯз,
Ва ё аз тифли навомӯз омӯз.
Зудудан дудаҳои осмонро
Ба зери осмон аз рӯз омӯз.

Рамузи Ваҳдати олам ҳамин аст,
Нумӯи сабза аз лутфи замин аст.
Гаҳе борону гоҳе санг борад,
Чӣ чархишҳо, ки дар чархи барин аст.

Замини ташна рӯзе об ёбад,
Чу ринде, ки шароби ноб ёбад.
Зи чархишҳои сар ё чархи ахзар
Саҳар хуршеду шаб маҳтоб ёбад.

Замин чархад, ҳамечархад сари ман,
Ки меафтад зи дастам соғари ман.
Замин ҷому ҳама дарёст дар он,
Нарезад қатрае з-ин ҷоми гардон.

Ту ваҳдат аз дили бекина омӯз,
Намуди ростӣ з-ойина омӯз.
Нигаҳдории ойини ҳақиқат
Зи бишкан-бишкани порина омӯз!

Зи Миррих табли ҷанг ояд ҳамеша,
Зи Зӯҳра ною чанг ояд ҳамеша,
Аё Симурғ, Золи нав куҷо шуд,
Зи кӯҳи Қоф санг ояд ҳамеша.

Раҳи ваҳдат зи санги пора бигзашт,
Баланду пастро ҳамвора бигзашт.
Ҳазар кун аз раҳи дилҳои сангин,
Ки ҳар кӣ з-он гузашт, овора бигзашт.

## ВОПАСИН АБЁТ

Дӯстон, ваҳдат намеомад, агар ҳиммат намешуд,
Маҳв мегаштем, моро гар чунин қудрат намешуд.

Ақлҳоро гар намеовард ин мӯъҷиз ба ҷунбиш,
Тоҷики сарсахт ҳаргиз соҳиби нусрат намешуд.

Гар хирадмандӣ намеомад ба имдоди халоиқ,
Мардуми мо бемуҳобо соҳиби давлат намешуд…

* * *

Чанд рӯзи хуш агар то зиндагонӣ дидаем,
Аз камоли якдилию якзабонӣ дидаем…

* * *

Ҳаббазо сулҳу сафо! Шукронаи ваҳдат кунем,
Хонаи дилро бадал бо хонаи ваҳдат кунем[1]…

---

[1] Ин абёти парешон, ки манзури хонандагони соҳибзавқ мегардад, аз зумраи охирин таълифоти устод Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ буда, онро ду рӯз пеш аз фавташ навиштааст.

*Абдумалик БАҲОРӢ*

## ДИЛҲОИ ПУРҲАРОРАТ

Мо, бинокорони дунёи навин,
Ошиқони меҳнати ҳаққу ҳалол.
Мениҳем андар раҳи ваҳдат қадам,
Роҳи фикру мақсади мо безавол.

Дӯст медорему хизмат мекунем
Бо садоқат мо ба мулки меҳрубон.
Гаштаю баргашта даъват мекунем,
Халқи оламро ба сулҳи ҷовидон.

Сулҳ–ҳусни боғҳои рӯҳбахш,
Нозу неъматҳои дастархони мост.
Сулҳ–нури барқи Норак, нури Вахш,
Сулҳ овози дили ҷӯшони мост.

Сулҳҷӯёни ҷаҳонро ёварем,
Зидди душман мавҷи обу оташем.
Халқ фармояд, ба ҷо меоварем,
Гар Ватан даъват кунад, саф мекашем!

*Убайд РАҶАБ*

## ВАТАНИ ВАҲДАТ

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Мулки мардони сарафроз,
Ман агар кӯтоҳумрам,
Умри ту бодо дароз.

Шукр гӯям, аз ман астӣ,
Бо ман астӣ, модар астӣ,
Аз барои ман ягона
Дар ҳама баҳру бар астӣ.

Шукр гӯям, шукри беҳад,
Ки ду чашми сери худро
Боз кардам, боз кардам
Дар канори ту ба дунё.

Устухонам сахт гардид
Аз ҳавою обу хокат,
Ҷони ман дорад ҳузуре
Аз ғубори хоки покат.

Дар барат чун арчаи ту
Саркашонам, қадкашонам,
Дур гардам аз ту, мирам,
Зист бе ту чун тавонам?

Шукр гӯям, шукри беҳад,
Ки надидам рӯи зардат…
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ман набинам доғу дардат!

*Қутбӣ КИРОМ*

## ОБОД МЕШАВАМ

Аз як дами саҳар, хуршеди зарравар,
Бинам башорат ар аз шавкати башар,
Обод мешавам!

Гар мӯри хӯшачин, чун хатти дилнишин,
Дар дафтари замин, бикшод болу пар,
Обод мешавам!

Мавҷи ситораро, мисли шарораҳо
Бар дида карда ҷо бо шамсу бо қамар,
Обод мешавам!

Аз як нигоҳи гарм, з-атри ҳаёву шарм,
В-аз ними ҳарфи нарм бӯсида баҳрубар,
Обод мешавам!

Ҳар барги лолае, чун ҳаждасолае,
Орад пиёлае бо лаълии саҳар,
Обод мешавам!

Ҳамсоядухтарон, бо рӯи арғувон,
Чун села кафтарон боло шаванд агар,
Обод мешавам!

Ранҷида ёри ман, боғу баҳори ман,
Дар шоми тори ман ояд маро ба дар,
Обод мешавам!

Рақси Саидаро, он нури дидаро,
Бо сад умедҳо оварда бар назар,
Обод мешавам!

Дар мавҷи бисмилам, сар то ба по дилам,
Сайёду соилам, пурсӣ зи ман хабар,
Обод мешавам!

Ҳар тору пуди ман, буду набуди ман,
Чархи кабуди ман сӯи ту раҳнигар,
Обод мешавам!

## ИСТИҚЛОЛ

Оби истиқлол хун шуд,
Ошиқиҳоям ҷунун шуд.

Аспи мастам роҳгум зад,
Шаҳсавори ман забун шуд.

Орзу аз дил бадар рафт,
Нолаҳои ман дарун шуд.

Кам гирифтам қарзи ёрон,
Дарду доғи ман фузун шуд.

Дӯст то бар сар нишондам,
Душмани ман сарнагун шуд.

## ЭЙ, КАМОНБАРДАСТ

Эй, камонбардаст,
Камонабрӯи ту дар хона гирён.
Осмону ҷониби ӯ чашми ҳайрон.
Қомати ӯ чун камон хамгашта,
Бингар,
Он камони хеш бигзор.
Рав, камонабрӯи худ бар дида бардор!

## ДАРДИ МИЛЛАТ

Худоё, тоҷиконатро амон бахшо зи худхоӣ,
Дилам садпора шуд аз маншаи «инҷоӣ»-  «онҷоӣ».

Суханнодон, суханнодидаҳо имрӯз пурҳарфанд,
Дареғо, нуктадоне, нуктасанҷе, нуктафармое.

Ба ҳар кӣ бингарам теғи забонаш қатл мехоҳад,
Дареғо, шарбате, нуқле, наботе, мағзу ҳалвое.

Зи чашми мардуме ҷои муҳаббат кина мерезад,
Дареғо, наргису бодому оҳуеву ҷодуе.

Сари як мӯй меистанд қавми номуросое,
Дареғо, хатти Аттореву тори меҳри Мавлое.

Касе аз баҳри миллат сӯхт, ё худро ба об афганд!
Дареғо, Ғӯриё ё Маздаке, фарзанди Саққое.

Сари як барг буда рӯдавиданҳои мо, мардум
Дареғо, Шаҳри Сабзу Шоҳи Сабзу шеъри Сабзоӣ.

Ба по ночида хоре, «шоирони миллат» афзуданд,
Дареғо, Туғрале, Айнулқузоте, шайх Саҳбое.

Бухороӣ матои хешро аз гумруке ҷӯяд,
Намепурсад куҷо шуд сад вагон тиллои бобоӣ.

Чу тухми ҳиммати мо аз замини мо нашуд боло,
Дареғо, Балъамӣ, шоир Ҳисомӣ…
Бахяпартоӣ…

# ЧАНД ТАРОНА

## НОЗИШ

Хорро гулзор кардӣ, зинда бош,
Муштро хирвор кардӣ, зинда бош,
Хобро бедор кардӣ, зинда бош,
Бо ту менозад ватан, ту бо ватан.

Ту хазонро навбаҳор омӯхтӣ,
Мустамандиро виқор омӯхтӣ,
Нобарориро барор омӯхтӣ,
Бо ту менозад ватан, ту бо ватан.

Чун гираҳ раҳро кушодӣ сӯ ба сӯ,
Об гаштиву бирафтӣ ҷӯ ба ҷӯ,
Муждаи сабзиш расондӣ кӯ ба кӯ,
Бо ту менозад ватан, ту бо ватан.

Буда эъҷози ту эъҷози ватан,
Авҷи парвози ту парвози ватан,
Мавҷи овози ту овози ватан,
Бо ту менозад ватан, ту бо ватан.

Тоҷикистон сарбаланд асту ту низ,
Кишвари оламписанд асту ту низ.
Зери гардун бегазанд асту ту низ,
Бо ту менозад ватан, ту бо ватан.

## ПАНҶАКЕНТ

Аҷаб пири ҷавонбахтӣ,
Ки уммед ҷавон дорӣ,
Агар розе ту бикшудӣ,
Ҳазорон дар ниҳон дорӣ,
Саразмат гарчи хомӯш аст,
Ту аз Қайнар забон дорӣ.
Ту бо лабҳои Деваштич
Такаллум бо замон дорӣ.
Диёри номдори ман–
Панҷакент!
Баҳори гулнисори ман–
Панҷакент!
Зи Рӯдак Рӯдакӣ бархост,
Ҷаҳони шеър пайдо шуд,
Сухан то ҷони Лоиқ сӯхт,
Чароғи роҳи фардо шуд,
Талоши равшани мардум
Шукуфту ҳусни саҳро шуд,
Зарафшону зари нобаш
Зи нав машҳури дунё шуд.
Диёри номдори ман–
Панҷакент!
Баҳори гулнисори ман–
Панҷакент!
Агар имрӯзи ту зебост,
Бувад фардот зеботар,
Агар имрӯзи ту пайдост,
Бувад фардот пайдотар,
Чу бо пириву бо тадбир,
Шавӣ ҳар лаҳза барнотар.
Суруди ифтихори ту
Расад шевою гӯётар.
Диёри номдори ман–
Панҷакент!
Баҳори гулнисори ман–
Панҷакент!

## ШУКРОНА

Ассалом, эй аслу эй бунёди ман,
Ассалом, эй хонаи аҷдоди ман,
Гар замоне дур афтодам зи ту,
Дур н-афтодӣ даме аз ёди ман.

Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.

Бе ту ҷонам дар тани ман ҷон набуд,
Нони бе ту хӯрдаи ман нон набуд,
Сӯйи ту буд дидаи уммеди ман,
Ғайри армони туам армон набуд.

Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.

Дар ба дар гаштам, дари бахтам нашуд,
Дасти лутфе бар сари сахтам нашуд.
Хоби роҳатро надидам зери чарх,
То ки хору санги ту рахтам нашуд.

Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.

Рӯйи ту дидам, ғамам бигзашту рафт,
Ҳасрати бешу камам бигзашту рафт,
Аз аҷал парво надорам баъд аз ин,
Ҳаҷри ту аз оламам бигзашту рафт.

Шукри номат, эй Ватан, сад шукри ту,
Маънии ҳастии ман, сад шукри ту.

## ЗИНДА БОШ

Зиндагиро пурнаво кардӣ, ташаккур,
Синаҳоро пурсафо кардӣ, ташаккур,
Аз дигар моро ту мо кардӣ, ташаккур,
Дар раҳи меҳру вафо кардӣ, ташаккур.

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро.

Хандаи тифлон бубину гулфишон бош,
Бо ҷавонон ошиқӣ кун, навҷавон бош,
Зери чархи давргардон бехазон бош,
Бо ҷаҳон бошу азизи сад ҷаҳон бош.

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро.

Миллати моро сари боло сазовор,
Ақли равшан, дидаи бино сазовор,
Эътибору иззати дунё сазовор,
Ифтихору шӯҳрати фардо сазовор.

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро.

## ХОНАИ ИНСОН

Бахти ту ҳамхонаи мову ман аст,
Хонаи мо зери фалак равшан аст.
Хонаи он зода, ки обод нест,
Лаҳзае аз зиндагӣ дилшод нест.

Ҳифз бикун хонаи инсонро,
Маншаи афсонаи инсонро.

Одам агар нийяти хасмона дошт,
Рӯйи заминро ҳама вайрона дошт.
Одам агар нийяти ёрона кард,
Рӯйи ҷаҳонро ҳама ҷонона кард.

Ҳифз бикун хонаи инсонро,
Маншаи афсонаи инсонро.

Мон, ки чароғи ману мо зинда бод,
Бому дари мову ту поянда бод.
Мон, ки замин – хонаи уммеди мо –
Пур шавад аз тантанаи иди мо.

Ҳифз бикун хонаи инсонро,
Маншаи афсонаи инсонро.

*Аскар ҲАКИМ*

## ТОҶИКИСТОН АСТУ ИСТИҚЛОЛ…

Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,
Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.
Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,
Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.
Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,
Ӯ на гарди хоки покат, балки сар гум мекунад.

То забон бикшоям аз ишқат, маро бикшо забон,
То ба деҳқон чун замини пахта бахшоям сурур.
То ситоям кӯҳу водият чу дарёи равон,
Карда гардон парраҳоро, к-он шавад дарёи нур.
Ишқи ман набвад ба ту ҳаргиз фақат ҳарфу сухан,
Баски ишқи ту дамида ҷои ҷонам дар бадан.

Бодҳо дар пуштаҳо аз меҳри ман хонад суруд,
Мавҷҳо дар рӯдҳо аз ишқи ман хонад ғазал,
Офтоб аз қуллаҳо аз сидқи ман гӯяд дуруд,
Тоҷикистон, баҳри ту, ишқи азизи бебадал.
Ман баландам аз само, то зери гардуни туам,
Дар рагу шарёни ту як қатраи хуни туам.

Достони нусрати ту дар замину осмон,
Ахтарон рӯйи ливоят карда аз гардун нузул.
Гарчи ҳамчун Тоҷикистон арзу тӯли ту аён,
Лек ҳамчун хоки тоҷикон надорӣ арзу тӯл.
Решаи тоҷик равад аз хиттае бар хиттае,
Бо ҳама илму фанаш аз қитъае бар қитъае.

Аз азал ин кӯҳсорон ҳамчу боми тоҷик аст,
Боми ҳар як тоҷике бошад ба гардун ҳамҷавор.
Аз ниёгон ёдгори мо чу номи тоҷик аст,
Тоҷикистон асту истиқлол аз мо ёдгор.
Сабз бошӣ, хоки тоҷик, ҳамҷавори осмон,
То зиям андар канорат ҳамканори осмон.

## БА ЮМНИ СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ

Биё бо ман,
Агар дар осмони синаат хуршед пайдо нест,
Ҳавои хотират абристу буғзе ба дил дорад.
Вале борути раъде нест, то тарконадаш як бор,
Ки чашмонат шавад равшан,
Ҳаво борад.

Биё бо ман, агар дашти дилат аз лолаҳо холист
Ва мавҷи нарми гандумзорҳо аз ёди ту рафта.
Дигар ин дашт як саҳрои сӯзонест,
Ки хокаш регу регаш тобаи тафта,
На ёди ҷӯйбораш мондаву обе,
На дар бедориву хобе.

Биё бо ман,
агар дар дашти ту оҳу ҷуз оҳе нест
Ва ё дар пеши чашми ошиқат оҳунигоҳе нест
Ва ё дар арсаи мардони размовар,
ки ҷойи пештозиҳост,
Далерию далератро саманду пойгоҳе нест.

Биё бо ман, ки набвад ҳеҷ ҷойи шикваву афсӯс,
Ки ин як лаҳзае, онест,
Ки ҷовидон дурахшад бар сарат як осмон хуршед,
Ки дашти лолаҳоят зери по қолии алвонест
Ва оҳуҳои чашми ошиқи Лайло
Ба ду паҳлӯйи Маҷнуни хиёбонест.

Ту худ, к-аз Хоҷаи Ҳофиз наӣ
ҳаргиз ба ҳиммат кам,
Ба холи тоҷикии пушти лаб ин ёри моро ҳам,
Чӣ мушкил,
гар бубахшӣ яксара Порису Ланданро,
Ки ҳоло рафтааст аз даст, сад ҳайфо,
Самарқанду Бухоро ҳам.
Биёву тоза ҷон бахшой расми ҳадя карданро.

Биё, к-ин соҳати сабзи Замин дар зери пойи туст,
(Чу он гирд аст чун гирду),
Ба ҳар ҷояш қадам бардорию монӣ,
Ту андар маркази онӣ
Ва ё худ меҳвар астӣ ту.

Биё, як осмон исторахову моҳтоб аз туст,
Шабе зеботар аз ҳар шеъру афсона,
Ки ин шаб ғайри парвозат набошад чорае дигар,
Ки кай гунҷад дили парвозият
дар синаву хона?!

Биё, к-имшаб туро ҷашни арӯсӣ асту домодӣ,
Агар шодӣ ҷаҳон дорад,
бигир, аз туст ҳол ин як ҷаҳон шодӣ,
Ба юмни субҳи истиқлолу озодию ободӣ!

*Сафармуҳаммад АЙЮБӢ*

## ИСТИҚЛОЛ

Шуд мубарро савти ною чанги истиқлол,
Лаззати ишқ аст дар оҳанги истиқлол.

Реги истиқлол тобад беҳтар аз марҷон ,
Баркаши кӯҳ аст дар посанги истиқлол.

Маъдани ин мулк бошад ҷавҳари дониш,
Фарри яздонист дар фарҳанги истиқлол.

Рангбасти зиндагиро рангрезӣ нест,
Пурҷило бошад ҳамеша ранги истиқлол.

Мӯр гардиданд морони замони ҷанг,
Роҳи ҷонбозист ҳар фарсанги истиқлол.

Рӯ ба сӯи офтоби фазл бинмуданд
Сафкашу сарлашкару сарҳанги истиқлол.

Ку касе к-аз бениёзӣ кард истиғно,
Нест дар олам касе дилтанги истиқлол.

Дар таҷаллоянд рӯи саҳнаи айём
Лоларухсорони шӯху шанги истиқлол.

Лаззати нуқли ҷалоли сулҳро доранд,
Хӯшаҳои пухтаи ованги истиқлол

Эй мусаввир, ин саодатро ба лавҳ овар,
Манзари ҳусн аст дар аржанги истиқлол.

Мӯсафедеро бидидам, шукри ҳақ мегуфт,
Дар руху пешонааш ожанги истиқлол:

К-эй Худо, шукронаи ин боргоҳи сабз,
Мазҳари ангуштару авранги истиқлол.

Бар ҳисори сабзи дилҳо роҳ пайдо шуд,
Гашт паҳно кӯчароҳи танги истиқлол.

## СУРУДИ ТОҶИКИСТОН

Бонишон Давлати дар ҷаҳон мустақил,
Ҷовидон миллати дар асолат ҷалил.
Лафзи ширини ту дар узубат шакар,
Сирати ту ҷалӣ, сурати ту ҷамил.

Тоҷикистон, туӣ номвар,
Узви комилҳуқуқи башар.

Дар масири ҷаҳон, роҳи ту дунявӣ,
Поятахтат қавӣ, гоҳи ту дунявӣ.
Парчамат дар ҷаҳон рамзи фарҳанги сулҳ,
Тоҷи зар рӯи ҳиргоҳи ту дунявӣ.

Тоҷикистон, туӣ номвар,
Узви комилҳуқуқи башар.

Қуллаи кӯҳи ту, қутби сулҳи ҷаҳон,
Остони дарат минбари воизон.
Кашфи Девони ту мактаби осафон,
Дафтари фазли ту раҳнамои замон.

Тоҷикистон, туӣ номвар,
Узви комилҳуқуқи башар.

## ТОҶИ МАН

Тоҷикистони азизам, Ватанам, модари ҳусн,
Сари сабзи ту бувад сояи сабзи сари ҳусн.
Навдаи сабзи ту дар боғ расоӣ дорад,
Шохаи хушки ту даъвии асоӣ дорад.

Меҳр аз қалби самовот сафо мерезад,
Қатраи шабнамат аз чашми Худо мерезад.
Хуни оташ зи раги санги ту дар ҷӯш бувад,
Ҳар гули боғи ту як қиссаи хомӯш бувад.
Ҳафт ахтар чу сар аз ҷайби гиребон дорӣ,
Сари тавҳид бурун то дари яздон дорӣ.
Хиради туст давида ба раги пайкари мо,
Бувад андешаи хоки раҳи ту дар сари мо.
Осмон тахти бузургии бузургони ту ҳаст,
Фазли сомони ҷаҳон мактаби сомони ту ҳаст.
Тоҷро бар сари тоҷик зи тинат додӣ,
Даҳрро турфа зи тоҷик ту зиннат додӣ.
Саҷда бар хок задан мазҳари меъроҷи ман аст,
Эй Ватан, гарди раҳат дар сари ман тоҷи ман аст.

## ИШҚРО ПЕШИ МАН ОРЕД

Булбули зори гулам, ғунчаи лаб боз кунед,
Нои минқори маро килки сухансоз кунед.
Ишқро пеши ман оред, ки пар бикшоям,
Вароқи шеъри маро шаҳпари парвоз кунед.
Набзро дар баданам шавкати Сайҳун бахшед,
Шеърро аз дили Ҷайҳуни ман оғоз кунед.
Синаи танги маро водии Кӯлоб кунед,
Хонаи ишқи маро даргаҳи Дарвоз кунед.
Ба Зарафшони сарам ахтари Раштон пошед,
Вахшро дар нигаҳам оинапардоз кунед.
Сари сангини маро Қуллаи Помир кунед,
Гунаи сарди маро лолаи Шероз кунед.
Аз Ҳисори дили ман равзани ҳақ бикшоед,
Аз дили Каъбаи ишқам ба Худо роз кунед.

*Ҳақназар ҒОИБ*

## ЭЙ САОДАТИ ВАТАН

Эй саодати Ватан
Дар ибодати Ватан,
Каъбаи вафои туст
Меҳру тоати Ватан.

Савганди ту муқаддасу бо шири модар аст,
Савганди ту муқаддасу бо номи кишвар аст.
Савганди ту ба номи бузургии миллат аст,
Савганди ту ба номи Худованди акбар аст.

Эй саодати Ватан
Дар ибодати Ватан,
Каъбаи вафои туст
Меҳру тоати Ватан.

Ҳар кас равад ба роҳи ту, бологузар шавад,
Бар модари бузургу Ватан мӯътабар шавад.
Шайтонпараст мешавад, он кас ки бо ту нест,
Ҳар кас, ки ёри ту шавад, он бозафар шавад.

Эй саодати Ватан
Дар ибодати Ватан,
Каъбаи вафои туст
Меҳру тоати Ватан.

Бо туст ҳар ки меҳру вафоро шиносад ӯ,
Пайғамбари замину саморо шиносад ӯ.
Дар ҷони хеш ҷони Ватанро бубинад ӯ,
Халқи азизу ҳаққи Худоро шиносад ӯ.

Эй саодати Ватан
Дар ибодати Ватан,
Каъбаи вафои туст
Меҳру тоати Ватан.

## ДУШАНБЕ

Аз меҳри дилу нури басар тахти Душанбе,
Аз дӯстии аҳли башар бахти Душанбе.

Аз фарри Каён фарри ҳама рӯзу шабонаш,
Шаъни падарон дар тану дар хуни равонаш.
Аз хандаи хуршедии ишқ аст бисоташ,
Яъне, ки ба Ҳурмузд расад риштаи ҷонаш.

Яъне ки бувад хонаи Хуршеди Душанбе,
Мӯъҷизаи афсонаи Хуршеди Душанбе.

«Шаҳнома»-и хоност китобаш ба ҷаҳонҳо,
Ишқи дили Мавлост китобаш ба ҷаҳонҳо.
Ин Меҳани Синост, бидонад ҳама дунё,
Дилномаи зебост китобаш ба ҷаҳонҳо.

Мерос зи Синою зи Мавлост Душанбе,
Яктошудаи давру замонҳост Душанбе.

## ТОҶИКИСТОН,
## ПАРЧАМАТ ПОЯНДА БОД

Рангҳои парчами мо хушҷило,
Тоҷи он мероси кайшоҳӣ ба мо.
Ҳафт ахтар ҳафт бурҷи роҳи нур,
Раҳкушои олами бахту сурур.

Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!

Ранги сабзаш сабз шуд аз ҷони мо,
Ранги сурхаш хуни аҷдодони мо.
Дар сафедияш раҳи бахти сафед,
Мебарад моро ба фардои умед.

Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!

*Сайидалӣ МАЪМУР*

## ТОҶИКИСТОНИ ОЗОД

Тоҷикистон,
Мардумонат
Асрҳо озодиатро орзӯ карданд,
Ҳамчу ганҷи бебаҳое ҷустуҷӯ карданд.
Ҳам дили кӯҳи туро бишкофтанд.
Кони нуқра,
Кони тилло ёфтанд,
Лек озодии ту ноёб буд,
Дар хаёлу хоб буд.

Нуқраю тиллои ту гашта насиби дигарон,
Мардумат бедору бахташ буд дар хоби гарон.
Дар раҳи озодии ту кӯҳ шуда девори сангин.
Гашта мармар ашкҳои талхи дерин,
Буд истиқлолхоҳат дилҳазин.
Дуди оҳаш бар сараш абри сияҳ мешуд,
Дар миёни пардаи ғам
Рӯҳи озодаш панаҳ мешуд.

Ногаҳон
Баъди чандин асри армону ҷудоӣ,
Ҳамчу инъоми худоӣ
Бар ту истиқлол омад,
соҳибистиқлол гаштӣ.
Баъди Сомонӣ дубора
Ворисӣ ин бахт,
Ин иқбол гаштӣ.
Шодии дилҳост истиқлоли ту,
Хандаи бахти туву иқболи ту.

Тоҷикистон,
Пештар аз ҷашни ту
Асри нав омад ба истиқбол.
Асри нав
Асри шукуфоии ту гардад,
Ҷашни истиқлол
Ҷашни тиллоии ту гардад.

## АХТАРИ МАН

Аз миёни ситораҳои зиёд
Ахтари дури ман намоён аст.
Он на дар осмони мулки дигар,
Бал ба гардуни Тоҷикистон аст.

Ҳар куҷое, ки роҳ бигрифтам,
Буд он ҷой ахтарам бо ман.
Аз сафарҳои дур баргаштам,
Тори сар буд ахтарам равшан.

Гум нашуд бо ҳидояташ роҳам,
Омадам боз бар канори Ватан.
Ман намондам ба хоки бегона,
Нашудам зори обу хори Ватан.

Худ, ки дилро накандаам аз ту,
Тоҷикистон, манам аз он зинда.
То ту ҳастию осмонат ҳаст,
Ахтари ман намешавад канда.

## ҶАҲОНЕ ДАР ҶАҲОН

Агарчи Тоҷикистонам калон нест,
Ҷаҳон дар чашми ман бе он аён нест.
Ба уқёнусу баҳру наҳрҳояш
Маро беҳтар зи Вахшу Зарфишон нест.
Агар бошад фузун кӯҳи баландаш,
Вале ҷои дигар Боми Ҷаҳон нест.
Агарчи мардумони беш дорад,
Шумораш бештар бе тоҷикон нест.
Ҷаҳон дорад агар қавми қадимӣ,
Зи суғди бостон бе он нишон нест.
Суханвар дар ҷаҳон гарчи зиёд аст,
Ба сони Рӯдакӣ соҳибқирон нест.
Чӣ ҷӯям ҷаннати рӯи заминро,
Диёрам бе гулистон, бӯстон нест.

Агарчи дар масоҳат танг тобад,
Чу тоҷик дилкушоде дар замон нест.
Ҷаҳоне дар ҷаҳон бошад бароям,
Ҷаҳон бе Тоҷикистонам ҷаҳон нест.

## ХОКИ ВАТАН

Чун тифли навзод омадам
Бар рӯи дунёи куҳан,
Бар ҷои хока доям
Хоки Ватан зад дар бадан.

Хоки Ватан дод обу нон,
Ман ёфтам зӯру тавон.
Бар қадри ин лутфу карам
Ман мерасам то ҷовидон.

Хоки Ватан маъво шудам
Дар гарму сарди рӯзгор.
Хоки Ватан дармон шудам
Бар ранҷу дарди рӯзгор.

Чун дур рафтам аз бараш,
Хоки Ватан овард боз.
Чун бар канораш омадам,
Бикшод боз оғӯши ноз.

Бо меҳру ихлос омадам
Чун бар дари хоки Ватан,
Ҳаргиз нахоҳам по ниҳод
Ноҷо сари хоки Ватан.

Ман бар дари хоки Ватан
Монам қадам фарзандвор.
Ман аз сари хоки Ватан
Бӯсе занам дилбандвор.

Ҳар гарди хокаш дар сафар
Болои мижгон кардаам.
Бо мушти хоки поки он
Кам дарди ҳиҷрон кардаам.

Бар қимати хоки Ватан
Ман беш аз худ мерасам.
Монам барои ворисон
Як гарди он нокарда кам.

Ман омадам бар ин ҷаҳон
Хоки Ватан андар бадан,
Худ хок гардам дар бадал,
Фардо бо домони Ватан!

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Беҳтарин ганҷи равонам, эй забони модарӣ,
Ман туро пайдо намудам аз ҷаҳони модарӣ.
Ҳар куҷо тоҷикро гар бехато бишнохтам,
Шуд шиносономае моро баёни модарӣ.
Ком ширин мешавад аз ҳар каломи ширадор,
Қадри он боло гузорам ҳамчу нони модарӣ.
Мисли гул зебову рангоранг бошад шевааш,
Оварад пеши назар дасторхони модарӣ.
Чун забони ман забони шеъри оламгир буд,
Мекунам ифшо ба он ҳар ормони модарӣ.
Модарам рафту забонаш монд мероси гарон,
Мондаам имрӯз чун меросбони модарӣ.
Ман забони ноб аз дуздон ҳимоят мекунам,
Нашнавам то ки дигар оҳу фиғони модарӣ.
Дигаре гар ганҷу кохе баъди худ монад нишон,
Ман забонам мегузорам чун нишони модарӣ.
Ҳам намемонам забони ман шавад хору залил,
Чунки бар ҷонам даромад он ба ҷони модарӣ.

## ДИЛБАСТА

Чашм бикшодам чу бар рӯи ҷаҳон,
Бо дуоят, эй Ватан, мондам амон.
Дил бубастам ман ба обу хоки ту,
То шудам бо обу хокат сабзҷон.

Рӯзам аз меғи ятимӣ тор буд,
Осмонат софу ахтарбор буд,
Аз самоят ахтарамро ёфтам,
Бахт хобу ахтарам бедор буд.

Пайраҳам аз домани кӯҳсор буд,
Роҳҳоят тангу ноҳамвор буд.
Аз раҳат роҳи ҳаётам мегузашт,
Ҳар қадам сангин буду душвор буд.

Дур аз ту рӯи чашмам буд хас,
Аз ҳавои ёд бигрифтам нафас.
Ҳар куҷо будам, набуд оромие,
Меҳри ту раҳтӯша буд то бозпас.

Бо дуоят зинда будам дар замон,
Бо хаёлат меравам аз ин ҷаҳон.
Баста будам дил ба обу хоки ту,
Мегузорам дил ба хокат ҷовидон.

## ҶОИ ТУ ДАР ДИЛИ МАН

Озод Тоҷикистон,
Обод манзили ман,
Ҷои ман аз бари ту,
Ҷои ту дар дили ман.

Худ ғамгусор будӣ
Дар рӯзи мушкили ман.
Кӯҳи ту гашт садде
Дар роҳи қотили ман.

Сабзонд хоки покат
Ҳар донаи умедам.
Хорат халид, аммо
Хорӣ зи ту надидам.

Чун бар ту мушкил омад,
Дур аз ту ман нагаштам.
Паймона гар шикастам,
Паймоншикан нагаштам…

Бо аслу насл мондам
Пайванду восили ту.
Шукрона мекунам боз
Бо обу бо гили ту.

Озод Тоҷикистон,
Обод манзили ман,
Ҷои ман аз бари ту,
Ҷои ту дар дили ман.

## ИЛТИҶО АЗ ВАТАНСАРОЁН

Беҳтарин ҳарфи муҳаббат Ватан аст,
Меҳру ихлосу садоқат Ватан аст.

Шеърбофӣ ҳунаре нест, ки нест,
Сухани аз ҳама қимат Ватан аст.

Шоиру шеър худододӣ аст,
Ҷуръату кӯшишу заҳмат Ватан аст.

Шоири шеъри сара доро нест,
Баҳри ӯ давлату сарват Ватан аст.

Худ Ватан гулшану хораш накунед,
Бар Ватандор ғанимат Ватан аст.

Худ Ватан шеъру шиораш накунед,
Пурбаҳо аз ҳама санъат Ватан аст.

Гар Ватанро ҳама модар хонанд,
Модари модари миллат Ватан аст.

## МО ТОҶИКОНЕМ

Мо дар замини лутфи Худоем,
Дар Боми дунё сар бар самоем,
Ҳамошёни Симурғ моем,
Тоҷи саодат бар сар бимонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

То нури фитрат бо мост, бо мост,
То дар дили мо нури «Авасто»-ст,
То партави ҳақ моро муҷаллост,
Аз раҳни[1] баҳмон[2] худро раҳонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо ҳамзабони аҳли биҳиштем,
Ҳамсолу ҳамхун бо Зардуҳиштем,
Мадюни ин бахт, ин сарнавиштем,
Аз рӯди Рӯдак баҳри дамонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо мӯсафеди таърихи пирем,
Меҳре зарогин андар замирем,
Некӣ намирад, мо менамирем,
Пайки ҷавонӣ аз бостонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Будем умре мо ёри некӣ,
Бурдем умре мо бори некӣ,
Пиндори некӣ, гуфтори некӣ,
Кирдори некӣ андар равонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

---

[1] Раҳн–гарав
[2] Баҳмон–номаълумӣ

Пайғоми сурӣ мо аз сурушем,
Эъломи ваҳдат мо аз Курушем,
Аҳли башарро дӯши ба дӯшем,
Аз остони он ростонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Бе данду[1] дунӣ дар олами дун,
Аз ҷабри таърих, аз оташу хун,
Ҳамчун Самандар вораста берун,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Дар роҳи мардӣ мо сарбадорем,
Бахшем сарро, сир кай барорем,
Дар пои меҳан сар мегузорем,
Ин гуна будем, ин гуна монем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Дар даст нома чун «Шоҳнома»,
Бо савту сози чангу чакома,
Бо мо силоҳе гар ҳаст хома,
Синосиришту Мавлонишонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Таърих моро афгор карда,
Сад ҷабр бар мо ағёр карда,
Бар шонаи мо шан[2] бор карда,
Аммо ҳамеша мо аҳли шонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

[1] Дандӣ–бедиёнатӣ
[2] Шан–санг

Меҳмоннавозу ваҳдатшиорем,
Бо некроён хешу таборем,
Чизе, ки дорем, аз дил барорем,
Дар пеши меҳмон мо ҷон бимонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Дар каф китобу дар лаб дурудем,
Мо аҳли ишқем, аҳли сурудем,
Мо суда сад раҳ сӯи суудем,
Мо Борбадро сози равонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Ҷоми Ҷами мо инъом бо мост,
Бо мост Ҳофиз, Хайём бо мост,
Тӯморгуна ин ном бо мост,
Саъдист чун саъд, мо дар амонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Озодагиро эҷод кардем,
Аз оз худро озод кардем,
Озодагиро мо зод кардем,
Мо зодагони озодагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо бо сафои оби зулолем,
Мо ҳамнавои кабки ҳилолем,
Ҳаққо, ҳақиқи[1] ҳаққи ҳалолем,
Чун чашмаҳомон покизаҷонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

---

[1] Ҳақиқи–сазовори, лоиқи.

Хуршеди ховар чун дар сари мост,
Тоҷи сари мо худ аз фари мост,
Хуршеди дигар дар пайкари мост,
Мо аз табори фарзодагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо ёдгори неки «Зарирон»,
Нахли «Асурик» дар мо шукуфон,
Оинадори оини некон,
Мо панди неку Нӯшервонем,
Мо тоҷиконем,
Мо тоҷиконем.

Дар сарзамини поки биҳиштӣ
Рӯ монда рӯи хоки биҳиштӣ,
Бо сарфидоӣ, бо сарнавиште
Мо соҳибони ганҷи ниҳонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Ин хок дар худ сад ёд дорад,
Сад дарду армон фарёд дорад,
Сад шодбошӣ шамшод дорад,
Во шав, ки мо худ ворастагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Эй меҳани ишқ, эй марзи имон,
Эй хоки ҳикмат, хулди[1] бузургон,
Дар арзи покат, эй Тоҷикистон,
Дастобадастем, ҷони ба ҷонем!
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

---

[1] Хулди–бақои доимӣ, ҷовидонагӣ, биҳишт.

## ВАТАН ДАР ҶОН

Ватан–ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан–ноне, ки дар хони ману туст.

Ватан ойинаи оби зулол аст,
Ватан покии виҷдони ману туст.

Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст.

Ватан ишқ аст, ишқи ёри ҷонист,
Ватан ҷонона ҷонони ману туст.

Ватан пайваста пайки родмардист,
Ба по истода паймони ману туст.

Ватан он моми пир, он тифли маъсум,
Ватан дар рӯи дастони ману туст.

Дили ӯ дар дили мо мезанад дил,
Ватан дар хуни шарёни ману туст.

Ватан гуфтан кам аст, эй ҷон, Ватан бош!
Ватан дар шонаву шони ману туст…

## ДАР БАҲОИ ҶОН

Он чист, ки марзи шаъну шон аст?—Ватан!
Имону амони мо дар он аст? –Ватан!

Он чист, ки бе вай ҳама чизи олам
Бе ҳусну таровату равон аст?—Ватан!

Он чист ба ҳаҷр зинда дорад ёдаш,
Чун шаҳд ҳамеша дар забон аст?--Ватан!

Аз подшаҳӣ ба мулки ғурбат болост,
Хокаш зи ҳама ганҷ гарон аст?—Ватан!

Он чист, ки маънои тамоми ҳастӣ,
Дар маънии поки он ниҳон аст?—Ватан!

Сарбайти суруди безаволи ҳастист,
Сарманшаи ишқи ҷовидон аст?—Ватан!

Ҳам қимату ҳам ҳиммату ҳам ҳикмати ту
Дар ваҳдати ҷони ӯ ниҳон аст?—Ватан!

Он чист, ба ҳеҷ қимате нафрӯшанд,
Он чист, ки дар баҳои ҷон аст?—Ватан!

*Абдулҳамид САМАД*

## ВАТАНИ ХЕШ ЧАРОҒОН БИКУНЕМ

Тоҷико, парчами ҳиммат бардор,
Рӯзи нанг омаду худ дур мадор.
Ончунон ёри ватандор шавем,
Меҳан обод шавад, душман хор.

Тоҷико, давраи паймон бирасид,
Ҳар чӣ бо дидаи дил бояд дид.
Соз Роғун, бираҳ аз мӯҳтоҷӣ,
Бори миннат натавон боз кашид.

Тоҷико, ганҷ ба мо дод Худо,
Кӯҳсорони баланду дарё.
Вақти он шуд, ки ба каф ганҷ орем,
Ҳам зи кӯҳсору зи дарёш сахо.

Тоҷико, даст ба ҳам бояд дод,
Зӯри сарпанҷа шавад чун фӯлод.
Кӯҳ талқон шаваду дарё банд,
Нури Роғун бикунад дилҳо шод.

Тоҷико, панди падар гӯш бидор,
Пеши бадхоҳ макун худро хор.
Он чи дорӣ, ту ба Роғун бахшой,
То намонӣ таҳи шарму таҳи ор!

Тоҷико, аҳди худ аз ҷон бикунем,
Ҷоннисорӣ сари паймон бикунем.
Сардию тирагӣ аз байн барем,
Ватани хеш чароғон бикунем.

*Раҳмат НАЗРӢ*

## МЕҲАНИ ДИЛ

Эй Тоҷикистони дилам,
Уммеду армони дилам.
Эй зодгоҳи офтоб,
Гардуни гардони дилам!

Эй сарзамини меҳри ман,
Дар синаам дил мезанӣ.
Дар чашм оби чашмаат
Гирам ба сони рӯшанӣ.

Эй лолазори озарин
Дар домани боди вазон,
Аз набзи сабзи хоки ту
Ҷӯям баҳори бехазон.

Дорад ба сангистони ту
Андешаи сангин замон.
Ҳангом дар ҳангом бош
Ҳангомаи рангинкамон!

Болотар аз ҳафт осмон,
Эй меҳани волои ман!
Ҷуз ту дар ин дунёи дун
Набвад ягон колои ман.

Як кӯҳ андӯҳи туро
Охир ба Роҳи Каҳкашон
Аз кӯҳсорат мебарам
Сӯи ҷаҳони бенишон!..

## ХОКИСТАРИ СӮЗОН

Хоки хокистарии меҳани ман
Таҳ ба таҳ, лахча-лахча месӯзад.
Пушта дар пушта аз табу тобаш
Барфу борону яхча месӯзад.

Оҳ, аз оҳи бод дар гирад
Дар ниҳон оташи нуҳуфтаи ӯ.
Бӯи андӯҳи ҷовидон дорад
Дар ҷаҳон оташи шукуфтаи ӯ.

Дар ҳавои даф, аз навои най,
Рӯ ба рӯи ғами фурӯзонаш,
Мардуми побараҳна мерақсад
Сар-сари лахчаҳои сӯзонаш…

## СӮЗИ ДИЛ

Эй сӯзи дил, ба синаи худ мефишорамат,
Эй ашк, аз ду дидаи худ мегусорамат.

Эй обу хоки поки диёри ғарибі ман,
Умре сипоси нону намак мегузорамат.

Эй сарнавишти тираи таърихи зарнавишт,
Сарномае ба номи худо менигорамат.

Дар пораи харитаи зарди қаламзада,
Эй кишвари аламзада, сар мефурорамат!

Дар сарзамини сӯхтаи бепаноҳи худ,
Эй сояи худо, ба худо месупорамат!

Эй вопасин дам, аз ғами сангини меҳанам
Дар рӯ ба рӯи ойина чун мебурорамат?!

Гар бишканӣ чу соати региям, эй замон,
Ман боз зери реги равон мешуморамат…

## КУНДАПАЙВАНД

Кундаам сахт ҷовидон сахт аст
Дар заминҳои сахти кӯҳистон.
Дар тани ман ҷавона мебандад
Навдаҳои дарахти кӯҳистон.

Печ-печон гирифтаам оғӯш
Осмонро чу шохаҳои сада.
То ки бошам ман аз ҳавои ватан
Сабз дар пуштаҳои бодзада.

Барқи гардун ба ҷони худ гирам,
Чун сапедори остони ватан.
Пораи оташи ҷаҳонсӯзе
То наафтад ба хонадони ватан.

Навдаҳоям хазида аз девор
Сӯи дунё чу шохи тути сафед.
Дасти хуршед мева афшонад
Аз сари шохаҳои ман ба умед.

Бо замину замон ҳазорон сол
Чун чанори бузург побандам.
Бо ҷаҳон ҳамчу бо ватан ҷовид
Қалами сабзи кундапайвандам.

Бод сероб рӯдбори ҷаҳон,
Бод эмин ҳама диёр аз сел.
Кундаам гарчи дар Бадахшон аст,
Решаам мерасад ба рӯди Нил.

## ИШҚИ ВАТАН

Эй ҷони ҷони ман, ҷонам фидои ту,
Эй ишқ, эй ватан, ҷонам фидои ту.
Эй реши решагӣ, сӯзи ҳамешагӣ,
Эй меҳри бесухан, ҷонам фидои ту.
Тӯфони хуни ман, туғёни хуни ман,
Эй набзи зистан, ҷонам фидои ту.
Эй оташи дилам, аз обу аз гилам
Сӯзон забона зан, ҷонам фидои ту.
Буду набуди ман, эй ишқ, эй ватан,
Дар ҷанги тан ба тан ҷонам фидои ту.
Хокам кунӣ агар, покам кунӣ дигар,
Бе гӯру бе кафан ҷонам фидои ту!

*Муҳаммад ҒОИБ*

## ВАСФИ ДИЁР

Қуллаҳои кӯҳҳоят минбару тахти ман аст,
Санги побарҷоят осори сари сахти ман аст.
Ҳар кафи хокат зару ҳар қатраи обат гуҳар,
Панҷаи пур аз сахоят суфраи бахти ман аст.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

Гӯшаи танги ватан бошад зи паҳноҳо кушод,
Хонаи пасташ баланд аст аз ҳама қасри мурод.
Маскани осудагию зиндагӣ бошӣ ватан,
Нест аз он дилфаротар ҷо бароям умрбод.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

Ташнагиям нашканад аз оби дарёи дигар,
Дони армонам намесабзад ба саҳрои дигар.
Роҳатам дар ҷои дигар сахттар аз заҳмат аст,
Зиндагӣ аз баҳри ман марг аст дар ҷои дигар.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

## ХУДШИНОС

То бубинӣ некҳоро нектар,
Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,
Сӯҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,
То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Мум кардӣ бо навозиш сангро,
Пеш бигрифтӣ раҳи фарҳангро.
Рӯҳи Сомонӣ бигӯяд гӯиё:
Ҳифз кун мӯҳру ливои нангро.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Роҳу пул бунёд кардӣ, шод бош,
Шаҳру деҳ обод кардӣ, шод бош.
Хотири халқи азизи хешро
Баъди ғамҳо шод кардӣ, шод бош.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Аз ту мо меҳри диёр омӯхтем,
Дарсҳои ифтихор омӯхтем.
Ошно кардӣ ба Қуръони Карим,
Ояти Парвардигор омӯхтем.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

## ИФТИХОР

Дорад ин тифл аробаи кӯҳна,
Чӯбу чархаш дурушту пур аз занг.
Мехаш аз чӯб агар бурун гардад,
Ҷо ба ҷояш кунад ба зарби санг.

Гоҳ вайрон аробааш, гаҳ соз,
Дар раҳу пушти бораш бинам.
Дар фарозӣ аробааш дар пушт,
Дар нишебӣ саворааш бинам.

Байни ҳамсолҳои гандумранг
Зардрӯ ҳаст агарчӣ мисли ҷав,
Заррае хешро намедонад
Камтар аз ҳар аробадори нав.

Гарчӣ бошад аробааш куҳна,
Гарчӣ ӯ куҳнапираҳан дорад,
Лек дорад аробааш парчам,
Нест нодор, ӯ ватан дорад…

## ДАРДИ МЕҲР

Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам,
Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри ватан дорам.

Вафою эътиқоду ифтихорам –қаҳрамононам,
Ба ин ҷамъияти худ гуфтугӯю анҷуман дорам.

Ба дил раҳму ба ҷон сӯзу ба хун нангу ба чашмон меҳр,
Тамоми хулқи ибратбахши миллат дар бадан дорам.

Гирифтам аз ниёгон дарси номуси ватандорӣ,
Насими бӯи гулбоғи нав аз боғи куҳан дорам

Зи кӯҳаш орзу санге барои лавҳи рӯи гӯр,
Зи хоки пунбапарвардаш таманно як кафан дорам.

На ғайру ошно донад, на сад мушкилкушо донад,
На дунёи даво донад, ҳамон дарде, ки ман дорам.

Зи ман монад асар боғе, намемонад нишон доғе,
Агар доғест, аз роҳи замон дар пираҳан дорам.

Муҳаммад маҳв месозад бадиро некиям охир,
Ниҳон донҳои Ҳурмуздӣ ба хоки Аҳриман дорам.

*Ширин БУНЁД*

## ПАРЧАМИ ИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон, нурборон шуд дигар чашми нами ту,
Шаҳсаворе кард эҷодат зи ҳар бешу ками ту,
Дар масофи вақт гаштӣ ваҳдатистони гулафшон,
Дасти Исмоили Сонӣ кард боло парчами ту.

Парчами ту, Парчами ту парчами озодии мо,
Парчами бахту саодат парчами навшодии мо,
Парчами ту ёдгор аз тахту тоҷи ориёно,
Се ҷилои ранг-рангаш ҷилваи ободии мо.

Ранги сурхаш сурхрӯи пеши аҷдоди пурармон,
Сурхрӯи пеши таърих аст андар рӯзгорон,
Сурх мепӯшем мо дар тӯйу сури халқи озод,
Ранги сурхи Парчами мо, рамзи тӯйи Тоҷикистон.

Ранги сабзаш сабзии боғи муроди милати мо,
Пушти чандин қарнҳо нав бомдоди миллати мо,
Ранги сабзаш сабзии боғи муроди номуродон,
Сабзии наврӯзии даврони шоди миллати мо.

Шуд сафедӣ нақш, нақши Парчами иқболи тоҷик,
Парчами иқболи тоҷик, нақши неку фоли тоҷик,
Парчами мо ифтихори мо ба ҳар давреву даврон,
Даври пирӯзии тоҷик, даври истиқлоли тоҷик.

Парчами зебои тоҷик, парчами пирӯзи даврон,
Парчами шаъну шарофат парчами иқболи моён,
Ҷовидон бодо парафшону гулафшон ҷовидона,
Бар сари мо парчами ту Тоҷикистон, Тоҷикистон.

*Мирзо ФАЙЗАЛӢ*

## МЕҲРПАЙВАНД

Дар ин ҷаҳон ман кистам?
Мавҷуд баҳри чистам?
Бо ҳастаму бо нестам,
Дар хоки покат зистам.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Шуд ҷони ман пайванди ту,
Меҳри ту шуд пайванди ман,
Ман гаштаам дилбанди ту,
Ту гаштаӣ дилбанди ман,
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Ман зарраи хокам агар,
Як зарраи хоки туям,
Як қатраи обам агар,
Аз чашмаи поки туям.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Аз хоки ту сабзидаам,
Дар хоки ту дорам нишон,
Маъво гирифта ишқи ту
То ҷовидон дар мағзи ҷон.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

Даврони Истиқлоли ту
Шуд шоҳболи бахти ман.
Эй сарзамини ҷаннатӣ,
Хоки ту бошад тахти ман.
Эй Тоҷикистони азиз,
Эй модари ҷони азиз!

## МАНУ ВАТАН

Эй кишвари чу гулшан,
Бар ҷони ман чу ҷавшан,
Аз туст дида равшан,
Ман бо тую ту бо ман.

Дар рӯзи шодию ғам,
Дар тӯйу суру мотам,
Будем ҳарду бо ҳам,
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳам рӯзи сахт дидем,
Ҳам тахту бахт дидем,
Бар коми дил расидем,
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳам бахти тоҷиконӣ,
Ҳам тахти тоҷиконӣ,
То ҷовидон бимонӣ,
Ман бо тую ту бо ман.

Ҳастӣ ягона гавҳар,
Сайёраро чу зевар,
Ман тифламу ту модар,
Ман бо тую ту бо ман.

Зебанда Тоҷикистон,
Мероси Оли Сомон,
Ҳастем ҳамтану ҷон,
Ман бо тую ту бо ман.

## МОДАРИ ҶОНИ МАНӢ, ЭЙ ВАТАНАМ

Эй Ватан, номи ту дунёи ман аст,
Қуллаҳоят сари болои ман аст.
Хори роҳат гули раънои ман аст,
Хоки ту гавҳару тиллои ман аст.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам,
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам.

Тифли парвардаи армони туям,
Ҷонфидо дар сари паймони туям,
Ошиқи ҳусни гулафшони туям,
Андалеби чаманистони туям.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам,
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам.

Гар ба ҳифзат надиҳам ҷону танам,
Намакат заҳр шавад дар баданам,
Гар сари нанги ту паймон шиканам,
Хоки ту ор кунад аз кафанам.

Тоҷикистони манӣ, эй Ватанам,
Модари ҷони манӣ, эй Ватанам.

## ҶОННИСОР

Ҳар гаҳе ҷон медиҳам, баҳри Ватан ҷон медиҳам,
Номи поки Тоҷикистон дар даҳан ҷон медиҳам.

Нестам аз воизони майдабози гапфурӯш,
Ҷонфидоям, бе ягон ҳарфу сухан ҷон медиҳам.

Душмане гар қасди помолии ин гулшан кунад,
Ҳамчу сарбозаш ба ҷанги танбатан ҷон медиҳам.

Мардуми ҳар гӯшааш пайванд бо хуни мананд,
Бемуҳобо, баҳри ҳар як ҳамватан ҷон медиҳам.

Модари ман, ҳамсари ман, духтари ман ҷонфидост,
Ман барои нангу ору номи зан ҷон медиҳам.

Баъди маргам хокдонам дар Ватан бошад, бас аст,
Нест фарқе бо кафан ё бе кафан ҷон медиҳам.

## БО ВАТАН БОШЕМ

Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ба ҷон омодаи амру нидои ин Ватан бошем!

Канораш гарму роҳатбахш чун домони модарҳост,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем.

Гирифта дасти ҳам, аз як гиребон сар бурун орем,
Ватан аз мост, мо низ аз барои ин Ватан бошем.

Чунон бояд ватанхоҳӣ, чунон бояд ватандорӣ,
Ватан аз мо ризо, мо ҳам ризои ин Ватан бошем.

Худо нокарда, гар боди хазоне мевазад сӯяш,
Мададгору шифобахшу давои ин Ватан бошем.

Агар дорою нодорем, лекин мо Ватан дорем,
Фидои ин Ватан, шоҳу гадои ин Ватан бошем.

Ба ҳам пайваста қатра-қатра, дарёи дамон гардем,
Хурӯшон мисли оби рӯдҳои ин Ватан бошем.

Биё, эй ҳамватан, то ҷонфидои ин Ватан бошем,
Ҳама фарзандҳои бовафои ин Ватан бошем!

*Зулфия АТОӢ*

## ТОҶИК НАШУД САРХАМ

Эй шеъри зи дил рафта, бар лонаи худ баргард,
Шодӣ, чи ниҳон гаштӣ? Боз ой, гурезад дард.

Эй хомаи маҳзунам, тӯфони дигар ангез,
Эй рӯҳи аламдида, бо лашкари ғам бистез.

Раҳгумзада анбӯҳе аз кӯҳу адир омад,
Кин аз пайи кин омад, тир аз пайи тир омад.

Беёд садо кардам: ин аст чу тақдирам,
Дар пои Ватан афтам, дар пои Ватан мирам!

Дар рӯзи сиёҳ аз ту як лаҳза нагаштам дур.
Тар кард заминатро селобаи ашки шӯр.

Дар боғу чаман аз ғам сад буф ҳамегуфт «уф»,
Бастам, Ватано, захмат бо суф, гаҳе бо зуф…

Хуншор қабоятро бо ашк бишустам пок,
Ҳам ҷисми азизонат биспурда будам бар хок…

Имрӯз чаманзорат бо ҳусн рабояд чашм,
Дар кас чу намебинӣ на кину нишони хашм.

Тоҷик нашуд саргум, тоҷик нашуд сархам,
Тоҷик зи хеш афзуд, ҳаргиз нашуд аз худ кам.

Ин сулҳи гаронмоя бингар ту, аё олам,
Тоҷик бишуд соҳиб бо сабр ба Ҷоми Ҷам.

## ДУШАНБЕРО ШУДАМ ПАЗМОН

Даме дур аз диёри худ Душанберо шудам пазмон,
Ба чашмам акси ёри худ Душанберо шудам пазмон.

Зиҳӣ, марзи биҳиштосо, беҳин абру беҳин дарё,
Вале алъон баҳори худ–Душанберо шудам пазмон.

Худоё, мулки бегона шавад ҳамдам маро ё на?
Диёри ғамгусори худ–Душанберо шудам пазмон.

Ба ёди оби ширинаш дили пуроташам гум зад,
Хушово чашмасори худ–Душанберо шудам пазмон.

Турунҷу норгил бинмуд, оваҳ талх комамро,
Шакарангуру нори худ–Душанберо шудам пазмон.

Бухорои навини хеш, шаҳри беҳтарини хеш,
Китоби зарнигори худ–Душанберо шудам пазмон.

Забони тӯтии хушгӯ набошад чун забони ӯ,
Забони хушгувори худ–Душанберо шудам пазмон.

Миёни қасри афсона чу як гунҷишки белона
Макони хоксори худ–Душанберо шудам пазмон.

Ба чашмам Айнию Сино, ба гӯшам Лоиқу Мирзо,
Суханпарвар диёри худ–Душанберо шудам пазмон.

Шукӯҳи ҳайкали Сомон бубахшояд фурӯғи ҷон,
Дирафши тоҷдори худ–Душанберо шудам пазмон.

Зари бегонаҳо зар не, дари бегонаҳо дар не,
Ҳисори зарнисори худ–Душанберо шудам пазмон.

Сари сабзам аз ӯ бошад, баҷо набзам аз ӯ бошад,
Суруру ифтихори худ–Душанберо шудам пазмон.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, хонаи ободи ман,
Маҳди ман, манзилгаҳи аҷдоди ман,
Реша дорад нахли меҳрат дар дилам.
Саҷда меорам ба хокат,
Саҷда меорам ба обат.
Аз гилу оби ту аст обу гилам.

Эй макони гулфишон,
Зодгоҳу маскани мардони кор.
Аз дилу ҷон
Дуст медорам туро!

Тоҷикистон,
Сарзамини бостон,
Духтари кӯтоҳдастат як замон,
Ҷои пайғоме равон кард аз барои ошиқаш
Коҳу ангишти туро.

Бе сухан мехост ӯ гӯяд ба ёр:
Бе ту, эй ёри азиз,
Зардрӯ гаштам чу коҳ,
Дар фироқат он чунон ҳам сӯхтам,
Гаштам охир ҳамчу ангиште сиёҳ.

Тоҷикистон,
Меҳри ту
Ончунон дар сина беандоза аст,
Ман намедонам чи сон
Бо сухан гӯям варо?
Бе ту ман ҳам мешавам чун коҳ зард,
Аз ғаму аз сӯзу дард
Мешавам ман бе ту ангишти сиёҳ.

Тоҷикистон, хонаи ободи ман,
Гӯшаи зебою сарсабз, эй Ватан,
Бар танам меҳри ту бо шир омадаст,
Меравад бо ҷони ман!

*ҲАДИСА*

## СУРУДИ ВАҲДАТ

Тоҷикему мо аз ин сайёраем,
Офтоби зарфишонро пораем,

Дар раҳи ваҳдат ба ҷон сар мекашем,
Парчаматро ҳофизу ғамхораем.

Кишвари овозадорам, зинда бош,
Тоҷикистон, ифтихорам, зинда бош.

Ваҳдатат–ин субҳи истиқлоли мо,
Ваҳдатат–ин мурғи зарринболи мо,

Мепарад аз мулк бар мулки дигар,
Ӯ диҳад овои истиқболи мо.

Тоҷикистон, ваҳдатат поянда бод,
Нури хуршеди раҳи оянда бод.

Тоҷикему мо аз ин сайёраем,
Офтоби зарфишонро пораем,

Дар раҳи ваҳдат ба ҷон сар мекашем,
Парчаматро ҳофизу ғамхораем.

Кишвари овозадорам, зинда бош,
Тоҷикистон, ифтихорам, зинда бош.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, бо ҳама кӯҳдоманӣ,
Боз мебинам, ки бопаҳно туӣ.
Мазраҳоят мазраи иқболи ман,
Ин чӣ иқболе, ки побарҷо туӣ.

Чеҳраи ту қурси хуршеди фалак,
Зарфишон аз рӯи ту ҳар барзанат,
Рӯдҳои ту ғазалхонӣ кунанд,
Ҷо шуда ҳулди барин дар доманат.

Ту сари сабзи ман астӣ дар ҷаҳон,
Сабзтар бошад сари болои ту,
Зери гардун ту бимонӣ бегазанд,
Нангу номус аст сар то пои ту.

Саҷдагоҳам домани паҳноварат,
Ман ба номи ту ҳамеорам суҷуд.
Дар замин бе синаи гарми ту ман
Як нафас, як лаҳза кай дорам вуҷуд?

Тоҷикистон, эй сафобахши ҷаҳон,
Тоҷикистон, чашмаи ҷонам туӣ.
Шукр мегӯям, ки дар рӯи замин
Тоҷикам ман, Тоҷикистонам туӣ!

## ЭЙ ДУШАНБЕ

Эй Душанбе, дӯст медорам туро,
Бо ҳама ин хонаҳои пасти ту,
Қасрҳои ту ба боло сар кашад,
Мерасад то чархи гардун дасти ту.

Дӯст дорам ҳар ниҳолатро ба ҷон,
Ҳам суруди рӯди хушхони туро,
Растаҳои гулфишони равшанат,
Боғу роғи сабздомони туро.

Дӯст дорам ҳайкалони барқадат,
Рӯдакӣ, Фирдавсиву Сомоният,
Нури яздонӣ бирезад бар сарат,
Бар тамоми ҳастии яздоният.

Дӯст дорам бо ҳама буду набуд,
Як дамам ман бе навоят бенаво,

Ҳар садоят лаҳни булбул оварад,
Бе садои ту ман астам бесадо!

Дӯст дорам ёлаҳову барзанат,
Дидаи ту дидаи бинои ман.
Рӯи ту хуршеди тобон дар назар,
Паҳнаи ту паҳнаи дунёи ман.

Ҳусни ту офоқро тасхир кард,
Як хасатро ман набидҳам бар касе,
Эй Душанбе, ту садои меҳри ман,
Бар ҳама ақсои дунё мерасӣ.

## ПАРЧАМИ ВАТАН

Эй ҷилвагар чу субҳ,
Эй нури офтоб,
Пар каш дар осмон,
Чун пурғурур уқоб.
Ту нури ховарӣ,
Сар бар фазо барӣ.
Аз ранги сурхи ту
Гулранг ин чаман,
Бодо чу лолазор
Ин дашту ин даман.
Эй парчами Ватан,
Шодона ҷилва зан.
Ранги сафеди ту,
Субҳи сафои мо,
Пар зан дар осмон,
Эй бобақои мо.
Ту рамзи кишварӣ,
Чун тоҷ бар сарӣ.
Он ранги сабзи ту,
Сарсабзии макон,
Шаъну шукуҳи мулк
Ин мулки тоҷикон.
Эй парчами Ватан,
Ҷавлон ба даҳр зан.

## ШАҲПОЯИ ГАРДУН

Раҳаш то манзилу дил зинароҳ аст,
Раҳе то хонаи хуршеду моҳ аст,
Парад чашмаш, давояш барги коҳ аст,
Гиёҳаш раҳбараҳ дармонгиёҳ аст.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба нангу ному ори Тоҷикистон
Ниҳода ҳайкале мавзун Бадахшон!

Ба ҳар сӯ бингарӣ, кӯҳ асту кӯҳе,
Гурӯҳе нанг ё нанги гурӯҳе,
Шукӯҳу кӯҳу ҳам кӯҳу шукӯҳе,
Шукӯҳаш ҳифз дар киштии Нӯҳе.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Намояд бо шукӯҳу кӯҳаш осон
Ҳама пурдидаро мафтун Бадахшон!

Бувад ҳарчанд кони лаъли дилҷӯ,
Писандад бештар лаъли сухангӯ,
Сухан ин ҷост волотар зи лӯълӯ,
Наво онро барад то авҷи минӯ.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба созу роз бар тори дилу ҷон
Басо форам занад нохун Бадахшон!

Варо хунё ба хуну хун ба хунёст,
Навояш куҳнатар аз куҳнадунёст,
Агарчӣ заҳматаш аз қулла болост,
Тарабхоҳу тарабзебу тарабзост.

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Зи нангу ном зери чархи гардон
Бувад бо чеҳраи гулгун Бадахшон!

Вафову меҳри арзонист ин ҷо,
Сафову сидқи раҳмонист ин ҷо,
Шукӯҳи кӯҳи Сомонист ин ҷо,
Бухорои бадахшонист ин ҷо!

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба кохи нанги миллат монда аз ҷон
Зи ҳар шаҳқулла шаҳустун Бадахшон!

Бувад ҳар қулла як ҳамтои тоҷик,
Қавӣ як пайкари барҷои тоҷик,
Нигаҳ кун бар сари болои тоҷик:
Баланд аст аз фалак дунёи тоҷик!

Баландие набошад чун Бадахшон,
Бувад шаҳпояи гардун Бадахшон!
Ба кӯҳи нангу ному шавкату шон
Бубахшад қуллаҳо афзун Бадахшон!

## НАВРӮЗИ ДАНҒАРА

Наврӯз мерасад зи гулафшони Данғара,
Гулзори ваҳдат аст гулистони Данғара.

Гулҳои чеҳраҳо гули Наврӯзи миллат аст,
Наврӯзтинатон–ҳама меҳмони Данғара.

Аз шодӣ ашк мечакад аз чашми чашмаҳо,
Рахшад ба гӯшҳо дури борони Данғара.

Сарсабзу сарбаланд бувад кӯҳу дашти ӯ,
Бошад сари баланд Бадахшони Данғара.

Эй дашти дилвасеъ, бубин бо дили васеъ
Нангу ғурури Восеъи Хатлони Данғара!

Темурмалик ба паҳлӯи Восеъ расида шод
Аз Суғд, аз гузаштаи пуршони Данғара.

Бо чашми дил бубин, ки бувад як ҳисори нанг,
Бодо бапо Ҳисори ҳисорони Данғара!

Дилро ба ҳар канори Ватан васл медиҳад
Сад риштаи тилоии Раштони Данғара.

Зар мефишонад аз лабу дил бар сари Ватан,
Заррин шавад Ватан зи Зарафшони Данғара.

Аз баҳри рӯшанист ҳама роғ равзане,
Рӯшандил аст мулк зи Роғони Данғара.

Саҳрои Вахши мост агар махзани сахо,
Инак, расида навбати Вахшони Данғара.

Ёрони бонамак, ҳама аз дер будаем
Мадюни обу нону каҳу дони Данғара.

Осуда бод ҷону дилат, эй куҳандиёр,
Ҷону дили ту гашта дилу ҷони Данғара.

Чун нури чашми дил ту ба ҳар чашми дил бубин
Дар минбари ҷаҳон рухи хандони Данғара.

«Шаҳнома» оваред, ки гӯяд ҳакимвор
Аз нангу ори Рустами Дастони Данғара.

Наврӯз бод доиму Наврӯзгоҳ бод
Дар чор фасл давраву даврони Данғара!

## ҚАСИДАИ РОҒУН

**1**

Ин ҳама обе, ки рӯду наҳру ҷӯи тоҷиканд,
Чун ба ҳам оянд, Баҳри Обрӯи Тоҷиканд!

То ба кай бо оҳу бо афсӯс бояд сохтан ?—
З-оби кишвар баҳру укёнус бояд сохтан!

Сохтан то чанд бо ин сардрӯёни дурӯ?—
Дар шино бояд шудан дар оби гарми обрӯ!

Як назар кун, тоҷико, инак, ба оби хештан,
Андар он бин чеҳраи чун офтоби хештан!

Андар он бикшода чашмони кушодатро бубин,
Кам мабин, ин чашмтангони зиёдатро бубин!

Обрӯ ҳам гар ба ҷо монад, бигандад бегумон,
Дар шино бояд шудан, рафтан ба паҳнои ҷаҳон!

Обҳоро пуштурӯ бояд кушудан баъд аз ин,
Обҳоро обрӯ бояд намудан баъд аз ин.

Бешитоб омӯхтан бояд шитоби обҳо,
Сатрҳои гарму пурнури китоби обҳо.

Баҳрҳоят ҷумла баҳри зӯр боду баҳри нур,
Чашмаҳо бодо фаровон, чашми бад з-ин баҳр дур!

Ҷовидон бодо равон сад рӯд оби рӯшанат,
Ончунон бодо равон низ оби чашми душманат!

Зар бувад ҷону дили покат, аё эй халқи пок,
Зар шавад ҳар қатра обат, зар шавад ҳар зарра хок!

2

Миллати нуронии ман, миллати нурофарин,
Эй дилат бо офтоби гарму нуронӣ қарин,

Нахли нур андар ҷаҳони тирадил парвардаӣ,
Даҳрро бо нури ақлат гарму рӯшан кардаӣ.

Ҳар китобат кони нуре андар ин дунё бувад,
Кони нури дигарат санъат бувад, хунё бувад.

Нур меборад зи ҳар коху манорат, миллатам,
Аз ғуруру нангу аз номусу орат, миллатам.

То ки хуршеди дилат дар сина бошад нурзор,
Манзилат, эй кони нору нур, бошад нурбор.

Бо ҳама ин нуру гармӣ лоиқи дунё туӣ,
Ёвари арзандаи Хуршеди беҳамто туӣ.

Ёвари Хуршедиву хуршедҳое дар замин
Сохтӣ ту бо ниёзи тинати нурофарин.

Норакат–он иқтибоси нору нури офтоб,
Чашми рӯшан бошадат, ҳам гармии дил беҳисоб.

Сангтӯда–қиссаи хушномии буду набуд,
Нури чашму нури уммеди туро афзун намуд.

Баҳри фардо бо накӯ уммедҳои дигаре
Сохтан бояд кунун хуршедҳои дигаре.

Инак, аз роҳи умедат файзи гуногун расид,
Нурбахшои ду чашми орзӯ–Роғун расид.

Боғи ту Роғун, дили бедоғи ту Роғун бувад,
Ҷониби сарбаста дунё роғи ту Роғун бувад.

Фикри нуронӣ бикун, андешаи Роғун бикун,
Баҳри подории Роғун ҳиммататро ғун бикун.

Нури чашматро равон бар хонаи дилҳо бисоз,
Риштаи ҷонро давоми сими ноқилҳо бисоз.

Такяи ҳар симчӯби нурбардӯшат бишав,
Сарбаланди кӯҳи сангу дашти гулпӯшат бишав.

Оби Роғун кай бувад гил?—оби дилпарвар бувад,
Қисмати кишвар бувад, обугили кишвар бувад!

Қатра-қатра ҳамчу ганҷ он ҷамъ гардад, ҷони ман,
Босафо ҳар қатрааш як шамъ гардад, ҷони ман.

Ҷамъ қандили азиме мешаванд ин шамъҳо,
Хоки покат мешавад пур аз ситора чун само,

Ҳар куҷое бингарӣ дигар, пур аз нур аст, нур,
Ҷумла роҳатро ба роҳи Каҳкашон пайваст нур.

Зулматат раҳгум занад, чун мулк нуронӣ шавад,
Душманат ҷонӣ намонад, дӯстат ҷонӣ шавад.

Нур ақлу нур бахту нур хуш иқболи туст,
Нур боли туст, эй ҷон, асли истиқлоли туст.

Бо шукӯҳи дилписанди пеш бар худ такя кун,
Ҳамчу кӯҳи сарбаланди хеш бар худ такя кун.

Бо ту зӯри маънавӣ боду ғурури паҳлавӣ,
Бо ту ақли Маснавӣ бодову нури Мавлавӣ.

Гар шавад кӯҳе туро монеи раҳ, барбод бод,
Кӯҳкан фарзандҳоят ҷумла чун Фарҳод бод!

*Доро НАҶОТ*

## ДИЛИ МИЛЛАТ

Роғун дил аст,
Ки метапад дар синаи миллат!
Ва бартар аз ҳазор дили Данкойӣ*
меодурахшад
субҳи миҳанро
бо табассуми тулӯъ
ва чароғаки шабнами боли гулпаракҳо.

Роғун дил аст
чу гулхонаи хуршед,
ки шафақ мебезад
ба чаманҳои ҳис,
дарк
ва бозтоби нанги ориё,
ва тоҷиконатарин фурӯзонфариро
тоҷбандӣ мекунад
бар сари миллат!

Роғун дил аст,
тапишобод,
ки нур меполад аз полунаи эҳё
ва як тамаддун озарахшро
барҷош мекунад
бар шохроҳи ҷаҳонишавии миллат!

---

* Данкойӣ–ишора ба Данко, қаҳрамони асотир, ки дили худро аз сина барканда, бо дурахши он роҳи вомондагон дар зулматро рӯшан карда буд.

## ЭҲЁ

*Барои донишманди тоҷик*
*Акбари Турсун*

То даме тобу табе дар хок ҳаст,
Маҳзаре дар гунбади афлок ҳаст,
Ҷисму ҷонро ҷавҳари идрок ҳаст,
Одамиро фикрати бебок ҳаст;
Нест асло марги мо нобуди мо,
Дар фанои мо бувад мавҷуди мо.

То даме ки будро тағйир ҳаст,
Ҳар куҷо вайронаро таъмир ҳаст,
Зарраи худсозро тадбир ҳаст,
Қосиди эъҷозро табшир ҳаст;
Асло мо моро таваллуд мекунад,
Насли мо моро таҷаддуд мекунад.

То даме ки таъбият бошад қабул,
Синҷ бошад ҷисми мо ё шохпул,
Ё сабӯи мул бувад ё банди пул,
Ё пари булбул бувад ё барги гул;
Мо ба ранги нав таҷалло мекунем,
Ҷовидон худро муҷалло мекунем.

То даме ки марги марг ин зиндагист,
Бебақойӣ зодаи пояндагист,
Гирудори наввӣ аз коҳидагист,
Вусъати аҷдод аз ҳамбастагист;
Зарраи мо пойбасти буди мост,
Шӯълаи мо сарпарасти дуди мост.

То даме бунёд ҳамзоди фаност,
Шашҷиҳат шаш равзани дорубақост,
Ибтидо ойинадори интиҳост,
Интиҳо парвардигори ибтидост;
Мо ҳазорон бор пайдо мешавем,
Мо зи мавти хеш эҳё мешавем!

*Бобо ҲОҶӢ*

## БАЙРОҚИ ВАТАН

Дар ҷаҳон набвад зи модар одами ғамхортар,
Хоки пои ӯ бувад хуштар зи сад ганҷу гуҳар.
Мо Ватанро доимо бар ӯ шабоҳат медиҳем,
Чунки чун модар ягона бошад ӯ дар баҳру бар.

Мо ҳама шогирдҳои як дабистони Ватан,
Парварида дар бари домони эҳсони Ватан.
Зиндагонӣ бе гули рӯи Ватан мушкил бувад,
Нахли умри мо шукуфад дар гулистони Ватан.

Бахти бархурдори мо аз бахти бархурдори ӯст,
Сурхии рухсори мо аз сурхии рухсори ӯст.
Нест моро ҳоҷати ганҷу гуҳар дар ин ҷаҳон,
Беҳтарин ганҷу гуҳар Алмосию Фархори ӯст.

Одамон тавлид ёбанду шаванд оҳиста пир,
Баҳрҳо гарданд хушку кӯҳҳо гарданд адир.
Лек дар дунё бимонад ҷовидон танҳо Ватан,
Ҳамчу шаъну шӯҳрати мардони доною далер.

Монад он ҷовид то ҳаст одамию хоку об,
Монад он ҷовид то ки нур пошад офтоб.
Байрақаш бар фарқи мо бодо ҳамеша парфишон,
Ахтари бахти варо ҳаргиз напӯшонад саҳоб.

## РОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН

Роҳҳои Тоҷикистон пештар камбар буданд,
Чун замини тоҷикон бесоҳибу абтар буданд.
Оҳувон бозӯр мекарданд аз онҳо гузар,
Сайргоҳи дузду бошишгоҳи яғмогар буданд.

Чор фасли сол ҳам маҳкам буданд аз ҳар канор:
Дар зимистон аз яху аз лою борон дар баҳор.
Махзани мирон агарчи буд пур аз симу зар,
Баҳри ободӣ намебурданд як мирӣ ба кор.

Дар сари ин роҳҳо як умр мешуд ҷангҳо,
Чун вабо карданд убур Чингиз ва Темурлангҳо.
Дар бари ҳар буттаю ҳар санги онҳо хуфтаанд
Сад ҳазорон сарбадору навкару сарҳангҳо.

Давраи нав омаду шуд қадри инсонӣ баланд,
Роҳҳо ҳам мисли каф гаштанд тахту бегазанд.
Ин замон моро ба сӯи сохтмонҳои бузург,
Сӯи шаҳру мамлакатҳо, сӯи Маскав мебаранд.

Кӯҳна шуд имрӯз шеъри дардноку ҷонхарош:
«Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош!»
Нест моро бок низ аз барфу борону тагарк,
Мо табиатро дигар кардем бо зӯру талош.

Роҳҳои Тоҷикистон чун хати сарводаанд,
Баҳри ёру дӯстон оғӯши худ бикшодаанд.
Доимо дар хизмати халқу диёри меҳрубон
Ҳозиру нозир ба мисли кӯҳҳо истодаанд.

*Абдуҷалил ВОСИТЗОДА*

## СУРУДИ ҶАВОНОН

Ҷавонони ҷаҳонему суруди сулҳ мехонем,
Ливои дӯстии халқҳоро медурахшонем.
Гирифта дастҳои ҳамдигарро чун бародарҳо,
Барои сулҳу амният қадам мардона мемонем.
Саросар паҳн дар олам шаванд овозҳои мо,
Ба ҷӯш оварда дилҳои тамоми аҳли дунёро.
Чунин як қуввае набвад, ки садди роҳи мо гардад,
Чаро ки иқтидори мост беандозаю беҳад.
Писар, ҳам духтарони бовафои халқи худ ҳастем,
Чу фарзандони як модар, падар ҳамфикру ҳаммақсад.
Намояд байрақи сулҳи ҷаҳон чун машъали рахшон,
Фурӯзон роҳи моро ҷонибиояндаи тобон.
Ҳама дорем дар дилҳои худ як майлу як хоҳиш,
Ки бошад зиндагии халқҳо дар сулҳу осоиш.
Аз ин рӯ муттаҳид гардида зидди ҷангҷӯ ҳастем,
Сипар карда ба ҳифзи бахту озодӣ ҳаёти хеш.
Чаро ки боварӣ дорем барояндаи фирӯз,
Дамад дар олам охир аз уфуқ субҳи ҷаҳонафрӯз.
Ҳаёти халқҳои мо, бимон, нашъунамо созад,
Ба ҷои даштҳои хушк инсон шаҳрҳо созад!
Каналҳо ҳар тараф ҷорӣ шаванду боғҳо хуррам,
Ба худ кас хонаи нав, рӯзгори нав бино созад!
Ба рӯи мо бихандад навбаҳори зарнисори сулҳ,
Шавад зеботар аз ин ҳам ҷаҳони беканори сулҳ!
Намоиш медиҳем имрӯз мо бо сарбаландиҳо,
Ба чашми оламиён азми худро, қувваи худро.
Ки то бинанд аз ин душманони сулҳу осоиш,
Ба чӣ қодир бувад дасти ҷавонмардони ин дунё.

*Маҳмадалишоҳи ҲАЙДАРШО*

## ҲАРФИ ВАТАН

Ватан дар забонам ба ҳарфи калон
Шавад сабт рӯи китоби дилам.
Ба ҳарфи калон менамоям баён
Ба эҳсоси гарм изтироби дилам.

Ватан гӯяму ояд аз пеши ман
Бубин, модарам ба сутургии худ.
Чи гӯям, нағунҷад даруни сухан
Дили модарам бо бузургии худ.

Кунун нест модар ба паҳлӯи ман,
Парастори ман кист дар зиндагӣ?
Кӣ созад нигаҳ гарм ба рӯи ман,
Навозишгарам нест дар зиндагӣ.

Аё Тоҷикистон, аё , эй Ватан,
Ту дар ҷои модар ба ман модарӣ.
Ту ҳастӣ чу модар маро ҷону тан,
Маро мисли модар ту ҷонпарварӣ.

Ва дар дафтари дил нависам ба меҳр
Туро, Тоҷикистон, ба ҳарфи калон.
Сароям туро ман ба ҳар банди шеър
Ба чашмам ту ҳастӣ ба ҳаҷми ҷаҳон.

Ту ҳастӣ муқаддас бароям, Ватан,
Сурудам ба шаънат сароям, Ватан,
Ҳамин ҷони ширини худро нисор
Ба номусу нангат намоям, Ватан.

Аё Тоҷикистон, биҳишти манӣ,
Ба мазрои қалбам ту кишти манӣ.
Ба номи баландат кунам ифтихор,
Ба номат, ки ту сарнавишти манӣ.

## СУЛҲ БОЯД

Касе, к-ӯро набошад фазлу эҳсон,
Куҷо донад ба хубӣ қадри инсон?
Касе, к-ӯро ба дил набвад мурувват,
Ба инсоне куҷо бандад муҳаббат?
Касе, к-аз маърифат ӯро хабар нест,
Зи фазли одамӣ бар вай асар нест.
Агар маҳпора н-ояд рӯи равзан,
Нагардад хонае бе нур равшан.
В-агар одам набошад рӯи дунё,
Харобиҳо бигардад ҳукмфармо…
Ту, эй пуркинадил, бадхоҳи одам,
Хато кардӣ, шавӣ расвои олам!
Ту, эй малъун, харадро кардаӣ гум,
Ба назди одамият гаштаӣ шум.
Зи инсонӣ туро набвад нишоне,
Набояд бар дилат бошад гумоне.
Халоиқ кори зиштатро бидонад,
Қасоси бегуноҳонро ситонад,
Барои ҳифзи бахти насли инсон,
Барои шодии ҳар тифли даврон,
Зи ҳар манзил нидои сулҳ ояд,
Ки баҳри халқи олам сулҳ бояд!

## ОРЗУ

Хоҳам, ки дилам чу мавҷи дарё бошад,
Хукмам зи Замин то ба Сурайё бошад.
Чун пой ҳамезанам ба ҳар гӯшаи даҳр,
Аз баҳри қабул ҳар даре во бошад.
Ҳар хона, ки дида дид, дил баргӯяд:
Ин хонаи дӯст хонаи мо бошад.

*Субҳон ТӮЙҒУН*

## ЗИҲӢ ВАҲДАТ

Аё Ваҳдат, Ватанро аз раҳи варта раҳо додӣ,
Тифоқиро ато кардӣ, ту сулҳи бобақо додӣ.

Ҷудогардида узвонро набудӣ қимату қадре,
Шикастаустухонҳоро зи лутфат мӯмиё додӣ.

Парешон гар шавад лашкар, нагардад ҳеҷ гаҳ ғолиб,
Басо нерӯ ту ҷамъ овардӣ, бар куллаш баҳо додӣ.

Гирифтӣ бо нигоҳи хеш ҷумҳурӣ ба як ҳалқа,
Чу паргоре бигаштию ба як марказ ту ҷо додӣ.

Ба хатлонӣ, бадахшонӣ, хуҷандиву зарафшонӣ,
Чаманзоре ту аз як сарзамини дилкушо додӣ.

Дили хуррам, рухи тоза, шукуфта ғунчаи уммед,
Ба боғу гулшани тоҷик аҷаб ҳусни расо додӣ.

Ба гирдоби маҳалбозӣ агар мо ғарқ гардидем,
Зиҳӣ, пеш аз ҳама дасти мадад аз бахри мо додӣ.

Агар як зӯррас ноустуворӣ карду ноаҳлӣ,
Ба эшон ибратомӯзӣ дар оини вафо додӣ.

Ватан, бар остони шафкати ту саҷда меорем,
Ки мо фарзандҳоятро ту чун мо дар дуо додӣ.

Дили ваҳдатпарасти вақт бошад аз кудурат дур,
Зиҳӣ Ваҳдат, ки бар Субҳон чунин табъи расо додӣ.

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ин ахтари Истиқлол бо амри Худо омад,
Бар кишвари тоҷикон бо нуру зиё омад.

Бас қарн, ки мо будем ду чашм ба роҳи ӯ,
Инак, ба диёри мо бо сулҳу сафо омад.

Бо шӯҳрати дунёӣ аз кӯчаи аҷдодон
Бас фазл ба дил ӯро бар хонаи мо омад.

Равшандилу илмомӯз, аллома, фақеҳ, обид,
Ҳар тоҷики фарҳангӣ бо дасти дуо омад.

Ин ҷашн ба соли бист бисёр фараҳбахш аст,
Васфаш чу намудам ман, хуш мадҳу сано омад.

То нуру зиё бошад, то сулҳу сафо бошад,
Ин ахтари Истиқлол бо раъйи Худо омад.

Африштаи илҳомам хандида зи дар бигзашт,
Овози «Ба рақс оед!» аз арши само омад.

## РУБОИЁТИ ОБУ ОБОДӢ

Пеши раҳи сад рӯди дамонро бастем,
Сад силсила санги хораро бишкастем.
То насли башар ба васли ваҳдат бирасад,
Сад пайраҳаро ба шоҳраҳ пайвастем.

Ин роҳи навин зеби кӯҳистон бошад,
Ҳамвор чу рӯи кафи инсон бошад.
Садҳо раҳи вақтро миёнбур кардем,
Бигзор, ки рафтуой осон бошад.

Ин роҳи фароз пурхаму пуртоб аст,
Бедор мисоли дидаи бехоб аст.
Чун ҷӯяи нур печутобе дорад,
Пайдост, ки роҳи ағбаи Анзоб аст.

Ҳар кас, ки зи ҳусни ағба огоҳ шавад,
Бар кӯҳ яқин ошиқи дилхоҳ шавад.
Мо аз дили ту нақб бикандем, Анзоб,
То тӯли раҳи мурод кӯтоҳ шавад.

Майдони ҷасорат аст ин шаҳраҳи мо,
Шарёни маҳорат аст ин шаҳраҳи мо.
Дар Шарқи куҳан зи аср бар асри дигар
Чун набзи тиҷорат аст ин шаҳраҳи мо.

Ин роҳ, ки пайвандгари ёрон аст,
Нақше зи сафои кӯҳи Гулборон аст.
Ин роҳ ба баҳру бар кашад домани хеш,
Аз меҳр нишонаи бинокорон аст.

Ин роҳи дарозу дур роҳи сара аст,
Дар қад-қади он аҷиб сад манзара аст.
Ин раҳ гузарад аз бари сад кӯҳу камар,
Чун фӯтаи нақшин ба миёни дара аст.

Дирӯз равон ба марзи Дарвоз шудем,
Меҳмони муҳандисони мумтоз шудем.
Аз дидани ҷодаи нави соҳили Панҷ
Чун сарви қади роҳ сарафроз шудем.

Метохт сабук мошини мо қад-қади рӯд,
Аз Вахш ба мавҷи Панҷ гуфтем дуруд.
Аз мақдами мо чароғи маҳфил бишукуфт,
Раҳтӯшаи мо буд гули шеъру суруд.

Мо дар деҳи Хостав шабе меҳмонем,
Дар манзили аҳли тарабе меҳмонем.
Нур аз Раҳи Каҳкашон ба сар меборад,
Гӯё ба маҳеву кавкабе меҳмонем.

Ин Девдара аҷаб шаҳоматнок аст,
Як шонаи он ба домани афлок аст.
Чун аз камараш шоҳраҳе бикшодем,
Донист, ки меъмори замон бебок аст.

Эй пайраҳи Тангнои дериназамон,
Аз тангии ту намонд як нақшу нишон.
Дар ҷои ту сохтем аҷаб роҳи фарох,
То бо ҳама рафтуо кунанд аҳли ҷаҳон.

Аз дидани ҳусни манзара маст шудем,
Гӯё ки зи бодаи сара маст шудем.
Аз тозатарин ҳаво гирифтем нафас,
Аз бӯйи гули хори дара маст шудем.

Дар кишвари мо, ки олами кӯҳсор аст,
Пайроҳа ба мисли мӯи сар бисёр аст.
Наздик шавӣ ба Қуллаи Ахтаргир,
Оҳиста бирав, роҳи нафас душвор аст.

Мардист ба дида сипари раҳсозон,
Сарчашмаи роҳи зафари раҳсозон.
Ҳар гоҳ ки аз ин раҳи кӯҳӣ гузарӣ,
Ёд ор зи фазлу ҳунари раҳсозон.

Эй озими роҳи дур, хуш бод сафар,
Аз кӯҳ ту бо хотири осуда гузар.
Ин раҳ сари қуллаҳост чун нусрати вақт,
Хуршеди саҳар зи шонаи кӯҳ нигар!

Шаҳроҳи Қароқурум, аё ҷодаи аср,
Шаҳроҳи ба ҳукми вақт омодаи аср.
Сарриштаи сарнавиштҳо дар кафи туст,
Дасти мададе бидеҳ ба ҳар зодаи аср!

Қурбони касе шавам, ки аз роҳи видод
Дар мактаби дӯстии мо дарс бидод.
Аҳсант ба марде, ки дари ҷанг бубаст,
Бар ташнаи зиндагӣ раҳи сулҳ кушод.

Якҷоя раҳи нек бипӯем, накӯст,
Як нуқтаи бад ба ҳам нагӯем, накӯст.
То дар дилу дидаҳои ҳақ раҳ ёбем,
Дасту дили ҳамдигар биҷӯем, накӯст.

Хушпоиқадам шавем, хушпоиқадам,
Бо лутфу карам шавем, бо лутфу карам.
Чун сурати роҳу пайраҳи қисмати хеш
Пайванд ба ҳам шавем, пайванд ба ҳам.

Дар ишқ фурӯзандаи гулхан бошем,
Чун ламъаи як чароғи равшан бошем.
То киштаи орзуи мо бор диҳад,
Чун чашмаи марзҳои Меҳан бошем.

Аз дашту даман нидо расад: об диҳед!
Аз боғу чаман садо расад: об диҳед!
Аз синаи пуртобутаби ташналабон
Бар гӯши дилам наво расад: об диҳед!

Дунёи сафо нест, агар борон нест,
Ҷуз об ба дарди зиндагӣ дармон нест.
Дӣ ғунча зи ташнагӣ шикоят мебурд:
Ҳар кас, ки ба гул об надод, Инсон нест!

Чун қатраи беқарор як дил дорам,
Чун зарраи нуру нор як дил дорам.
Эй Чашмаи Носир, чӣ аҷаб шаффофӣ,
Чун ҷӯши ту беғубор як дил дорам.

Дар деҳкадаи Лангарат, эй Ишкошим,
Дидем гули манзарат, эй Ишкошим.
З-оинаи Гармчашмаи ту пайдост
Гаҳвораи зебу фарат, эй Ишкошим.

Дар соҳили Панҷ, дар бари сардарае
Пайдост аҷаб чашмаи хушманзарае.
Аз синаи кӯҳ медамад шири сафед–
Тобанда чу дидагони оҳубарае.

Шаҳкӯли фарози рӯйи дунёст Сарез,
Ҳамчун дили аҳли ҳақ муҷаллост Сарез.
Азбаски рабуда ранг аз сақфи сипеҳр,
З-ин рӯ чу фурӯғи ӯ мусаффост Сарез.

Ҳусни ҳунарат дил бибарад, Вахши дамон,
Мавҷи ту сурур оварад, Вахши дамон.
Дунёст ба ҷӯши ғалаёнат мафтун,
Чун оби ту оташ офарад, Вахши дамон.

Эй дил, бишунав руду суруди Камароб,
Огоҳ шав аз буду набуди Камароб.
Хоҳӣ, ки шавӣ ҳамнафаси мавҷи замон,
Рав, хайма бизан дар лаби руди Камароб!

Эй рӯдаки шӯхшанги воло, Камароб,
Эй зодаи ашки пиряхҳо, Камароб,
Умре чу ҷавонмард давӣ аз пайи ҷуд,
Мастона равӣ ба шӯру ғавғо, Камароб.

Қад-қадди ту зарбед гулафшон дидам,
Аз ангату настаран фаровон дидам.
Як бахши биҳишти нақди ин дунёро
Дар водии зарфишони Раштон дидам.

Алҳақ, Камароб, рӯдаки ноб туӣ,
Ҳамсояи Сорбоғу Сурхоб туӣ.
Чун дар шаби маҳтоб бидидам тобат,
Пиндоштаме, ки шири Маҳтоб туӣ,

Ман шефтаам ба оби ноби Қаратоғ,
Ояд чӣ шамиме зи гулоби Қаратоғ.
Аз коми Алии ошиқи деринаш
Ҳаргиз наравад лаззати оби Қаратоғ.

Чангоб, зи чанги оби ту маст шудам,
Мастии туро дидаму аз даст шудам.
Ман ошиқаму доманат аз каф надиҳам,
Чун қатра ба чангоби ту пайваст шудам.

Марди баҳунар ҳунарварӣ меҷӯяд,
Аз боғ абири анбарӣ меҷӯяд.
Ҳар бори гузаштан аз чаманҳои Ҳисор
Дил оби шифои Шанбарӣ меҷӯяд.

Анзоб, яке мӯъҷизи кӯҳистонӣ,
Чун неъмату нӯши зеби дастархонӣ.
Нӯшем турову ёди Замзам бикунем,
Ҳаққо, ки ту эҳсони дари яздонӣ.

Анзоб, аҷаб мавҷи ту ғулғулфикан аст,
Сар то қадамат пушту паноҳи чаман аст.
Ҳар қатраи ту яхобро мемонад,
Дар айни тамуз оби дандоншикан аст.

Донӣ, ки Сиёма чашмаи ноб бувад,
Чун модари шаффофтарин об бувад.
Бовар накунӣ агар ба ин ҳикмати ҳақ,
Шояд, ки туро нури басар хоб бувад.

Эй Хоҷаи Обигарми пурфаввора,
Бо шасти тамом меҷаҳӣ аз хора.
Сӯят ҳама оянд ба уммеди шифо,
Бошад, ки ба дардашон бубахшӣ чора.

Баҳ-баҳ, чӣ баланд қадди ин шаршара аст,
Бо ҳусни сара сафои ин манзара аст.
Чил кокули майдабоф дорад чу арӯс,
Ин духтари кӯҳ, ё парии дара аст?!

Умре бишунидем ғазалхонии ту,
Чун мутриби хушадо хушилҳонии ту.
Дарёи Зарафшон, ту ба заргар монӣ,
Дунё ҳама дидаст зарафшонии ту.

Бар манзари сабзазор дилдода манам,
Дилдодаи Ҳафткули озода манам.
Дар ҳифзи хуҷастапайкари яздонӣ
Умрест, ки бо амри дил омода манам.

Дар хоби шабам Кӯли Сикандар дидам,
Обаш чу рухи парӣ мунаввар дидам.
Дар ҷилваи ин парии обӣ ба назар
Сарсабзии пуштаҳо зи манзар дидам.

Як шаб ба лаби Кӯли Сикандар будам,
Мафтуни шаби Кӯли Сикандар будам.
Ҷон аз нафаси насимаш осоиш ёфт,
Тифли тараби Кӯли Сикандар будам.

Ҳар гаҳ ки ба марзи Истаравшан бирасам,
Шукрона барам, бафайзи гулшан бирасам.
Гар азми тамошои Ҳавотоғ кунам,
Бар тозатарин ҳавои баҳман бирасам.

Ин чашмаи соф чашмаи Деҳмой аст,
Домони саховаташ аҷоиб ҷой аст.
Гулбарги тару сояи маҷнунбедаш
Чун хотири аҳли дил фараҳафзой аст.

Гуянд: канори оби Ҷайҳун чӣ хуш аст,
Шӯхии насими мавҷи Сайҳун чӣ хуш аст.
Оре, ҳамаи ин чӣ гуворост, вале
Бо нози нигору майи гулгун чӣ хуш аст.

Сайҳун, чӣ ҷалолати расое дорӣ,
Оғӯши фароху дилкушое дорӣ.
Паҳнои ту чун ҳусни уфуқ нопайдост,
Фирӯзақабои пурҷилое дорӣ.

Чун умри башар шитоб дорӣ, Сайҳун,
Дар дил ту чӣ изтироб дорӣ, Сайҳун?
То бо нафасат ба доди мардум бирасӣ,
Тобу тоби беҳисоб дорӣ, Сайҳун.

Сайҳун, Сайҳун, қиблаи ин хона туӣ,
Дунёи умеди дили фарзона туӣ.
Чун сархати нур меравӣ боғ ба боғ,
Хуни шараёни марзи Фарғона туӣ.

Ҳар неъмати дунё, ки фаровон бошад,
Ҳарчанд ки пурбаҳост, арзон бошад.
Дар ҳар ватане, ки об камёб бувад,
Ҳар қатраи он ба ҷои марҷон бошад.

Сарсабзии олам самари об бувад,
Шодобии вақт аз асари об бувад.
Бар ҷилваи хӯшазори гандум бинигар,
Ҳар хӯша ба ранги гуҳари об бувад.

Файзи нафаси об тароватрез аст,
Файзе, ки аз он насим анбарбез аст.
Имрӯз чу фарри водии Фарғона
Оғӯши Ҳисору Вахши мо зархез аст.

Дар қатраи об оламе мебинам,
Дар зарраи ноб оламе мебинам.
Ҳар гаҳ, ки ба мавҷи зиндагӣ дарнигарам,
Дар нози ҳубоб оламе мебинам.

## САРҲАДБОН

Хуфта дар барам
Хоки кишварам.
То ба хоки ғайр
Монд як қадам.

Пеши пояш–об,
Соҳили хароб.
Дар сараш ҳазор
Пурсишу ҷавоб.

Он тараф–дигар,
Ин тараф дигар.
Ин тараф Ватан,
Модару падар.

Не диёри кас
Орадам ҳавас.
Не диҳам ба хасм
Қадри хору хас…

Зинда гар Ватан,
Зинда номи ман.
Бо Ватан бувад
Бахту коми ман!

*Салимшо ҲАЛИМШО*

## РУБОИЁТ

Субҳам зи сафои сина тобон бошад,
Рӯзам ба зиёи дида рахшон бошад.
Он рӯз зи умри ҷовидонии ман аст,
Гар он ба ҳисоби Тоҷикистон бошад.

Тоҷик зи файзи субҳ барноӣ ёфт,
Боғу чаману мулку тавоноӣ ёфт.
То хеҷ касе гушна намонад дар даҳр,
Ӯ хонаву хони хайри дунёӣ ёфт.

Моро, ки ба даҳр табъи оламгир аст,
Бо ҳусну сухан ҷаҳони мо тасвир аст.
Аз мо ба касе теғи забоне нарасид,
Бо теғи забон миллати бешамшер аст.

Донам, ки муроди мо ҷаҳонгир шавад,
Фарде ба ҷаҳон хуҷистатақдир шавад.
Аз чист ба барра шери мо шир диҳад?
То барра ба ҳифзи беша худ шер шавад.

Аз оташи ишқи мо бувад сояи мо,
То чархи барин расид худ пояи мо.
Дар хонаи мо намирад оташ ҳаргиз,
То зинда бувад оташи ҳамсояи мо.

Ҳар кас зи дарахти мо бигирад самаре,
Ёбад зи шарофаташ ба олам зафаре :
Ё умри дароз бинад ӯ дар дунё,
Ё дар раҳи ишқ ӯ шавад роҳбаре.

Бошад ба ҷаҳон чунин умедам фани ман,
Хоҳам ба хирад ёр шавад душмани ман.
Чун ёри хирад шавад, бидонам ба яқин,
Ӯ дӯст шавад ба мардуми меҳани ман.

Ман дар раҳи бахт кори арзанда кунам,
Бар ранҷкашида умр поянда кунам.
Ёбед агар як дили беғам ба ҷаҳон,
Ман куштаи ғамро зи дамаш зинда кунам.

Ин чашма раҳу расми садоқат донад,
Сад мӯъҷизаи ҳусну малоҳат донад.
Бо бӯсазанӣ ёфт раҳе дар дили санг,
Худ санг аҷаб лафзи муҳаббат донад.

Омад зи навои обшор ин оҳанг:
Ман аз дили санг нола дорам бар чанг.
Бо созу навои меҳри хуршедии ман
Санг ошиқи обу об шуд ошиқи санг.

Мегуфт ба фарзанд яке деҳқоне,
Хоҳӣ ту саодате гар аз давроне,
Як нимаи умр кишт кун дар олам,
Як нимаи умр нон бинеҳ бар хоне.

Деҳқон, ки мудом тухми некӣ корад,
Бар хок сари саҷда фурӯ меорад.
З-он пеш ки донае бипошад бар хок,
Донад, ки аз ӯ чӣ ҳосиле бардорад.

Эй дида, дилам сабз зи деҳқонии туст,
Бо тухми вафо ҳусни ҷаҳонбонии туст.
Чун тухми муҳаббат ба дилам коштаӣ,
Аз ҳосили ишқи ту фаровонии туст.

Деҳқони ҷаҳонӣ, эй забон, дар даҳанам,
Ҷуз меҳру вафо накиштаӣ бо суханам.
Ҳарфе, ки ба дил чу дона резад бо сидқ,
Фардо бишавад хирмани меҳри Ватанам.

Борони баҳор оби ҳайвон нашавад,
Дар сина ҳаво нафас шавад, ҷон нашавад.
Рахшанда шавад ба хуни дил ҳар санге,
Аммо ба яъқин лаъли Бадахшон нашавад.

Аз рози ҷаҳон касе чу Ҷам огоҳ аст,
К-ӯ роҳшиносу раҳрави сад роҳ аст.
Даст аз талаб ӯ надошт дар дӯзах ҳам,
Зеро ки ба дӯзах аст, аммо шоҳ аст.

Аз синаи об дар ҷаҳон ҳаст шудем,
Аз қатраи ноб дар замон маст шудем.
Мо реша яқин дар оби Кавсар дорем,
Бо абр ба офтоб ҳамдаст шудем.

Хоҳӣ, ки чу офтоб рахшанда шавӣ,
Аз рӯзи сияҳ наҷотбахшанда шавӣ,
Аввал ту наҷоти хеш деҳ аз нафсат,
То бар сари қутби ишқ поянда шавӣ.

Эй он, ки ба даҳр ҳамзабонӣ хоҳӣ,
Дар маслаки ишқ ёри ҷонӣ хоҳӣ,
Дар фасли хазони ёр аз ӯ магурез,
Аз ёр чу умри ҷовидонӣ хоҳӣ.

Султони шаб аз кини ту ғофил набувад,
Ҷуз фитна ба киштаи ту ҳосил набувад.
Хоҳӣ бишавӣ қутбнамои раҳи мо,
Бар қутби дили чу чашми оқил набувад.

*Собири ШОҲОНӢ*

## РУБОИЁТИ ВАҲДАТ

Дунё самари маърифати инсон аст,
Ноҷӯрии ӯ касофати шайтон аст.
Аз бехирадон умеди ободӣ нест,
Таъмири ҷаҳон кори хирадмандон аст.

Ҳар қавм, ки нури маърифат раҳбари ӯст,
Дунёи сафо ҳамеша дар манзари ӯст.
Аз даст чу дод гавҳари фазлу ҳунар,
Фарҷоми амал хоки сияҳ бар сари ӯст.

Қавме, ки зи файзи маърифат шодоб аст,
Бунёди дилаш зи гавҳари одоб аст.
Аз боди самумии биёбон орист
Фарде, ки нишеманаш лаби Варзоб аст.

Эй нексиришт, номи некон бардор,
Бар авҷи фалак шавкати Инсон бардор.
Хасрӯба машав бар дами тӯфони ғурур,
Соҳибхирадӣ, мӯр ба мижгон бардор!

Наврӯз, биё, ба расми наврӯзии мо,
Пурнур намо базми сарафрозии мо.
Бо мақдами ту шароби ваҳдат нӯшем,
Бар боди фано расад маҳалбозии мо!

Эй марди сарафроз, сарафканда мабош!
Озод бизӣ, ба нокасе банда мабош!
Сар деҳ ту чу абр гиря ҳар гоҳ, вале
Чун ханда зи авҷи барқ сӯзанда мабош!

Ғофил манишин, кавну макон даргузар аст,
Ин гарди сафеди сар зи пирӣ хабар аст.
Ғофил машав аз шеваи аъҷубаи вақт,
К-ин ҷилваю нози ӯ фиреби назар аст.

Бар марзи мурод по ниҳодем ба ҳам,
Сад бор бичастему фитодем ба ҳам.
Дар роҳ басе буд муаммои замон,
Бо қадри тавон ҳамекушодем ба ҳам.

Эй дӯст, маро ҳамеша ҳамдам будӣ,
Як умр шарики шодию ғам будӣ.
Аз тири қазо захм ба ҷонам бирасид,
Исонафасо, маро ту ҳамдам будӣ.

Рустам зи ғизои боғу роғи миллат,
Мастам зи ҳавои кӯчабоғи миллат.
Гар хор халад ба пои пуробилааш,
Доғ аст дилам зи дарду доғи миллат.

Гӯянд, ки ҷанг чеҳраи вайронист,
Амре зи қазову қадари кайҳонист.
Эй бехабарон, баҳуш мебояд буд,
Ин нуқс ҳама зи ғояти шайтонист.

Оқил ба ҳунар хароба обод кунад,
Боғи гулу кохи нур эҷод кунад.
Ҷоҳил, ки бувад чу чуғз вайронапараст,
Ҳар ҷо, ки равад, харобаро ёд кунад.

Аз шеваи ваҳдат аст озодии мо,
Аз нузҳати ваҳдат аст ободии мо.
Ваҳдат чу тулӯи шамс волост ба арҷ,
Нураш чу сахо расад ба ҳар водии мо.

Гулбоғи сухан ҳамеша дар нашъунумӯст,
Ҳуснаш ба масал чу рӯи дӯшиза накӯст.
Хоҳам, ки чу армуғон аз ин боғи сафо
Гулдастаи ҳамдилӣ барам бар дари дӯст.

Хоҳам ба ҷаҳон набинам озори касе,
Ҳаргиз нарасад шикасти бозори касе.
То кулбаи танги падарӣ кохи ман аст,
Ҳасрат набарам ба қасру девори касе.

## ДӮСТӢ

Дастҳо бо дастҳо печанд агар,
Ақлҳо бо ақлҳо оянд агар.
Кӯҳҳоро чаппагардон мекунанд,
Дардҳоро зуд дармон мекунанд.

Чашмро бо чашмҳо дӯзем агар,
Мисли ҳам бо ёди ҳам сӯзем агар.
Мушкили бисёр осон мешавад,
Носипос аз мо гурезон мешавад.

Гар ба роҳи ҳамдигар монем пой,
Гар яке бошад ҳама омолу рой,
Роҳ кӯтаҳ мешавад, мақсад қариб,
Дар намемонем бар доми фиреб.

Гар ба ҳам бошем ёвар, муттафиқ,
Дар ҳама ин дору гире чун рафиқ,
Ёр розӣ мешавад аз кори мо,
Меравад аз мо ғаму озори мо.

Гар чу гул аз як замин сар мекашем,
Сар ба сӯи нури ховар мекашем,
Ин замин бисёр зебо мешавад,
Тоҷикистон зеби дунё мешавад.

## БЕХАБАРӢ

Одамиро навоз дар дунё,
Одамиро раҳо бубахш аз марг.
Одамиро бикун панаҳ аз бод,
К-аз дарахташ маяфканад чун барг.

Одамиро ба ҷон навозу навоз,
Дасти раҳмат гузор бар сари ӯ.
К-аз ғуруру камоли бехабарӣ
Меравад марг по ба по бари ӯ.

Муддаои дилаш бигиру бидеҳ,
Муддаои дилаш бихезу нишин.
Муддаои табиаташ мебош,
То нагардад дигар ҳазину ғамин.

Вораҳонаш зи банди макру ҳиял,
Вораҳонаш: ба худ шак овардаст.
Вораҳонаш, ки бо талоши худаш
Хештанро ғуломи худ кардаст.

Ончунон аст, к-аз замин кандаст,
В-аз фалак ҳамчу санг афтодаст.
Дар миёни ду олами бетаг,
Ломакон сар ба бод бинҳодаст.

Одамиро, ки ин ҷаҳон аз ӯст,
Ин ҷаҳонро бидеҳу ҷон бахшо.
Бар заминаш биёр бори дигар,
Дар заминаш бикун, зи нав эҳё.

Бо дарахту гиёҳу обу замин,
Ошнояш бикун, ки пайвандад.
Ҳамчу тифле, ки саркаш асту шӯх,
Гӯшмолаш бидеҳ, ки дил бандад.

Одамиро навоз ҳар соат,
Одамиро мадеҳ дигар озор.
Одамиро бигӯ равад ҳамвор,
Дар ҷаҳони ҳанӯз ноҳамвор.

*Саидҷон ҲАКИМЗОДА*

## НИЁИШ

Зи пеши роҳи ростон фиканда кӯҳу бора бод,
Ба рағми доду беғамӣ баланд дасти чора бод.

Зи нобарорӣ ин дили ғамину сардгаштае
Ба сина гарм аз дигар, зи нав пур аз шарора бод.

Сари касе, ки ҷангро умеду орзу кунад,
Ба зери роҳи оҳану ба зери сад қатора бод.

Рухи тамоми дӯстон чу офтоби нурбор,
Дили сиёҳи душманон чу абри пора-пора бод.

Барои ҷоннисорҳо ситорае ба бар кам аст,
Ба номашон дар осмон ҳазорҳо ситора бод.

Яқин бувад, ки аз азал саворaҳо савораанд,
Кафи дуо ба рӯ кашам: пиёдаҳо савора бод!

Муҳаббати диёри мо ба қалби беканори мо
Чу меҳри модарони мо бузургу беканора бод.

* * *

Бенамозонро ҳавои Хонақо бегона аст,
Дар мазори подшаҳ гӯри гадо бегона аст.

Пӯчаке қадре надорад аз барои заргарон,
Марди соҳибдидаро чӯби асо бегона аст.

Ҷуғз дар вайрона аз булбул бувад болонишин,
Бар навонофаҳм маънии наво бегона аст.

По агар сӯзад, давӣ то бар лаби оби равон,
Бар каси бедард дорую даво бегона аст.

Кӣ магасро дид болои гули хушбӯи боғ?
Булҳавасро нашъаи меҳру вафо бегона аст.

Дасти касро мо набӯсидем аз рӯи тамаъ,
Сарбаландонро паноҳи илтиҷо бегона аст.

Мо ба чашми худ, Саид, ин рӯзгорон дидаем,
Ҷанг байни хеш хезад, ошно бегона аст.

* * *

Бародарҳо, бародарро маранҷонед, некӯ нест,
Ки як одам баланд аз одами дигар сари мӯ нест.

Фазои нашъаи найрангҳо дуди фано дорад,
Бипарҳезед аз кайфаш, ки он дуди тамоку нест.

Такопӯҳои инсонро мапиндоред беҳуда,
Ки дунё бо бузургиҳош асло бетакопӯ нест.

Самар овард бояд дар ду-се рӯзе, ки меҳмонем,
Дарахти умри одам нахли сарсабзи лаби ҷӯ нест.

Гуноҳи мо, савоби мо намонад ҳеҷ бепурсиш,
Ягон бозор дар ду даҳр бесангу тарозу нест.

Ҷаҳондоро, чӣ суд аз ман–маниҳои ду-серӯза,
На ин дунё, на он дунё ба фармони ману ту нест.

### *Абдуллоҳ ҚОДИРИИ МУМТОЗ*

## МУХАММАСИ ДӮСТӢ

Дар тапиши дил аз суруди ҷонфизои дӯстӣ,
Ранҷҳо маҳви навои дилрабои дӯстӣ.
Тобад андар дидаҳо мавҷи зиёи дӯстӣ,
Боиси эъҷозҳо бошад бақои дӯстӣ,
Меҳр ҷӯшад дар дили мо аз ҳавои дӯстӣ.

Қосиди айём дорад муждаҳо аз рӯзгор,
Гулшани аҳбоб сарсабз аст ҳамранги баҳор,
Орад иқболи ҳумоюн меҳнати халқи диёр,
Мезанад боли таманно мурғи дил лайлу наҳор,
Фатҳи нав-нав гашт анбози ливои дӯстӣ.

Мавҷи гулҳои чаман шӯр афканад дар ҷони мо,
Медурахшад орзу андар дили ҷӯшони мо,
Дӯстӣ бодо ба сар хуршеди нурафшони мо,
Халқи олам дар раҳи сулҳанд ҳампаймони мо,
Росту ҳамвор бошад роҳҳои дӯстӣ.

Ханда дар лабҳои тифлон аз саодат гул кунад,
Рӯи ёрони гиромӣ аз садоқат гул кунад.
Аз навозиш ғунчаи боғи рафоқат гул кунад,
Дар сиришти ҳар суханпарвар муҳаббат гул кунад,
Ғулғулафкан бод дар олам садои дӯстӣ!

## ДУ ДУБАЙТӢ

Ривоҷи зиндагӣ аз кори сулҳ аст,
Халоиқ ҷумла байрақдори сулҳ аст.
Ба чашми ҷангҷӯён оганад хок,
Ҳар он кас зидди ҷангу ёри сулҳ аст.

Ба ҳукми сулҳ зидди ҷанг кӯшем,
Ба роҳи донишу фарҳанг кӯшем.
Ба саъйи он ки ин дунёи мавҷуд
Амон бошад, ба як оҳанг кӯшем.

## СОҲИБВАТАН

Олам ҳама боғу по ба боғам наравад,
Бе ҳусни Ватан гули чароғам надамад.
Он ҷо, ки ба тифлиҳо фитодам боре,
Бӯи хуши хокаш аз димоғам наравад.

Байроқи Ватан чу ҷомаи беқасабам,
Ҳушдор диҳад зи Оли Сомон насабам.
Дар сина шарори оташи Зардуштам,
Ман душмани хеш бо маонӣ куштам.

Дар домани кӯҳи сарбаландам зоданд,
Дар соҳили руди дилписандам зоданд.
Бо фитрати зотиву дили шаҳбозӣ,
Хушҳолу закиву ҳушмандам зоданд.

Бинам, ки Ватан боз ҳам обод шавад,
Афзунтар аз он хотири ман шод шавад.
Дил болад аз ин ҳол, бирӯяд гули завқ,
Савти дигари тарона эҷод шавад.

Ҷон бахри Ватан супурданам–хушбахтӣ,
Сарзинда дар он намурданам–хушбахтӣ.
Имрӯз баҳораму саҳар барги хазон,
Дар хоки Ватан фасурданам—хушбахтӣ!

## ИСТИҚЛОЛИ МО
*(Суруд)*

Шамси рӯҳафзост истиқлоли мо,
Шодии дилхост истиқлоли мо.
Зеби сад дунёст истиқлоли мо,
Ҳозиру фардост истиқлоли мо.

Ин Ватан обод гашт аз файзи он,
Номи мо машҳур шуд бо ориён.
Шоҳид-и он мардуми рӯи ҷаҳон,
Аз ҳама болост истиқлоли мо.

Ташна мо будем бо оби ҳаёт,
Сӯи он мондем по бо эътиқод.
Ин саодат халқи моро даст дод,
Ҳамчунон дарёст истиқлоли мо.

Ин ато бар халқи тоҷик бебаҳост,
Тоҷики имрӯза дар нашъу намост,
Сарвари мо халқи моро раҳнамост,
Тозаумри мост истиқлоли мо.

Шӯҳрати ин давру даврон зинда бод,
Ному нанги оли сомон зинда бод!
Тоҷикону Тоҷикистон зинда бод,
Ганҷи беҳамтост истиқлоли мо.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикам бо нури истиқлол шуд овозадор,
Шодмонам, мекунам бо номи некаш ифтихор.

Файзи истиқлол ӯро кард машҳури ҷаҳон,
Мекунам хизмат ба ӯ бо ҷону дил фарзандвор.

Дар дили ман нури меҳраш дар забонам номи ӯст,
Лозим ояд, аз барояш мекунам ҷонро нисор.

Зиндаам бо номи ӯю зиндагии ман вай аст,
Ҳамчунон фарзанд номаш ҳаст дар ҷон устувор.

Хуш, ки ҳардам мешавӣ ободу зебову бузург,
Эй Ватан , эй Тоҷикистон, кишвари доимбаҳор.

Мекунад шукронаҳо халқам ба номи неки ӯ,
Ҷамъи фарзандони ту ҳастанд бономусу ор.

Чун биҳишти рӯи дунё дар ҷаҳон машҳур ту,
Гаштаӣ бо ин сифат дар рӯи дунё номдор.

Шодам ин ки чун Аюбӣ дӯст медорам туро,
Боз аз он шодам, ки ҷамъи тоҷикон хешу табор.

*Лутфи ХОМӮШ*

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ МУБОРАК ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ

Тоҷик аз рӯзи азал озода зода буду ҳаст,
Сарнавишташ дар ҳама дунё дурахши бахт шуд.
Номи ӯ то авҷи арши чархи манӯӣ расид,
Дар ҷаҳон бишнохта бо ному тоҷу тахт шуд.

Лек душманҳои ӯ аз ҷони ӯ боло шуданд,
Қалби ӯро хасми ӯ монандаи шайтон гирифт.
Душманаш аз ҷони ӯ бархоста тахташ гирифт,
Гӯиё, ки дар даҳонаш луқмаро осон гирифт.

Ӯ ба аъдояш зи қисмат ҳамдаму ҳамхона шуд,
Дӯсти ҳамхонаи ӯ душмани ҷонаш бишуд.
Нони худ бо гушначашме доду шуд ҳолаш табоҳ,
Ҳамнишини тангчашмаш соҳиби хонаш бишуд.

Шаҳди истиқлол гарчи дер шуд дар коми мо,
Лек он дармони нав дар пайкари тоҷик шуд.
Бахт аз дигар ба рӯи тоҷики ман ханда кард
Бахтбони боадолат сарвари тоҷик шуд.

Боз ҳам шукронаи яздону мардони асил,
Баҳри сулҳи пойбарҷо қаҳрамонӣ кардаанд.
Гардани навмедии садсоларо бишкастаанд,
Баҳри хоки поки кишвар ҷонфишонӣ кардаанд.

Сарвари миллат чу хуршеди Ватан омад падид,
Шӯҳраташ андар сиёсат оламӣ дилҳо гирифт.
Ҳиммати Ҳотам ба ӯ хос асту ҳукми оқилон,
Тоҷикистон дар нигоҳи равшанаш маъво гирифт.

Ҷаҳд бинмуда барои пешрафти кишвараш,
Роҳҳоро мебарад то баҳр аз кӯҳу камар.
Роҳҳои зиндагӣ бикшод баҳри тоҷикон,
Зери бори миннати душман намонад, то дигар.

Нури барқи Сангтӯда, нури Роғун баъд аз ин
Дар қатори нури Норак баҳру бар равшан кунад.
Тоҷикистонро чу мулки нур бишносад ҷаҳон,
Пиру барно ифтихоре аз чунин меҳан кунад.

Нақби «Истиқлол» роҳе мекушояд бо низом,
То ки шаҳроҳе ба васли тоҷикон пайдо шавад.
Аз ҷудоӣ нест ҳарфе байни фарзанди ватан,
Дар ғарибӣ душмани эшон ҳама расво шавад.

Тоҷикистон, марзу буматро муқаддас хондаам,
Ҳар ваҷаб хоки туро бо қиммати ҷон мехарам.
Меҳри ин миллат ба виҷдонам ба армонам қавист,
Покии номи туро бо нақди имон мехарам.

Тоҷикистон, рамзи давлатдориат бошад аён,
Он таҷассум мекунад ояндаи рахшони ту.
Ҳам нишони давлатат зебо ба ранги зиндагӣ,
Ҳам суруди миллатат сар то ба по армони ту.

Тоҷикистон, ахтари рахшандаи асри навин,
Тоҷикистон, ту сафобахшандаи рӯи замин.
Тоҷикистон, ваҳдаторо, лоиқи сад офарин,
Тоҷикистон, тоҷиконро, тоҷи дунёро нигин.

*Ҳоҷӣ МУРОД*

## НАҚБКАН

*Ба бунёдгарони нақби Анзоб*

Ба қаъри зулмати сангин, чароғи ақл пешорӯй
Биҷӯӣ чораи омолро дар пои имонат.
Ба ҳар каф регу гил, ки заҳмати ту мекашад берун,
Дуъо тақдим медорад малак бар расми эҳсонат,
Ниёиш мерасад аз фитрати гардун.

Зи ҳар гарде, ки мегардад бадар з-ин мазраъи эъҷоз
Назарро медиҳӣ об аз шукуфтанҳои фардоят.
Паи ҳар лаҳзаи пайкор дастонест нотакрор,
Қаламдодаст бо шоистагӣ аз лавни иншоят,
Дарак меорадат аз нусрати зинҳор.

Надорад тоби зарби зулфиқори обдорат санг,
Дамодам дар шикастан сурати бунёди тамкин аст,
Зи ҳавлоҳавлии таслим дар ин разми ҷонафрӯз
Хуш андар хуш фурӯзон ояти бедори ойин аст,
Таманноро масофи туст пандомӯз…

Нафасро мешуморӣ бо дами субҳи шақоиқхез,
Ҳамора то замоне мефарояд сояи шомат,
Нишоти туст аз манзумаи боғи ҳавас саршор,
Ки аз ӯ медамад гулгун фурӯғи бодаву ҷомат,
Ҳалолат бод ин нашъи саодатёр!

Ба мизони ҳунар аз иштиёқ андоза мегирӣ
Ба арзу тӯл сар то по ҳудуди корзоратро.
Навои тозаи ёдат танини хуш биандозад,
Ба ҳар боре, ки бо фархундагӣ бинӣ бароратро,
Ба авҷи лоязолӣ дил сар афрозад.

Нишони мустақимат аз заковат баҳра бардорад,
Ҳадаф аз ростии роҳи ишқат ҳаст бархурдор.
Салои фурсат ин рӯзат гузорад бо шукуфоӣ
Ба меъоде, ки аз осори васлат ҳаст шаъшаъбор,
Тараб меболад аз ҳусни пазироӣ…

Мароми вақти якрав бар қади андешаат ҷорист,
Гуморӣ дар ҳади матлаб инони ихтиёрашро.
Мақоми орзу аз суннати аҳдат чаманхез аст,
Пазиро бо сипосӣ суфраи файзи нисорашро,
Ҷамоли шавқат аз ин арҷ гулбез аст

Зи пиндорат ба арзи кулл замондор аст кирдорат,
Ки ҳар дам рӯбарӯ дарҷ аст дар ойинаи ҳангом.
Ту медонӣ, ки бар оянда аз ин сангари уммед
Ба шукри лутф пайки рӯзгорат мебарад пайғом,
Кафиланд аз раҳи паймон маҳу хуршед.

Таҷаллӣ медиҳӣ аз юмни меҳнат бо сафои сидқ
Қудуми рӯзро дар соҳати инкори аз инкор.
Қиёмашро зи музди кайфу кам меофарӣ маъмур,
Фазоро менигорӣ аз ҷалоли бахт миннатдор,
Бисоташро зи ҳикмат мекунӣ манзур…

Камоли доругират ҳайратафрӯз аст ҳимматро,
Ки нав-нав ранг мебандад зи қадраш чеҳраи армон.
Ҳақиқатро дигар подоши ӯ мазмуни оҳанг аст,
Шукӯҳаш бо низоми бениёзӣ мезанад ҷавлон,
Муҷассам хилқаташ аз зевари нанг аст.

## РУБОИЁТИ УШТУРАҒБА

Эй Ағбаи Уштур, ки ба пеши назарат
Ҳар рӯз бурун кашем санги ҷигарат.
Аз ҳиммати он шукуфа хезад ҳама сол
Дар доману дар синаву пушти камарат.

Эй Ағбаи Уштур, зи ту монад чу нишон,
Нақбе, ки зи қадри рӯз афтод гарон.
Акнун бинигорад дилат ангораи нур
Бо ҳар нафаси насибаи набзи замон.

Эй Ағбаи Уштур, гузарем аз дили ту,
Дар дида дигар барем гарди гили ту.
Афрӯхта дар сина аз ин музд чаман,
Оро бидиҳем аз аҷри гул маҳфили ту.

Эй Ағбаи Уштур, ҳади овозаи ту
Перост зи қадри ҳусн андозаи ту.
З-ин пас ба замон чу фитрати зевари завқ
Нашр аст паёми гули шерозаи ту.

Аз Ағбаи Уштур, ки дигар соли тамом
Дар хидмати зиндагист, бо арзи қиём—
Мардум ба мурод биспарад роҳи умед,
Шукрона гузорад аз паи зикри калом.

Бо роҳи ҳазорсолаҳо аз паи дод,
Ай Ағбаи Уштур, бирасидӣ ба мурод.
Дар сафҳаи вақт баъд аз ин ҳарф ба ҳарф
Дарҷ аст туро фасоҳати ранги ниҳод.

Дар Ағбаи Уштур ҷигари санг канем,
Раҳ аз паи бедории фарҳанг канем.
Саф дар саф агарчи ҳаст сад сангари шах,
Ҳар сангари ӯ ба тешаи нанг канем.

Дар Ағбаи Уштур сари шаб жола бизад,
Аз жола фазои Маҳ ба қад ҳола бизад.
Субҳ омаду аз бунафшабӯии шафақ,
Бар гунбади ёлазор гуллола бизад.

Дар Ағбаи Уштур, ки сари кор задем,
Нақбаш ба муроди дили бедор задем.
То даст диҳад ба кӯтаҳӣ роҳи дароз,
Ҳар теша ба санг аз сари зинҳор задем.

*Зиё АБДУЛЛО*

## БОЗГАШТИ ВАТАН

Ҳоҷии ман,
Ҳоҷии аз қиблаи худ дур
Дар тавофи Каъбаи маҷбур
Ҳоҷии маҷбур,
Ҳоҷии маҷбур.
Нарм мегӯям ба гӯши ту, зиёратҳо қабул!
Аз муроди ҳосилам макшо лаби ранҷур!

Дар замони кӯдакиҳо,
Гуфта будам пири бобо
Ки: –Зиёрат рафтаӣ,
Лек рӯ сӯи муқобил,
Қибларо аз ҷои гарми хеш беҷо карда буданд,
Сӯи сармо бурда буданд…
Мекашидам интизоратро…
Гарчи дар дил мешудам иқрор
Ҳаҷҷи ту дар раҳ, қабул афтода биллоҳ,
Мурдаӣ, яъне, ту дар роҳи зиёрат…

Лек рӯзе,
Ҳамсафарҳои ғарибат–
–Идҳоят бозгаштанд,
Тоқа-тоқа,
Таг-таги деворҳову соярӯшанҳои маҳтоби сиёсат
Кӯзпушту сарсафеду потиҳӣ
Хуршедҳоят бозгаштанд…

Идҳо гуфтанд, ҳоло зиндаӣ, лек
«Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб…[1]»
Бо Ватанҳо каъбаҳо он ҷо ғариб…

Каъбаи дил зери поҳо суда, ҳайф,
Умри ту дар қиблаҷӯӣ буда, ҳайф…

---

[1] Мисраъ аз Хоҷа Камоли Хуҷандӣ

Ҳамраҳи гулномаи озодӣ, эй Юсуфи ман,
Мекунам роҳӣ чиҳил дӯшизаи уммеди наврас
Нарм орандат буруни бурҷи зиндони ҳавас,
Якта-якта,
Гарм бӯёну бағалсоён,
То зи гармии нафасҳои равон хезӣ ҷавон.
Нозафшони бағалҳои ҷавон хезӣ ҷавон…
Аз бародарҳои ту чизе намегӯям.
Лек мегӯям
Дидаи Яъқуб ранҷур аст,
Каҳтсолӣ низ манзур аст…

Бозгашти ту муборак бод, эй Юсуфи ман!
Пеши поят мезанам зону,
Доманатро мекунам бӯ,
Боқии умрам тавофи ту…

## ЧАКОМАИ ОЗОДӢ

Озодӣ,
Ба рамзи Аҳурамаздо дар ҳалқаи шаш амшоспанд,
Ситораи рӯз дар даст берун омад.
Ва субҳро аз паи худ хонд.
Субҳ Хуршедро,
Хуршед Ҷамшедро,
Ҷамшед Зартушро,
Ва Зартушт ҳафт ранги нурро тафсир дод,
Он қадар тафсири нуронӣ, ки ҷон ҳам хешро.
Андаруни нур диду гуфт:
Офаридан сулҳро обастан аст аз нур,
В-аз ғуломиву гадоӣ ҳар кӣ обастан бувад,
Аз куҷо мезояд Озодӣ?...

Сояи ин нурро Мӯсо асои хеш кард,
Мисрро дарвеш кард.
Соя чун гардад асо?
Аз барои панҷаи худ
Порае бирбуд Исо нурро,
Румро ӯ муму хеши кеш кард.

Мағзи Мағрибро калӯши пеш кард
Нурдуздӣ расм шуд…
Тофт бо як ранги тиллоӣ ба чашми халқ нур,
Ҳафт ранги нур шуд аз чашми маънӣ дур.
То намояд ҳафт ранги ҷовидони нурро,
Ҷомаи ҷисмонӣ пӯшонид Монӣ нурро.
Ишқи Исо гарчи з-ин тафсири нур
Боз нури тозаи ҷонӣ гирифт.
Ориё дар худ парешонӣ гирифт
Ончунон кӯбид Мониро, ки Мониро қалам
Ҷониби Мағриб париду сабз шуд…

Ранги зардаш аз пайи Салмон биёбонбӯс шуд,
Нур бо шамшер пайваст,
Ҳамчу Салмони пушаймон нур пири кӯз шуд,
В-он ки яктоии яздонро ҳам акнун мешинохт,
Бар сари мойи ҳазоронсола яктои намоз
Омаду зад, ки Худо яктост.
Нури шамшери Муқаннаъ ҷониби хуршед рафт.

Аз пайи моли Худо аз мо Худоро низ дуздида,
Дасти тазвири биёбон сохт
Дар биёбон аз дурӯғе устувона.
Ломакони мо биёбонхона шуд,
Пас Худо хӯйи биёбонӣ гирифт,
Шуд биёбонӣ.
Эй аҷаб, ин ҷо биҳишту ӯ ба дӯзах хона кард,
Гӯиё ҷое беҳ аз он ҷо наёфт.
Ҳам Худо ҳам мағзи мо аз мо ҷудо шуд,
Меҳр коридан ба ҷуз кин бар надид,
Тан биҳиштӣ, сар биёбонӣ ба аърофӣ кашид.
Офаридан мурдаву шуд зинда тарс
Чашми мо хушкид аз ин тазвиру ин тасвиру ин тафсир.
Тарсу тарсонанда обастан ба ҷанганду ғуломӣ…

Мавлавӣ зад нойи нури сӯдарун:
«Эй шаҳон куштем мо хасми бурун,
Монд хасме з-ӯ батар дар андарун
Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,
Шери ботин заҳраи харгӯш нест.

Саҳл шере дон, ки сафҳо бишканад,
Шер он аст он ки худро бишканад…»
В-ин бурунзан шуд дарункан
Аз дарун худро шикастем он қадарҳо
ки буруни мо намонд…

Бо сари хуршедии худ сина зад ду шери нар
Даст бар болои даст
Яъне, мегӯянд: «Аз мо то ба Хуршедии Ҷамшеди дигар
Ҳар ки берун ё дарунро бишканад,
Нурро дар гавҳари хун бишканад,
Гуфтугӯяш бо ман аст,
Устувона аз дарун бошад, ки берун бошадат!
Роҳи мо аз нур то нур аст,
Не чу зулмат гӯр то гӯр аст.
Ҳар касеро нест Озодӣ,
Ӯ чӣ донад чист Озодӣ,
В-ар ҳамин нозест Озодӣ
Кай тавонад зист Озодӣ,
Офариданҳост Озодӣ,
Чун Худо худзост Озодӣ!»

## ЧАШМЕ, КИ БА ВАҲДАТ НИГАРАД…

Сад шукр ба Яздон, ки расидем равонӣ,
Аз гӯркашонӣ тарафи нуркашонӣ.

Чун модари шаб духтари хуршед бизояд,
Дар нур бигирад ду ҷаҳон ошиқи ҷонӣ.

Гар дасти ҳунар шонаи пардоз насозӣ,
Осуда куҷо сӯи Худо дил бикашонӣ.

Чашме, ки ба ваҳдат нигарад, чашмаи нур аст,
Чашме, ки набинад, қафаси зулмати сонӣ.

## СУРУДИ ВАҲДАТ

Тоҷикистон, ҳама хешем, ки хешем ҳама,
Ба намози Ватани ойинакешем ҳама,
Кӯдаки мост Ватан, хез, сари дӯш кунем,
Обро дар даҳани кӯдаки худ нӯш кунем.

Кӯҳро пайкараи ханда кунем,
Бодро шаршараи ханда кунем,
Лола оҳубараи ханда кунем,
Ҳар дари худ дараи ханда кунем.

Хезу бархез, ф алак аз пайи мо мепӯяд,
Хезу бархез, ки хуршед зи мо мерӯяд,
Ба гиребони худ аз атри гули дил зану хез,
Ки Худо низ гиребони туро мебӯяд.

Тоҷикистон, ҳама хешем, ки хешем ҳама,
Ба намози Ватани ойинакешем ҳама,
Кӯдаки мост Ватан, хез, сари дӯш кунем,
Обро дар даҳани кӯдаки худ нӯш кунем.

Кӯҳро пайкараи ханда кунем,
Бодро шаршараи ханда кунем.
Лола оҳубараи ханда кунем,
Ҳар дари худ дараи ханда кунем.

*Исмоил ЗАРИФӢ*

## НЕРӮИ ИСТИҚЛОЛ

Ба дил қувват бубахшад ҳар нафас нерӯи истиқлол,
Кашад қад сӯи фардо қомати дилҷӯи истиқлол.

Зи истиқлол олам мешавад пурфайзу ободон,
Димоғи кас муаттар мешавад аз бӯи истиқлол.

Ба тифлон гар бубахшад роҳате гаҳвораи заррин,
Ҷавонон роҳате ёбанд дар зонуи истиқлол.

Ҳазорон хирмани зар пеши истиқлол чизе нест,
Ҳазорон ташнаро сероб созад ҷӯи истиқлол.

Ҳимоят соз марзу буми хешу шукр гӯ ҳар дам,
Раҳо аз каф мегардон ҳеҷ гоҳе мӯи истиқлол.

Абармарде агар дар ҳифзи он мардона ҷон бахшад,
Шавад эҳё зи файзи мақдами некӯи истиқлол.

Ба дарди беватан дору шифо ҳаргиз намебахшад,
Тасаллобахши дарди ӯ шавад доруи истиқлол.

Худоро шукр мегӯям, ки ман соҳибватан ҳастам,
Надорам серие то зиндаам аз рӯи истиқлол.

## ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Чу бинам тифлаки хушҳоли тоҷик,
Намоям шукри истиқлоли тоҷик.

Ҳаминам бас, ки соҳибмеҳанам ман,
Тафохур мекунам з-иқболи тоҷик.

Кушоям ҳар гаҳе девони Ҳофиз,
Назар дӯзам фақат бар фоли тоҷик.

Давоми Оли Сомони бузургам,
Давоми ман бувад аз оли тоҷик.

Аҷоиб мардуми меҳмоннавоз аст,
Биё, бингар, ту истиқболи тоҷик.

Паи парвози роҳи орзуҳо,
Қавӣ бошад ҳамеша боли тоҷик.

Яке раҳ ҳиммати созандааш бин,
Бувад аз пор бар ҳар соли тоҷик.

Зафарэҷоду ҳам собитқадам гашт,
Чу субҳ испед ҳаст аъмоли тоҷик.

*Одина МИРАК*

## ИСТИҚЛОЛ

Ман нагӯям, ҳон, ки истиқлол чист
В-аз кучо бар Тоҷикистон омад он.
Ҳам нагӯям хуб ё бад ҳаст ӯ,
Меваи овардааш манзуратон:

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Сад нафар тоҷик олам дида буд?
Сад нафар тоҷик дунёро ба чашм
Ростӣ, ки дидаву санҷида буд?

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Кас магар аз дидаву бишнидаҳо,
Аз диёри дигарон мегуфт рост,
Чӣ, наметарсид оё аз ҷазо?

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Балки аз он бештар садсолаҳо.
Хонаи бечора тоҷик гашта буд
Домани кӯҳу адиру ёлаҳо.

Шаҳру бумаш доду ҷонашро надод,
Обу нонаш доду номашро надод.
Дар ҷаҳон овора истиқлол кофт,
Фаршу аршаш доду бомашро надод.

Шуд замону шуд замонҳои дигар,
Тоҷики гумном болу пар гирифт.
Офтоб аз зери абр омад бурун,
Шӯҳрати он мулки Искандар гирифт.

Пас, дигар, чун ақли озоду ҷасур,
Дар Милал тоҷик раҳбар мешавад.
Дар Милал тоҷик мегӯяд сухан,
Ҳампари хуршеди Ховар мешавад.

Пас, дигар чун мурғи бебоку далер
Мекунад парвоз тоҷик Ғарбу Шарқ.
То ҷаҳон бинад, бубинад рӯшанӣ,
Дар ҷаҳолат то насозад хеш ғарқ.

Пас, дигар дар зери гардуни баланд
Гимни тоҷик ҳар куҷо бидҳад садо.
Ҳар куҷо бар тораки гардун барад
Гимни тоҷик шӯҳрати мо, шони мо.

Пас, дигар дар зери чархи нилгун
Парчами тоҷик ҳар ҷо парфишон,
Ин диёри кӯҳсорони баланд
Аз баландиҳои инсонаш нишон.

Пас, дигар дар шаҳраги шаҳроҳҳо
Халқ, агар мастона ҷавлон мекунад.
Шак набошад давлати бедори ӯ
Мушкили ҳар мушкил осон мекунад.

Пас, дигар дар синаи дашту даман
Халқ агар мардона ҳайкал мекунад,
Ҳайкали насли забардастони худ,
Ӯ, яқин, ояндааш ҳал мекунад.

Ку дигар он кундаву завлонаҳо?
Ҷои онҳо роҳи оҳан то абад.
Дасту по дигар на дар банду каманд,
Аз паи тармими меҳан то абад.

Ку дигар он чоҳу зиндони махуф,
Ку дигар маҳбас саропои Ватан?
Ҷои онҳо гулшану гулзорҳо,
Ҷои онҳо нақбу кон ғулғулфикан.

Ин ҳама бунёди эҷоди баланд,
Тифли навтавлиди истиқлол дон.
Ин ҳама парвози дуру дилписанд
Аз дурахшонии истиқлол дон.

## ШАҲРИ РОҒУН

Эй чашми пурнур,
Эй қалби пуршӯр,
Эй лутфи наздик,
Эй ҷони раҳдур,
Бар шаҳри Роғун
Боре сафар кун,
Равшан зи ҳуснаш
Нури басар кун.
Рӯи заминаш
Чун қуллакӯҳ аст,
Ҳар қуллаи кӯҳ
Бас пуршукӯҳ аст.
Мӯъҷиза ин ҷо,
Афсона ин ҷо.
Сар то ба гардун
Ҳар хона ин ҷо.
Нақшу нигораш
Дил мерабояд.
Хушбӯ канораш
Ҷон мефизояд.
Фаввораи нур,
Фаввораи об,
Бар дида ояд
Чун ширмаҳтоб.
Ҳар чашм ин ҷо
Саршори барқ аст.
Ҳар чашм гӯӣ
Хуршеди шарқ аст.
Эй чашми пурнур,
Эй қалби пуршӯр,
Эй лутфи наздик,
Эй ҷони раҳдур.
Бар шаҳри Роғун
Боре сафар кун.
Дар шаҳри Роғун
Як шаб саҳар кун.

## ДУР АЗ ТУ ЯК ШАБИ ДИГАР САҲАР ШУД, ЭЙ ВАТАН

Дур аз ту як шаби дигар саҳар шуд, эй Ватан,
Боз як рӯзи ҷудоӣ пушти сар шуд, эй Ватан.

Гарчи буд аз умри ман ин рӯз, шукри он ки рафт,
Боздиди мову ту наздиктар шуд, эй Ватан.

Вақт бозистод оё, ки чу умре тӯл ёфт,
Ҳар нафас, ҳар дам, ки бе ту даргузар шуд, эй Ватан.

Тӯшааш меҳри ту буду матлабаш иҷрои қарз,
Дил ба амри ту даме ки дар сафар шуд, эй Ватан.

Дидаам ҳар ҷо, ки бе ту бар зару зевар фитод,
Пеши чашмам гарди хокат ҷилвагар шуд, эй Ватан.

Гулсифат дил ҳар куҷо гарчи рухи хандида дошт,
Лоласон аз ҳаҷри ту хуни ҷигар шуд, эй Ватан.

Ашки ҳиҷрон буд зиндонии чашмам рӯзҳо,
Узр, агар пинҳон зи ман шабҳо бадар шуд, эй Ватан.

Меҳри ту дар боғи дил буд гар ниҳоли наврасе,
Берун аз хокат дарахти пурсамар шуд, эй Ватан.

## ВАТАН-ИН АҲЛИ БАЙТУ ХОНАИ МАН

Ватан–ин аҳли байту хонаи ман,
Саропои Ватан–кошонаи ман.

Ватан бар ман фақат обу замин нест,
Ватан–ин мардуми фарзонаи ман.

Ватан–панди падар, уммеди модар,
Ватан–ишқи ману ҷононаи ман.

Ватан–ин суфраи пур, дидаи сер,
Ҳаёти ҳамчунон афсонаи ман.

Манам чун мурғи хушболупари бахт,
Ватан–обу ҳавою донаи ман.

Ғуруру сарбаландии ман аз ӯст,
Ватан–зӯри миёну шонаи ман.

Ватан–минбар, Ватан–овози бурро,
Ватан–ин ҳарфи озодонаи ман.

Паи ободиҳояш ҷонфишонӣ–
Ватанро ин бувад шукронаи ман.

Шикасти ӯ шикасти нанги мардист,
Ватан–паймони ман, паймонаи ман.

Чӣ бахти олие, мурдан ба роҳаш
Бувад гар қисмати пешонаи ман.

Ба бадкешон куҷо, охир, диҳам роҳ,
Уқобам ман, Ватан–ин лонаи ман.

Ба дунё зиндагӣ бе бахт марг аст,
Ватан–ин бахти ҷовидонаи ман.

## РОҲИ ҚАЛБИ АНЗОБ

Паси сар карда рӯди шӯхи Варзоб,
Гузар дорем мо аз қалби Анзоб.
Чунин мӯъҷизаро марди мусофир
Надида на ба бедорӣ, на дар хоб.

Кунун, эй ағба, садди мо наӣ ту,
Ту мондӣ дар қафоюю мо равонем.
Зи Ақраб то ба Ҷавзо зери барфӣ,
Вале мо ҳеҷ гаҳ дар раҳ намонем.

Ҳазорон сол бо садҳо машаққат
Гузар аз қуллаҳоят гаштем ҷӯё.
Миёни селу сангу барфу борон
Ба каф бигрифта ҷон раҳ мекушудем.

Ҳазорон сол монда сар ба поят,
Раҳи қалби туро мекоф тем мо.
Ба даврони Эмомалии Раҳмон
Чӣ хуш, ки ёфтем имрӯз онро.

Гузар дорем акнун аз дили ту,
Раҳи мо чун кафи мо гашта ҳамвор.
Ту, ки роҳ аз дилат додӣ, насозем
Сукути қуллаҳоятро халалдор.

## ДУБАЙТИҲО

Бувад ваҳдат шиори рӯзгорам,
Ба ҳар ҷое сухан аз ваҳдат орам.
Шуд Истиқлолу ваҳдат раҳнамоям,
Ба ҳар коре зи ваҳдат шуд барорам.

Аз он рӯзе, ки ваҳдат шуд шиорам,
Бишуд ҳар миллату ҳар қавм ёрам.
Дарахти кина аз дилҳо бикандем,
Ниҳоли бахт сабзад дар диёрам.

Умеду орзӯйи мо зи ваҳдат,
Ба ҳар ҷо гуфтугӯйи мо зи ваҳдат.
Ба ҳар коре нумӯйи мо зи ваҳдат,
Бувад амнияти дунё зи ваҳдат.

Зи Ваҳдат мамлакат обод гардад,
Тамоми аҳли олам шод гардад.
Агар бошад дар олам сулху ваҳдат,
Бинойи бахти мо бунёд гардад.

Аз он рӯзе раҳи Ваҳдат бишуд боз,
Ҳаёти хуррами мо ёфт оғоз.
Ба ҳар ҷое, ки дил хоҳад, равонем,
Кушода болу пар, гӯйи ба парвоз.

Раҳи Ваҳдат, ки ҳамвор асту зебо,
Аз Истиқлол шуд моро муҳайё.
Барад ин роҳ моро сӯйи мақсад,
Бувад роҳи умеди пиру барно.

Раҳи Ваҳдат раҳи сулҳу амонист,
Раҳи бахту саодат, шодмонист.
Чунон роҳат кунад кас андар ин роҳ,
Гумонам, ки чунин раҳ дар ҷаҳон нест.

Бубин, роҳе, ки моро мебарад Рашт,
Чӣ сон буду дар ин даврон чӣ сон гашт.
Ба сони каф бувад ҳамвор акнун,
Азоби роҳи мо, сад шукр, бигзашт.

Раҳи Ваҳдат, ки роҳи бемисол аст,
Зи «Ваҳдат» то канори Ҷиргатол аст.
Касе, ки сохт ин сон роҳ, нонаш
Ҳалол асту ҳалол асту ҳалол аст.

Гузар з-ин роҳ карда, мешавӣ шод,
Диёри мо, чӣ хуш, гардида обод.
Барои Сулҳу Истиқлолу Ваҳдат,
Ба Имом ибни Раҳмон офарин бод!

*Кором ОСТОНЗОДА*

## МЕҲРИ ВАҲДАТ МЕШАВАД ТАВЛИД…

Ба меҳри файзбори рӯзгорон боварӣ дорам,
Ба қавли баркамоли аҳди Яздон боварӣ дорам.

Ҷаҳони лашкари неку бадӣ чун оташу обанд,
Ба фатҳи лашкарони росткорон боварӣ дорам.

Агарчи тоҷикон дар даҳр мурғони парешонанд,
Ба сарҷамъии аҳли ҳамдиёрон боварӣ дорам.

Ба қонуни муҳаббат нафси саркаш ром мегардад,
Ба рӯҳи покбози ҳақгузорон боварӣ дорам.

Навои зиндагӣ бо сози дилҳо ҷӯр хоҳад шуд,
Ба амвоҷи нишоти комгорон боварӣ дорам.

Дигар абри сияҳ хуршеди дилҳоро намепӯшад,
Ба истиқлоли мулки меҳрдорон боварӣ дорам.

Зи нав аз чашмаи дилҳо муҳаббат мешавад тавлид,
Ба ҷӯши синаҳои роздорон боварӣ дорам.

Ватан аз оби ранҷи дасти мо шодоб хоҳад шуд,
Ба сарсабзии дашти галлазорон боварӣ дорам.

Ҳамон тоҷи шукӯҳи давлати Исмоили Сомон,
Дурахшон бар сари меросдорон боварӣ дорам.

Табибони хирад дилро шифои тоза мебахшанд,
Ба нирӯйи каломи ғамгусорон боварӣ дорам.

Ҳама чун зарраҳо як пораи хуршед мегарданд,
Ба ҳамдастии меҳри ҳамҷоварон боварӣ дорам.

Ба азми ҳамдилӣ мулки башар обод мегардад,
Ба хуршеди азими дӯстдорон боварӣ дорам!

## НУРИ ИТТИҲОД

Тифли ҷон дар сина мерақсад ба сози ҳамдилӣ,
Мурғи рӯҳам нағма мерезад зи рози ҳамдилӣ.
Дар баҳори амни кишвар гулбуни меҳрам шукуфт,
Ҷӯр шуд бо тори назми дилнавози ҳамдилӣ.

Андалебам аз қафас озод шуд, парвоз кард,
Бар самои беғубори Майҳанам овоз кард.
Вожаи ишқам ба шохи килки ҷонам гул намуд,
Баски дар набзи дилам нури Худо иъҷоз кард.

Мурғи фикрам дар замони Оли Сомон бол зад,
Дар шукӯҳи мулки тиллоини ишон фол зад.
Ҳикмати деринаи Сомониёнро зинда кард,
Парчами андешаро дар маснади иқбол зад.

Аз чароғи Рӯдакӣ равшан бишуд дунёи дил,
Аз давои Буалӣ дармон бигирад ройи дил.
Хуни Исмоъили Сомонист дар шарёни мо,
Метапад баҳри дифои кишвару маъвои дил.

Парчами ваҳдат ба фарқи мо парафшон мешавад,
Меҳр дар кошонаи дилҳо дурахшон мешавад.
Аз ҷабини марду зан борони меҳнат рехта,
Ризқи мо фардо дар ин кишвар фаровон мешавад.

Бо хирад рахшанда бодо роҳи дури иттиҳод,
Бо хирад авзун-ш бинамоем зӯри иттиҳод.
Зарраҳои ишқро хуршеди иҳсон сохта,
Дар ҷаҳони дил биафрӯзем нури иттиҳод!

*Усмон НАЗИР*

## ИСТИҚЛОЛ

Ибтидои ҳастии халқу Ватан,
Муждаи шодифизои ҷону тан.

Раҳкушои давлати нав, рӯзи нав,
Раҳкушои бахти нав, наврӯзи нав.

Зиндагибахшанда баҳри разму базм,
Мулкро бо ақл овардан ба назм.

Бозгӯ, равшаннамо таърихро,
Ҳам забони Зӯраву Миррихро.

Раҳбари илму адаб омӯхтан,
Машъали хушрӯзие афрӯхтан.

Ҳам садодеҳи диёри беназир,
Тоҷикони бефанову ҳам кабир.

Миллате, ки нест соҳибихтиёр,
Буду бошад мисли мурғи дар фирор.

Соҳибистиқлолӣ кард моро дигар,
Боз бинмуда ба мо роҳи зафар.

Кард Истиқлол моро комгор,
Маънии дигар гирифта рӯзгор.

Гашт Истиқлоли тоҷик зебу фар,
Ҳам бақои миллати соҳибҳунар.

Пос медорем Истиқлоли худ,
Дӯст медорем некӯ ҳоли худ.

Зинда бод Иқболрӯзи Тоҷикон,
То замин асту ҳаёту ин Ҷаҳон!

## САРҚОНУН

Шаҳодатномаи иқболи миллат,
Шукӯҳи меҳаниву боли миллат.

Китоби ақливу озодибахшӣ,
Сафои рӯҳиву ҳам шодибахшӣ.

Саодатномаӣ аҳли ватанро,
Нумӯбахши сурури анҷуманро.

Асоси давлативу буди давлат,
Каломи раҳкушо бар суди давлат.

Сароғозӣ барои кашфи эҷод,
Барои ҳар накӯфарди худодод.

Барои бахти некӯ раҳкушоӣ,
Ба ҳар инсони қобил раҳнамоӣ.

Адолатномаӣ дар дасти инсон,
Барои покиву пайкору имон.

Чароғи раҳнамои давру даврон,
Китоби бахти халқи Тоҷикистон.

Каломи теғ бар фарқи ҷаҳолат,
Барои худшиносиӣ кафолат.

Ту саддӣ бар алайҳи кулли бадкор,
Таноби гардани ҳар шахси мурдор.

Ҷиноятпешаро одам кунӣ ту,
Ба аҳли байташон ҳамдам кунӣ ту.

Ягона будани давлат пазирӣ,
Ҳақо қонуни хубу беназирӣ.

Барои наслҳоӣ номаи дод,
Аз он мо мардумони хонабод.

Бақои зиндагӣ ҳастиву эъҷоз,
Барои миллатӣ ту боли парвоз.

## ВАТАНПАРАСТӢ
## ВАҲДАТ АСТ

Он кас, ки ниҳоли сабзи боғи Ватан аст,
Осоиши дидаву димоғи Ватан аст.
Ҳар дил, ки барои ин Ватан месӯзад,
Бо шӯълаи хеш як чароғи Ватан аст.

Модар–Ватанам, ҳамеша дар ёди манӣ,
Дар арсаи зиндагонӣ имдоди манӣ.
Бунёд кунӣ марову ободи кунӣ,
Бунёди манӣ, хонаи ободи манӣ.

Бар ман ҳама дам шеъру сухан хуш бошад,
Аз ганҷу гуҳар хоки Ватан хуш бошад.
Ман булбули шӯридаи боғу чаманам,
Гулхандаи ин боғу чаман хуш бошад.

*Мӯҳтарам ҲОТАМ*

# ТОҶИК

Тоҷик аз оғози таърих омадӣ, хуш омадӣ,
Бо китоби рози таърих омадӣ, хуш омадӣ.

Пештар аз бомдоди нақши таърих омадӣ,
Дар ҷаҳон ҳамчун ниҳоди нақши таърих омадӣ.

Саргузашти умри таърих аст андар дӯши ту,
Сарнавишти дури таърих аст андар ҳуши ту.

Соли таърихат бувад андар хабар ҳаждаҳ ҳазор,
Давлату фарҳангу аврангу китобат бешумор.

Эй диновар, давлатовар, эй нахустомӯзгор,
Эй нахустин дар ҷаҳон адловару қонунгузор.

Ту алифбои нахустинро ба санг овардаӣ,
Пас китобу хомаву дафтар ба ранг овардаӣ.

Давлати Тоҷик буд дар сеяки рӯи замин,
Шӯҳрати тоҷик буд болотар аз чархи барин.

Дар Тибету Ҳинд маҳфуз аст осораш ҳанӯз,
Ҳар куҷо монда нишонаҳои бисёраш ҳанӯз.

Хиттаи ӯ ҷойгоҳи ҳазрати Одам буда,
Шӯҳрату овозааш сар то сари олам буда.

Буд нахустинмеҳани авлоди одам хоки ӯ,
Чун биҳишти рӯи олам буд хоки поки ӯ.

Сарзамини тоҷикон дар ҳафт кишвар будааст,
Чун камони ҳафтрангу ҳафт манзар будааст.

Мардумаш дур аз бадиву ҷаҳлу аз кину риё,
З-ин сабаб машҳур гардид он ба номи Орё.

Рӯзгорашро нахуст аз оҳану санг офарид,
Пас тамаддун офариду илму фарҳанг офарид.

Дасти тиллоии ӯ таърихро бунёд кард,
Сарзамини мурдаи таърихро обод кард.

Кам-камак аз хоки худ охир муҳоҷир гашт ӯ,
Сар ба сар дар ҳар сӯи олам мусофир гашт ӯ.

Ӯ ба ҳар як хиттаи таърих роҳи нав кушуд,
Ӯ ба ҳар як гӯша номи нав ба худ пайдо намуд.

Тоҷику Рус, Артаву Арса ҳама аз номи ӯст,
Худ Фарангу Ҳинду Эрон ҷумла аз пайғоми ӯст.

Кӯҳи Тоҷикро Худо аз рӯҳи Тоҷик офарид,
Ҳамчу рамзе аз баландӣ кӯҳи Тоҷик офарид.

Буд забони ҳазрати Одам забони орё,
Буд забони бас бузургону азизу авлиё.

Достонҳои «Маҳабҳарата» аз шаҳкори ӯст,
Низ «Ригведо», «Авасто» ҷумла аз осори ӯст.

«Шоҳнома», кист мегӯяд фақат афсона аст?
Ҳар кӣ мегӯяд вай аз таърих бас бегона аст,

Кист мегӯяд, ки тоҷикро, набуд кишваркушо?
Ӯ кушода хиттаҳои Осиёву Аврупо.

Кам-камак таърихи худро лек ӯ аз ёд бурд,
Дастовардаш ба чанголи фаромӯшӣ супурд.

Дастоварди варо бас ин гирифту он гирифт,
Ин гирифт ар ошкоро, он вале пинҳон гирифт.

Парварид ӯ ину онро гарчи андар доманаш,
Оқибат дар доманаш ҳам ину он шуд душманаш.

Бояд аз тақдири тоҷик кард бас шукру сипос,
Ғайри оне, ки набудаш дидаи душманшинос.

Дасти тоҷик хиттаи таърихро обод кард,
Ҷовидон Кохе ба нерӯи хирад бунёд кард.

Тоҷик аз ин ҳиммати худ тоза миллат офарид,
Орёимиллати орӣ аз иллат офарид.

Ҳикмати пешини худро ӯ ба ёд овард боз,
Ҳиммати дерини худро дар ниҳод овард боз.

**ВАҲДАТ**

Ҳамдилӣ, ҳамбастагиву ҳамсадоӣ ваҳдат аст,
Меҳрубонӣ, ғамгусорӣ, ошноӣ ваҳдат аст.

Ваҳдат аст он, ки ба назм овард даври коинот,
Ҳаммаромӣ, ҳамравоӣ, ҳамгироӣ ваҳдат аст.

Ваҳдат он набвад, ки созӣ бо ду-се тан дар ҷаҳон,
Бо ҳама халқи Худо ваҳдат намоӣ, ваҳдат аст.

Нест осон роҳ кандан гарчи аз кӯҳи гарон,
Лек гар аз дил ба дил роҳе кушоӣ, ваҳдат аст.

Бо худ о, хоҳӣ нагардӣ гар фаромӯши худӣ,
Аз фаромӯшӣ агар ки бо худ оӣ, ваҳдат аст.

Дасти ҳар афтода гиру дасти худ бар даст деҳ,
То Худо дасти ба даст ин ҷо биёӣ, ваҳдат аст.

Боғи ваҳдат дар баҳору дар зимистон гул кунад,
Дар замини меҳр чун гул лаб кушоӣ, ваҳдат аст.

Ваҳдати ҳар қатра Норакро ба гардиш оварад,
Ҳамчу дарё қатра-қатра боҳамоӣ ваҳдат аст.

Аз гузашти рӯзгорон боядат аз худ гузашт,
Гар расӣ, эй дил, дар ин раҳ чун фидоӣ, ваҳдат аст.

## КАСЕ НЕК ДОНАД НИЁГОНИ ХЕШ

Агар ман надонам ниёгони хеш,
Чӣ сон пок дорам дилу ҷони хеш?

Аз ин рӯ равам ман ба қаъри Аҷам,
Зи дунёи кӯҳна садо оядам.

Ба Алвандрӯдам бари Тайсафун,
Даро, Тоқи Кисро ба ҷон андарун.

Чакочак расад аз набарди гарон,
Шикаста ҳазорон зи гурзу камон.

Зи Рустам шуда Саъди Ваққос суст,
Ба назм оваридаст фарзанди Тӯс.

Фаредун ҳамеша ба ёд оядам,
Чу як сулҳпеша ба ёд оядам.

Аз ӯ кушта Заҳҳоки Морон шудаст,
Зи душман тиҳӣ рӯзгорон шудаст.

Сиёвуш аз ин даҳр бо оштӣ,
Нишони бади ҷанг бардоштӣ.

Ҳама ҷангбезори халқи куҳан
Хаёли Сиёвуш кунад мисли ман.

Ба ҳар сол Наврӯз ояд яқин,
Сиёвуш кунад ёд аҳли замин.

Зи Ашкониёнам, зи Сосониён,
Расидаст рӯҳам зи Сомониён.

Шикастаст рӯҳам басе садди роҳ,
Набурдаст рӯҳам зи душман паноҳ.

Наяст ифтихорам зи гурзу камон,
Ниёгон шикаста ҳам ину ҳам он.

Ба ин сон ниёгон ҳаётам хуш аст,
Ҳаётам ба ранҷу нишотам хуш аст.

Касе нек донад ниёгони хеш,
Бад-он нек донад дилу ҷони хеш.

## БИРАСАД БОНГИ ҶАРАС

Аз Гардани Уштур бирасад бонги ҷарас,
Бояд бирасӣ ба қадри ҳар ними нафас,
Ҳар ҷо, ки диле ҳаст, бикун сахт ҳавас,
Монанди шарар гузар зи ҳар банду қафас.

* * *

Мо банд кушодем, ки озод шудем,
Мо ғусса бихӯрдем, ки дилшод шудем.
Ҳар мӯъҷизаро ҳаст ба дунё сабабе,
Мо нақб бикандем, ки Фарҳод шудем.

*Мирзо ШУКУРЗОДА*

## МУНОҶОТ

Худоё, Тоҷикистонро нигаҳ дор,
Тулӯъи нуру имонро нигаҳ дор.
Ҳарими ҳикмати «Бӯстон»-и Саъдӣ,
Гули рӯйи «Гулистон»-ро нигаҳ дор.
Зи шохи нахли виҷдон мевааст ӯ,
Худоё, нахли виҷдонро нигаҳ дор.
Паси даҳ қарн сомон ёфт Сомон-ш,
Шукӯҳу фарри Сомонро нигаҳ дор.
Шаҳаншоҳи Хуросон дар Душанбе!
Шаҳаншоҳо, Хуросонро нигаҳ дор.
Ҳама мастийи мо аз ҳастийи ӯст,
Ту шӯру шавқи мастонро нигаҳ дор.
Шумори хасмаш аз мӯру малах беш,
Алайҳи хасм хосонро нигаҳ дор.
Ба рағми хасми рӯбаҳфеъли бадкеш,
Паёпай хези шеронро нигаҳ дор.
Бикан бо чангу дандон пӯст аз ӯ,
Ғурури чангу дандонро нигаҳ дор.
Зи барқи теғи буррон сӯз чашмаш,
Ҷилойи теғи бурронро нигаҳ дор.
Сипоҳони миҳан душмангудозанд,
Сипоҳи Вахшу Хатлонро нигаҳ дор.
Зарафшоно, дилафшон кун ватанро,
Дили дарёйи гурдонро нигаҳ дор.
Шукӯҳи Суғду Шумон[1] аз ҳасад дур,
Бадахшони дурахшонро нигаҳ дор.
Дуъои мустамандон мустаҷоб аст,
Худоё, Тоҷикистонро нигаҳ дор.

---

[1] Шумон – манзур Ҳисори шодмон аст, ки гузаштаи дурахшон ва таърихи ифтихорманде дорад.

*Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ*

## ТАРОНАИ ВАҲДАТ

Диёри мо диёри нуру гавҳар аст,
Зи қулла то ба қулла тахту минбар аст,
Зи чашма то ба чашма оби Кавсар аст,
Назарнамудаи Ҳақу паямбар аст,

Бародарон, бародарони меҳрбон, ба ҳам шавем,
Барои шӯҳрати диёри нозанин алам шавем!

Шавад, зи чашмаҳо ба наҳрҳо расем,
Зи наҳрҳо ба рӯду баҳрҳо расем,
Ба майли қалби пок ҳар куҷо расем,
Марому мақсад ин ки мо ба мо расем,

Бародарон, бародарони меҳрбон, ба ҳам шавем,
Барои шӯҳрати диёри нозанин алам шавем!

Замонаро ба ранги дигар офарем,
Самои мулкро пурахтар офарем,
Сарои мулк аз дур, аз зар офарем,
Зи буда беҳ, зи буда беҳтар офарем,

Бародарон, бародарони меҳрбон, ба ҳам шавем,
Барои шӯҳрати диёри нозанин алам шавем!

Зи хоки пок суди мо зи ваҳдат аст,
Биё, шукӯҳу буди мо зи ваҳдат аст,
Нишоти мо, вуҷуди мо зи ваҳдат аст,
Таронаву суруди мо зи ваҳдат аст,

Бародарон, бародарони меҳрбон, ба ҳам шавем,
Барои шӯҳрати диёри нозанин алам шавем!

## АЙ ҲАМВАТАН, БИЁ

Ай мурғи кӯчбаста зи боғу чаман, биё,
Оҳуи фандхӯрда, ба кӯҳу даман биё,
Кашмир хоҳадар дилат, сӯйи ватан биё,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Бовар макун дигар ба фиреби саробҳо,
Дигар маҷӯ зи нокасон таъбири хобҳо,
Диди, ки то куҷо барад дарси шитобҳо,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Он сӯйи марз дашти балоҳову кулфат аст,
Он сӯйи марз дарду ҷафоҳову заҳмат аст,
Дар зиндагонӣ дар ватан будан ғанимат аст,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Наврӯз бе ту дар ба дилам во намекунад,
Гулдастае ба ошиқон оро намекунад,
Булбул ба гулшан омада ово намекунад,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Ай тифли нозпарвари модар, биё, биё,
Ай ошиқи ягонаи дилбар, биё, биё,
Пушту паноҳу ҳомии кишвар, биё, биё,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Ай гумраҳе, ки заррае дар ту гуноҳ нест,
Аммо касе ба мисли ту гумкардароҳ нест,
Ҷуз хоки кишварат туро хоке паноҳ нест,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Боз ой, то ки шеъру сухан гулфишон шавад,
Бо ҳиммати ту боғу чаман гулфишон шавад,
Бо заҳмати ту хоки Ватан гулфишон шавад,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё!

Бар пешвози роҳи ту, ай ғамгусори ман,
Рӯшангар аст гавҳари чашмони чори ман,
Гарм аст хонаи дили уммедвори ман,
Ай ҳамватан, биё,
Ай ҷони ман, биё,

Ай ҷони ман, биё,
Ай ҳамватан, биё!

## СИПОС

Резасанги роҳҳои кишварам–тоҷи сарам,
Баҳри ҳифзи осмонаш хок гардад пайкарам.

Дар дифои халқ сӯзам бо забони оташин,
Дар забони оташи ҷовид монад озарам.

Додарон хуфтанд зери тахтаи мармар, вале
Аз ҳама кӯҳҳост боло ёди қадди додарам.

Хоҳарам меканд мӯи сар зи хатти марги ёр,
Абрҳое, ки сари кӯҳ аст, мӯйи хоҳарам…

Дар ғами осоиши дунё нахушкид ашки мом,
Чашмҳои Тоҷикистон–чашмҳои модарам.

## КАТИБАЕ ДАР ВУРУДГОҲИ НАҚБИ АНЗОБ

Ба меҳроби ту гоҳи раҳгузорӣ
Лак андар лак мусофир саҷда орад.
Ба ҳиҷрат рафта пас ояд ба шодӣ,
Лак андар лак муҳоҷир саҷда орад.

Ту шарёни тапанда дар дили кӯҳ,
Раги баргаштани ҳамхуни моӣ!
Ту пайванде миёни ду пару бол,
Ба Эрону Хуросон раҳкушоӣ!

Нишони қудрати дастони тоҷик,
Нишони ҳиммати армони тоҷик.
Гар эронӣ мададгори ту омад,
Ту имдоде дигар бар ҷони тоҷик!

*Юсуфҷон АҲМАДЗОДА*

## ВАҲДАТ

Кас надонад ҷуз худо фардои ту, фардои ман,
Дар паси сад парда ин дунёи ту, дунёи ман.

То наяфтем андар ин гардуни гардон мову ту,
Дасти кӣ медорад аз болои ту, болои ман?!

Хоки моро ҳар кӣ меояд, парешон мекунад,
Ваҳ, чӣ рӯяд одаме аз лои ту, аз лои ман.

Ҳафт пушти мо фурӯ рафт аз маҳалбозӣ чунон,
Мурда ҳам гӯяд, ки: «Хез, ин ҷои ту, ин ҷои ман!»

Ташналаб дар саргаҳи дарё ману ту ҷон диҳем,
То куҷо аз ҳам ҷудо дарёи ту, дарёи ман.

Сар бурун орем агар аз як гиребон мову ту,
Сар фурорад кӯҳ ҳам дар пои ту, дар пои ман.

## ТОҶИКИСТОН–НАБЗИ МАН

Як нафас имкони ман бе Тоҷикистон нест, нест,
Дар тани ман ҷони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

Тоҷикистон номи ман, парварда шираш коми ман,
Ҳам намак, ҳам нони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

Тоҷикистон–кӯҳи ман, кӯҳи баландаш–рӯҳи ман,
Қиблаи имони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

Тоҷикистон–набзи ман, хораш–баҳори сабзи ман,
Абри ман, борони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

Тоҷикистон–ёди ман, аждоди ман, авлоди ман,
Гавҳари чашмони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

Тоҷикистон–бахти ман, фархунда тоҷу тахти ман,
Давлати Сомони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

## ДУРАХШИ ТОҶИК

Ҷон агар гӯӣ, диҳад ҷон, тоҷик аст,
Нон агар гӯӣ, диҳад нон, тоҷик аст.

Баҳри ҳар саҳронишин саҳро диҳад,
Бар гадоён тоҷи султон тоҷик аст.

Бедили бечора дил хоҳад агар,
Дил диҳад бе ҳеҷ армон, тоҷик аст.

Дар биёбон баҳри ҳар як ташналаб
Медиҳад оби Зарафшон, тоҷик аст.

Ҳар кӣ ояд, дӯсттар дорад зи хеш,
Гарди хоки пойи меҳмон тоҷик аст.

Дар наҷобат ҷангҷӯ не аз азал,
Сулҳҷӯи марди майдон тоҷик аст.

Рӯйид аз хуне, ки Искандар бирехт,
Лоласон андар баҳорон, тоҷик аст.

Сар ба дору гарданаш бар теғ дод,
Ҳамчу суғд аз баҳри имон, тоҷик аст,

Сангдил Чингиз диду санг шуд,
Мағз дар мағзи кӯҳистон, тоҷик аст.

То кунун аз ваҳшати Темурланг
Шуд ҷигаргоҳаш намакдон, тоҷик аст.

Он, ки эҳё мешавад, сад шукр боз
Аз қазо, аз тирборон, тоҷик аст.

Асри бесомони он хоҳад гузашт,
Соҳиби тахт, Оли Сомон тоҷик аст.

## АЗ ВАҲДАТ АСТ

Дӯстии хонадон аз ваҳдат аст,
Пойдории ҷаҳон аз ваҳдат аст.

Ҳар куҷо ояд ба гӯш овози сулҳ,
Шӯълаи сулҳи замон аз ваҳдат аст,

Тоҷики мо рӯи олам шуд пареш,
Якдилии тоҷикон аз ваҳдат аст.

Тоҷикони рӯи олам як шаванд,
Шаккари ин ормон аз ваҳдат аст.

Тоҷики афтодаам аз ҷой хез,
Қудрати Сомониён аз ваҳдат аст.

Тоҷики ман як ҷамолат сад шавад,
Ҳусн дар ин бӯстон аз ваҳдат аст.

Гуфт Убайдуллоҳи Ширин ин сухан:
Зиндагии одамон аз ваҳдат аст,

## МУБОРАК ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Муборак ҷашни Истиқлоли тоҷик,
Фурӯғи шӯълаи иқболи тоҷик.

Баҳори умри кишвар гулфишон шуд,
Гулафшонист акнун ҳоли тоҷик.

Чароғи хонаам дигар намирад
Чу ҳастам дар амони боли тоҷик.

Хабар ояд маро аз дуру наздик
Ки ҳар ҷо метапад ашғоли тоҷик.

Мусофирҳо раҳи меҳнат биҷӯянд,
Дили бикшода дар омоли тоҷик.

Камоли маърифат рӯзе дурахшад
Шавад санги раҳаш халхоли тоҷик.

Убайдуллоҳи Ширин тӯҳфаат чист?
Бубахшо шеъри худ бар холи тоҷик.

## ФАРИШТАИ САФЕДБОЛ

Ватан!
Фариштаи сафедболи ман,
Ба ёди ту бипечад ин хаёли ман.
Ба қуллаҳои орзу бубар маро,
Ки бо ту нашканад қади ниҳоли ман.

Ватан, фазои орзу, фазои дард,
Туро биҷӯяму биёбам аз набард.
Ба роҳи хештаншиносиат ҳанӯз,
Раҳе биҷӯям аз миёни жожу гард.

Кунун, ки бишнавад ҷаҳон руҷӯи ман,
Кушода ҳар дари ҷаҳон ба рӯи ман.
Ба ҷуз канори ту ба ман канор нест,
Канори ту бувад ҷаҳони ҷустуҷӯи ман.

Ба ҳар нафас, ки мекашам ҳавои ту,
Дилам ба ҷӯш ояд аз навои ту.
Ба дарду ранҷҳо, ки ҳар ду мекашем,
Туӣ давои ман, манам давои ту.

Ватан!
Фариштаи сафедболи ман,
Ба ёди ту бипечад ин хаёли ман.
Ба қуллаҳои орзу бубар маро,
Ки бо ту нашканад қади ниҳоли ман.

*Абдулҳай ҚАЛАНДАР*

## ОҲАНГИ ҲАМДАРДӢ

Он кас, ки ғам дорад ба дил, ҳамдарду ҳамҷони ман аст,
Оҳанги ҳар ҳамдардие бар дард дармони ман аст.

Гар ҳаст қурси офтоб аз хони сабзи осмон,
Нони ҳалоли зиндагӣ дар хони даврони ман аст.

Деҳқони соҳибшаъни ман халлоқи нозу неъмат аст,
Ҳам сарбаланду босафо чун кӯҳсорони ман аст.

Аз ҳиммати дарёдилон обод гардад Данғара,
Ин даштҳои ташналаб фардо гулистони ман аст.

Чун зарби путки коргар зарби сухан бояд шунид,
Ин сӯзу сози шеъри тар аз оташистони ман аст.

Дар мазраи аҳду вафо тухми садоқат коштем,
Нахле агар сар мекашад, аз ишқу армони ман аст.

Ҳарфе бигӯӣ, шоиро, шаҳмисраи шеърат бувад,
Ин ҳарфи Ваҳдат дар дили халқи баимони ман аст.

Дар рӯи олам бешумар бошад билоду шаҳрҳо,
Якто чу Модар баҳри ман, ин Тоҷикистони ман аст.

## ШАТРАНҶ

Дар хаёлам зиндагонӣ саҳнаи шатранҷ ҳаст,
Ранҷ агар бар ҷон кашидӣ, накдаи он ганҷ ҳаст.

Мӯҳраҳо аз дона то фарзин чу мебошад азиз,
Нест нодаркор саҳни рӯзгорон ҳеҷ чиз.

Борҳо бишнидаю дидем дар ин корзор,
Буд нобуд гаштаю нобуда буд, ин гӯш дор:

Бингарад ҳар мӯҳрае бар тахта бо азму субот,
Бар ямину бар ясору пешу пас бо эҳтиёт.

Майда-майда дона бо ҷидду ҷадал фарзин шавад,
Зинбапуште аз амал охир савори зин шавад.

Ростӣ омӯз аз рафтори худ гоҳи набард,
Каҷравии асп охир шоҳи худро мот кард.

Дар ҳақи фарзин яке фил кори бас марғуб кард,
Дигаре бо ҳамлаи худ шоҳро мағлуб кард.

З-ибтидо ҳар мӯҳрае дорад ба худ ҷоеву ном,
Гоҳи бурду бохт мегардад яке воломақом.

Ин ба ону он ба инаш такягоҳу ёвар аст,
Ҳар яке бозингару корозмуда довар аст.

Ваҳдати шатранҷ бар мо панд бошад, бегумон,
Шоҳ чун танҳо бимонад, мот гардад он замон.

*Абдурауф МУРОДӢ*

## РӮЗИ ВАҲДАТ

Қалбҳо аз қайди ғам озод шуд,
Гӯӣ, Ширин ҳамдами Фарҳод шуд.

Парчами ваҳдат парафшон гашт боз,
Пиру барно ҳар куҷое шод шуд.

Вартае дар ҷодаҳои мо намонд,
Шоҳроҳи тозае бунёд шуд.

Тоҷики равшанзамир бинмуд ҷаҳд,
Аз Худованди сахӣ имдод шуд.

Бар парешонгашта ёрони азиз,
Сӯи оғӯши Ватан фарёд шуд.

Дӯстонро ханда андар лаб шукуфт,
Душманонро нақшаҳо барбод шуд.

Мулки мо аз бӯсаю оғӯшҳо
Гӯиё пуркелину домод шуд.

Аз футӯҳи беназири тоҷикон
Шаҳкитобу қиссаҳо эҷод шуд.

## ШУКРОНА

Шафоатмандии Яздон расида,
Ба дарди тоҷикон дармон расида.

Зи баъди сактаи Сомониён боз
Бар ин кишвар зи нав сомон расида.

Ба ваҳдат ҳар куҷо оғӯш боз аст,
Ки сарҳо бар сари паймон расида.

Зи файзи ҳамдиливу ҳамнавоӣ,
Басе файзе ба дастархон расида.

Ҳама озодаву болида , гӯӣ,
Ба марзи ташнае борон расида.

Ба дастафшонии тоҷик ёрон
Зи Ҳинду Чину аз Эрон расида.

Ҳама гӯянд ҳарфи сулҳу ваҳдат,
Ки ҷанги худкушӣ бар ҷон расида.

Аз ин пас модари тоҷик ҳар ҷо
Аз он нозад, ки бар армон расида.

Душанбе омада аз нав бузургон,
Чу Юсуфон, ки бар Канъон расида.

Сияҳкор аз сиёсат дур гардид,
Сиёсат бар хирадмандон расида.

Худо, кун бепаю бебозгашташ
Сияҳрӯзе, ки бар поён расида.

## ТАМАННО

Расад рӯзе, ки мо вораста бошем,
Забон аз ғай бати ҳам баста бошем.

Бурун афканда аз худ бухлу кина,
Ҳама озодаву барҷаста бошем.

Шавад гулрез нахли ваҳдати мо,
На ҳамчун шохаи бишкаста бошем.

Барандозем аз дил меҳри сарват,
Фақат бар ҳамдигар дилбаста бошем.

Чӣ ҳусне аз парешонии гулҳо,
Биё, эй ҳамватан, гулдаста бошем.

Ба ҳам бандем занҷири муҳаббат,
Ки занҷири адӯ бигсаста бошем.

Расад рӯзе, ки мо бедор гардем,
Ба асли поки худ пайваста бошем.

Расад рӯзе, ки ҳамчун Оли Сомон,
Ҳумоюндавлату барҷаста бошем.

*Хосият ВАЛИЗОДА*

## ИСТИҚЛОЛ

Рӯзгори сабзу хуррам бошад истиқлол,
Азми беандоза ҳар дам бошад истиқлол.

Ҳамчу оби тозаву боду ҳавои хуб,
Дар ҳама ақсои олам бошад истиқлол.

Хонаи ободу хони пур зи файз умре,
Заркалиди бахти одам бошад истиқлол.

Он паём аз ложварди эзиди пок аст,
Даст бар дастасту маҳкам бошад истиқлол.

Ҷанги бадрӯ доимо дар қасди зебоист,
Бо салоҳу Сулҳ тавъам бошад истиқлол.

Чеҳраҳои шоду хандон фориғ аз ғурбат,
Чирағӣ бар аҳди адҳам[1] бошад истиқлол.

Рӯҳи аҷдодони худро шод бинмудем,
Ояҳои қудси ардам[2] бошад истиқлол.

Тоҷикони сарфароз аз ҳар канори даҳр,
Ҳамдилу ҳамрой[3] бо ҳам бошад истиқлол.

Ҳамватан, бодо муборак худшиносият,
Сӯи фардо гоми бардам бошад истиқлол.

---

[1] Аҳди адҳам—ин ҷо ба маънои гузаштаи тор омадааст.
[2] Ардам –ояҳои китоби муқаддаси «Авасто» дар назар аст.
[3] Рой—андешаи маҳкам , иродаи қавӣ.

## СОЛИ ТОҶИК

«Муборак бод истиқлоли тоҷик»,
Ҳаёти хурраму иқболи тоҷик.
Шуда аз ғайрати ҳар як ватандор
Зи хубӣ хубтар аҳволи тоҷик.
Ба ҷавлон дар самои зиндагонист,
Салоҳу сулҳ бошад боли тоҷик.
Надидам ҳеҷ қавмеро ба олам
Ба номусу шараф амсоли тоҷик.
Бувад бунёдмаҳкам давлати мо,
Зи Сомонист баски Оли тоҷик.
Ба ин некахтарию сарфарозӣ
Хушо бошад ҳамеша соли тоҷик!

## СОҲИБИХТИЁРӢ

Хушо, тоҷик, соҳибихтиёрӣ,
Сари сабзу нумӯи навбаҳорӣ.
Муборак баъди яъсу ноумедӣ
Расидан бар мароду комгорӣ.
Ҳазорон сол буд ақвоми тоҷик
Ба тахту тоҷи Сомонӣ хуморӣ.
Талошу азми ту некӯ самар дод,
Муборак тахту бахту тоҷдорӣ!
Набошад милате амсоли тоҷик
Баномусу шараф, бонангу оре.
Ба ҳифзи зарраи хоки диёраш
Бувад омода баҳри ҷоннисорӣ.
Чу ҳастӣ қавми бофазлу хирадманд,
Набинӣ ҳеҷ гаҳ хорию зорӣ.

***Нуқраи СУННАТНИЁ***

## ТОҶИКИСТОН

Номи ту бар лаб наронам беш,
то наафтад аз даҳон
номи ту, ки ояти ишқ асту нур,
ибтидои зиндагониву сурур
марҳами ҷон,
Тоҷикистон!
Номи ту бар лаб наронам беш,
То налағжад аз лабонам ногаҳон,
чун зи лабҳои садаф дурдонае
бар дили пуршӯри дарё бегумон.
Номи туст–
ин гавҳари покии имон,
Тоҷикистон!
Номи ту бар лаб наронам беш,
Номи ту ҷамъи ҳама зебоиҳост,
Беҳтар аз фирӯзаву лаъли Бадахшон,
Эй нигини зеби тоҷи Оли Сомон,–
Тоҷикистон!
Номи ту бар лаб наронам беш
Чун дигарҳо саҳл бо нӯки забон,
То наолоям ба гардаш,
То наафзоям ба дардаш,
То накоҳад қимати он,
Тоҷикистон!

Номи ту дар дил бигирам,
ҷои ҷон,
Тоҷикистон,
Тоҷикистон!

## ЭЙ ВАТАН

Кай кашидӣ интизории маро,
То ки оям рӯи хокат, эй Ватан?
Лек медонам, накардам интихоб
Бо сари худ хоки покат, эй Ватан!

Кош, ман чун ҳадя бошам баҳри ту,
З-он ки беҳин тӯҳфаи аз баҳри ман.
Аз азал бо ҳамдигар ҳамқисматем,
Ҳамгилему ҳамдилу ҳамҷону тан.

Аз азал чун модарӣ аз баҳри ман,
З-ибтидо фарзанд ман аз баҳри ту.
Нуқраи покизаи ҷисми туям,
Мисли ҳар як деҳаи ту, шаҳри ту.

Ҳеҷ касро нест имкон, то кунад
Модари хешу Ватанро интихоб.
Мояи тақдир бошад ин ҳама
Бахти кас бедор бошад ё ки хоб.

Шукр гӯям қисмати некӯи худ,
Шукри он ки бахти бедори манӣ.
Озмудам раҳ ба раҳ сад ранг дӯст,
Тоҷикистон, беҳтарин ёри манӣ.

Меравам ҳар ҷой чун Меҳри сипеҳр
Ё чу меҳри модари ҷонбахши ман.
Хонаи ҷону дилам равшан кунад,
Ёди ту–Варзобу Сиру Вахши ман!

## МУРҒИ ИСТИҚЛОЛ

Эй мурғи хушхиром,
Эй мурғаки раҳошуда аз бандҳои дом.
Эй беҳтарин парандаи дунёи ормон,
Зеботарин фасонаи таърихи тоҷикон.

Эй солҳо ба кунҷи қафас мустақар шуда,
Бо болу пар ситодаю бе болу пар шуда,
Эй зуд рафта дер зи ҳолам хабар шуда,
Эй худ асар ба зиндагию беасар шуда.

Дар гӯшаҳо зи гоҳи саҳар то ба пойи шом,
Аз фарш то ба арш, зи саҳрой то ба бом,
Эй аз ҷаҳони поку зи озодиҳо салом,
Эй мурғи хушхиром,
Меҷустамат мудом.

Чун субҳи босафо ивази шом омадӣ,
Оғози субҳ аз паси анҷом омадӣ.
Эй пайки рӯзгор,
Эй навгули баҳор,
Монандаи ҳумо ба сари бом омадӣ.

Эй орзуи миллату эй тӯҳфаи замон,
Эй маҳвсози зулмати шабҳои бекарон.
Эй шӯълаи самоии ваҳдатситони мо,
Эй рӯшании зиндагии нав ҷаҳони мо.
Эй ҳадяи биҳиштӣ зи алтофи Кирдугор,
Рахшонтарин ситораи гардуни рӯзгор.
Ин хоки тира аз рухи ту зери по зар аст,
Аз болҳои нурфишонат мунаввар аст.

Чун ташнакоми об намудам садо туро,
Кардам зи шом то дари субҳе нидо туро,
То бар тани заиф намоям даво туро.
То ёбамат ба дарди ватан чун даво туро.

Эй мурғи некфол,
Эй хушқаноту бол.
Аз доми бандҳо,
Аз коми фандҳо,
Охир ба дасти хеш намудам раҳо туро.

Эй мурғи ормон,
Эй пайки зиндагии нави шеързодагон,
Дар осмони сабзи саодат ҳамеша мон
Чун бахти тоҷикон!

## СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ БУД

Мечакад аз боли кафтарҳои субҳ
Шабнами рӯзи навин.
Метаровад накҳати субҳи навин
Бар ҳарири барги гулҳои замин.

Медарояд аз дарича рӯшанӣ
Чун шаҳаншоҳи замон.
Аз булӯри равшании субҳгоҳ
Мемакад чун тифл хоки зарфишон.

Ин чӣ субҳе ногаҳон буд?
Тоҷикистон дар лиҳефи парниён буд.
Субҳ эъҷозе зи шаб буд?
Ё ки меросе зи хобу тобу таб буд?

Дастовезе магар аз ин ҷаҳони зол буд,
Ин чӣ қилу қол буд?

Ин чӣ субҳе буд, пойи шомгоҳ
Офтоб омад ба истиқболи моҳ.
Ин фиребо тӯҳфа буду бехтарини сол буд,
Муждае аз бахту аз иқбол буд!

Субҳ бахт полид он субҳ,
Гул ба боғи зиндагонӣ зарфишон сабзид субҳ.
Хандаҳо дар хандаҳо чун мавҷ дар амвоҷи мавҷ

Дар ду соҳил, дар лаби мо бозӣ-бозӣ доштанд,
Бар сипоҳи зоиди ғам турктозӣ доштанд.
Дар лаби мо, дар дили мо
Ханда мерақсид он субҳ,
Бахт механдид он субҳ.

Ноумедӣ дар дили амвоҷи шодони умед,
Дар нигоҳи рӯзи испед
Ғарқ мегардид он субҳ.

Ибтидои олами иқбол буд,
Рӯшании рӯзи некӯфол буд.
Хоки ифрити гунаҳ дар чанбари ғирбол буд,
Ғам ба зону сар ниҳода хастаҷону лол буд,
Субҳи истиқлол буд!

## ЯУ СУБҲИ САФО ХАНДИД

Сад навдаи истиқлол дар равзаи мо хандид,
Дар пои шаби дунё як субҳи сафо хандид.
Захми тани Айниро ваҳдат ба ҳам оварда,
Иблис шуда гирён, Одам ва Ҳаво хандид.
Пӯшонд сияҳабре рухсори маҳи равшан,
Аз пушти саҳоби субҳ маҳтоби само хандид.
Чун сайд ба дом афтод рӯзи ману рӯзи ту,
Хуршеди ҳаёт аз меғ по карда раҳо, хандид.
Мурғи саҳар аз гулбун гар дур зи базм уфтод,
Як субҳ даруни боғ булбул ба наво хандид.
Дар домани абри бахт гул ҷомадарон омад,
Дунёи фано гирён, дунёи бақо хандид.
Аз ваҳдату истиқлол шукрона ҳазорон бор,
Уммед ба сони гул бо нашъунамо хандид.
Дар шашдари ин дунё хушбахт шуда тоҷик,
Ин нӯҳ қабат гардун то арши Худо хандид.

*Лутфишоҳи ДОДО*

## ТОҶИКИСТОН

Худоё, аз гапи тифлонаю гунгонаи чанде,
Туро, ай зилзила дар сина омад, сахт ҷунбидӣ.
Тагорӯ гашт хоки ту, ба хуни синаат тар шуд,
Дару девори бурҷи тори ту абгор гардидӣ.
Ба рӯи шаҳчанорат лонаҳои холии бешанд,
Кабӯтарбаччаҳоят аз сари шохат бадар рафтанд.
Пару боли шикаста, тирхӯрда аз камони хеш,
Ба минқораш гирифта мушти хоку дарбадар рафтанд.
Ҳазорон бор дар таърих уфтодам зи тири хеш,
Раҳи ҳиҷронии ман рафт бо роҳи ниёконам.
Ҳазорон бор теғу ханҷари хунини тифлонат,
Буриду пора-пора кард қалбат, Тоҷикистонам.
Зи кӯрии ману манҳо шудӣ муфлистарин муфлис,
Зи ноогоҳии тифлат шаҳиди ханҷараш гаштӣ.
Ҳадиси оташу хаспора будӣ дар даҳони ӯ,
Ва охир сӯхт ӯву ғарқаи хокистараш гаштӣ.
Ба ҳар ҳоле, ки бошӣ саҷда орам зери пои ту,
Ба ҳар ҷое, ки бошам лонаам дар шохсори туст.
Ба ҳар ҷое, ки бошам лолаи меҳру вафодорӣ,
Ба кунҷи боғи тақдиру таманно дар канори туст.
Агар ман тирхӯрда, аз дилат ҳам тир бигзаштӣ,
Агар ман синамурда, синаат хумхонаи зардоб.
Агар дар тангдастиям, ту ҳам чун фақри беҳолӣ,
Агар сарсони ҳар кӯям, ту ҳам дар панҷаи гирдоб.
Ба ҳар ҳоле, ки мегардам, хаёлам дар ҳавои туст,
Ту чун Албурзию ман резаи санги Бадахшонам.
Ба ҳар мулке, ки бошам, соябонӣ бар сари банда,
Туи пушту паноҳам, қиблагоҳам, Тоҷикистонам.
Ба ҳар ҳоле, ки бошам обу ранги туст дар қалбам,
Зиёратгоҳи ман ҳар сахраат будию мемонад.
Ба қавли лаҳзаҳои охирини зиндагӣ, қалбам,
Ба рӯи дору зиндонҳо суруди меҳри ту хонад.
Зи теғу тири фарзандат ҳазину сахт беморӣ,
Хати батлон ба гирдат мекашад зоғу кулоғи беш.
Зи ҳар сӯ каждуму мори фузуне аз раҳи кина,
Зи бурҷи санги сарди сайдхоҳӣ мезанандат неш.

Ҳазорон зилзила гар боз дар қалбат шавад пайдо,
Ба ҳар давру замон ҳастӣ чу шеди даҳр побарҷо.
На селат мефитонад, на шамоли кӯи номардон,
Азеро ҷони ҷони ту бувад дар ҷони чун манҳо.

## АРШИ ВОЛО

Гавҳари маънии дилҳоӣ бароям, Тоҷикистон,
Тахту бахти арши волоӣ бароям, Тоҷикистон.

Файзборӣ, файборӣ, ҳимматат пайғамбарист,
Кӯчакию кулли дунёӣ бароям, Тоҷикистон.

Дар диёри беш бо лафзаш сухан гӯянд, аммо
Рӯи хоки даҳр яктоӣ бароям, Тоҷикистон.

Бо ҳама ин сахразору бо шикасту рехтан
Дар қашангӣ зеби дунёӣ бароям, Тоҷикистон.

Навбаҳори сармадият бист солеро бидида,
Дар нигаҳ сар то самоҳоӣ бароям, Тоҷикистон.

Лаҳни сангу обу хоку сабзаву паррандагонат,
Ҳамчу лафзи мом фаҳмоӣ бароям, Тоҷикистон.

Як замон марги ману миҳан расидӣ, оҳ, оҳе,
Гашта пайдо чун Масеҳоӣ бароям, Тоҷикистон.

Ҳамд мегӯям, ки аз афтоданат бархостӣ боз,
Ин бувад дарси тавоноӣ бароям, Тоҷикистон.

Борҳо бероҳа гаштам аз хати ҳастии худ ман,
Боз роҳи тоза бикшоӣ бароям, Тоҷикистон.

Хасми таърихат ба қалбат ханҷари беше агар,
Бахти ман! Имрӯз эҳёӣ бароям, Тоҷикистон.

Ҳамчу лафзи поки Сино, ҳамчу хуршеди самоӣ,
Рӯи дунё пойбарҷоӣ бароям, Тоҷикистон.

*Акбар АБДУЛЛО*

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Лаҳни поки бебаҳои модарам,
Мекунам пайдо туро дар ҷони худ.
Эй мани лабташнаро оби ҳаёт,
Бишканам бо сози ту армони худ.

Эй забони панду шеъри Рӯдакӣ,
Эй забони Бӯалӣ, лафзи Шифо,
Эй давои дардҳои одамӣ,
Эй забони ваҳдати аҳли сафо.

Бар сари ту, бар сари фарзанди ту
Борҳо бишкаст шамшери аҷал,
Аз дами шамшеру теғи аҷнабӣ
Монда бар ҷони ту доғи бемаҳал.

Бар алайҳи душмани пуркинаат
Лаҳни ту то лафзи ту бе кина монд.
Душмани садрӯй омад бар сарат,
Меҳри ту якрӯй чун оина монд.

Гар касе хезад ба қасди куштанат,
Ман ба разми душманат хезам ба по.
Ҳамчу Фирдавсӣ туро эҳё кунам
Бӯалӣ гардам, туро созам даво.

Эй ту лаҳни модарӣ, худ омадӣ,
Бар ниҳоди ман зи шири модарам,
Зинда медорам туро дар шеъри худ,
Аз ту орам сеҳр бар шеъри тарам.

* * *

Одами хушаслро ному нишонаш шоҳид аст,
Ҳар замонро бин, ки фарзанди замонаш шоҳид аст.

Он ки сар бинҳод зери хок бо номи Ватан,
Зери ин афлок номи ҷовидонаш шоҳид аст.

Кӯҳнаоламро ба ҳайрат монд Фирдавсии Тӯс,
Рӯҳпарвар то кунун шеъри равонаш шоҳид аст.

Ёд агар орем аз назми баланди тоҷикон,
Рӯдакиву Ҳофизи ширинзабонаш шоҳид аст.

Кӯҳҳои тоҷикон аз доғи армон шуд баланд,
Шоҳи Тирандоз бо Чилдухтаронаш шоҳид аст.

Сар шавад таърихи тоҷик аз «Авасто»-и қадим,
Ворисонашро китоби «Тоҷикон»-аш шоҳид аст.

* * *

Тоҷикистон, васфи ту бо ҳарфи нав сар мекунам,
Васфи ту бо рангу бӯи тозаву тар мекунам.

Шодмона зистам дар ту мани кӯҳдоманӣ,
Ҳамнишинӣ гӯиё бо моҳу ахтар мекунам.

Аз ҳама болоиҳои кӯҳсори сангзод,
Фахрҳо чун тифли кӯҳ дар баҳру дар бар мекунам.

Фахри миллат гаштаанд имрӯз фарзандони ту,
Номашон бо ифтихори нав ба дафтар мекунам.

Сабзу хуррам дар миёни кӯҳҳои сарбаланд,
Ман туро тасвир чун боғи муаттар мекунам.

* * *

Дур аз марзи Ватан умр чи сон мегузарад?
Ба ғам ғуссаву фарёду фиғон мегузарад.

Ҷумлаи дарду аламҳои Ватан чун армон
Аз дили мардуми овора ниҳон мегузарад.

Бӯи ҷонбахши Ватан ҳар гаҳе ояд ба машом,
Ҷони озурдаам аз кавну макон мегузарад.

Ҷисму ҷон сӯхта хокистари бар бод шавад,
Зиндагӣ бе ҳадафу ному нишон мегузарад.

Аз Ватан дур ба ҳукми гули пажмурда бувад,
Бе тароват ҳаме аз дори ҷаҳон мегузарад.

Гар ба ҳурони биҳиштӣ бувӣ дар боғи Ирам,
Ҳама бе атри Ватан мисли хазон мегузарад

Акбаро, шукри ватандории худ гир намоз,
Бо Ватан зиндагӣ бе суду зиён мегузарад.

*Зиё РАҲМОН*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ори ман, номуси ман, нангам туӣ,
Сарнавишти пок дар пешонии сангам туӣ.
Тоҷикистон, хонадони бахти ман, эй тахти ман,
Ҳафт гардун, ҳафт ахтар, ҳафт аврангам туӣ!
Достони бостонии ватандории ман,
Ҷилди қомусам туӣ, девони фарҳангам туӣ.
Сарзамини ориёии авастоии ман,
Саҷдагоҳи ман, нигористони Аржангам туӣ.
Мекунам шукронаи ҳастии раҳмонии ту,
Кишвари хуршедии ман, нур дар рангам туӣ.
Месароям, меситоям ман туро бо хуни дил,
Эй Ватан, эй Тоҷикистон, созу оҳангам туӣ.

## АЗМ

Бинои бахти мо то гардад обод,
Бирезем аз муҳаббат хишти ваҳдат.
Замини умр то боре биёрад,
Биафшонем дон бар кишти ваҳдат.

Ба сӯи олам аз нав раҳ кушоем,
Гурезем аз парешонии миллат.
Садоқатпешагиро пеша гирем,
Раҳо гардем аз хориву зиллат.

Ба ҷуз ин роҳи дигар нест моро,
Ҷудоӣ аз Ватан моро раво нест.
Ҳама мебояд акнун бо ҳам оем,
Ки дарди беҳамиҳоро даво нест.

Бубояд рост з-ин пас по гузорем,
Сари хамро зи нав созем боло.
Ки дар ҳар гӯшаи дунё битобад,
Сари болои мо бар чашми дунё.

## АЗМУ ҶАҲД

Тоҷикистонро ба азмам шӯҳрати дунё кунам,
Синаҳои ташнаро бо меҳри дил эҳё кунам.

Қарздорам аз ҳавову обу хоки меҳанам,
То нафас боқист, дилро масрафи дилҳо кунам.

Сарнагун созам ҳама кибру ғурури аҳли ҷоҳ,
Меҳру шафқатро ба қалби ҳамзамонон ҷо кунам.

Пояи ақлу фаросат бо ширеши килки худ
Дода сад пайванду онро тарҳи нав пайдо кунам.

Қуллаи мақсуд рахшон аст дар пиндори ман,
Мерасад рӯзе, ки дарди миллатам ифшо кунам.

Нурполоӣ кунам бо азми худ дар хештан,
Ҷаҳд созам равшаниро дар Ватан маъво кунам.

## ҒАЗАЛИ ВАҲДАТ

Бахт механдад ба истиқболи мо,
Мешукуфад ғунчаи иқболи мо.

Меҳр миллатро ба ваҳдат оварад,
Ҳифз созад ваҳдат истиқлоли мо.

Оли Сомон аз ҷудоӣ шуд хароб,
Дарс бошад саргузашти оли мо.

Мекушад моро ба дасти мо рақиб,
Эҳтиёт аз душмани бадфоли мо.

Ҳарфи ваҳдат беш гуфтем, ай Худо,
Қоли моро васл кун бо ҳоли мо.

Меҳр гар дорему сулҳу дӯстӣ,
Мурғи хушбахтӣ шавад ҳамболи мо.

Рӯҳи Исмоили Сомонӣ, бубин
Орзуи хеш дар омоли мо.

Тоҷикистон ваҳдатистон мешавад,
Мешукуфад гулшани иқболи мо.

* * *

Кишвари ҳамчун чаман дорем мо,
Ифтихор аз ин Ватан дорем мо.

Тоҷикистон модари мо, ҷони мост,
Меҳри он дар ҷону тан дорем мо.

Месароем аз сафои дӯстӣ,
Аз вафодорӣ сухан дорем мо.

Базми моро нур бахш, эй ҳамватан,
Аз муҳаббат анҷуман дорем мо.

То шавад аз мо Ватан машҳуртар,
Шавқ бар ҳар илму фан дорем мо.

Ҳифз созем иттиҳоди халқро,
То даме ҷон дар бадан дорем мо.

Кишвари ҳамчун чаман дорем мо,
Ифтихор аз ин Ватан дорем мо.

Тоҷикистон модари мо, ҷони мост,
Меҳри он дар ҷону тан дорем мо.

* * *

Бар Ватан, эй ҳамватан, меҳри дучандон боядо,
Заҳмати арзандаи мардони майдон боядо.

Ваҳдати Суғду Бадахшон, Рашту Хатлон боядо,
Дӯстии ҷумла халқи Тоҷикистон боядо.

Нанги Аҳмадшоҳи Масъуди далерон боядо,
Дониши Синову Саъдии ғазалхон боядо.

Фазли Турсунзодаву Айнии пурдон боядо,
Ифтихори миллии Эмоми Раҳмон боядо!

## БОДО, БОДО!

Эй ҳамватанон, китоби ваҳдат хонем,
Бо мақсади интихоби ваҳдат хонем.
Сулҳовари мулкро, ки бахтафрӯз аст,
Арзад, ҳама офтоби ваҳдат хонем.

Эй ҳамватан, ифтихор мебояд кард,
Бо роҳбари баор мебояд кард.
Миллат, ки саодат аз тифоқӣ ёбад,
Тавҳиди варо шиор мебояд кард.

Эй ҳамватан, иттиҳод мебояд кард,
Бигзаштаи хеш ёд мебояд кард.
Мехост зи реша нест созад моро,
Бар рағми адӯ ҷиҳод мебояд кард!

З-оне, ки шудем шод, бодо, бодо,
Сулҳ он, ки ба мо бидод, бодо, бодо.
Оне, ки саодат оварад бар мардум,
Ҳамдастию иттиҳод, бодо, бодо!

## ДУШАНБЕ

Аз меҳри дилу нури басар тахти Душанбе,
Аз дӯстии аҳли башар бахти Душанбе.

Аз фарри Каён фарри ҳама рӯзу шабонаш,
Шаъни падарон дар тану дар хуни равонаш.
Аз хандаи хуршедии ишқ аст бисоташ,
Яъне, ки ба Ҳурмузд расад риштаи ҷонаш.

Яъне ки бувад хонаи Хуршед Душанбе,
Мӯъҷизаи афсонаи Хуршед Душанбе.

«Шаҳнома»-и хоност китобаш ба ҷаҳонҳо,
Ишқи дили Мавлост китобаш ба ҷаҳонҳо.
Ин Меҳани Синост, бидонад ҳама дунё,
Дилномаи зебост китобаш ба ҷаҳонҳо.

Мерос зи Синою зи Мавлост Душанбе,
Яктошудаи давру замонҳост Душанбе.

## СУЛҲ

Хуш омадӣ бар диёри мо, сулҳ,
Зебоии рӯзгори мо, сулҳ.

Будем басе рамида аз ҷанг,
Ороми дилу қарори мо, сулҳ.

Чун хандаи поки тифлаконӣ
Андар рухи рӯзгори мо, сулҳ.

Орӣ ту навиди васли фарзанд
Бар модари интизори мо, сулҳ.

Аз кину ситез нотавонем,
Овардӣ ба тан мадори мо, сулҳ.

Шуд коста оби рӯй аз ҷанг,
Афзуд ба эътибори мо, сулҳ.

Пурсанд, ки бо чӣ ноз дорем?
Гӯем, ки ифтихори мо сулҳ.

Дар парчами халқи мо навишта:
Набвад ба ҷуз аз шиори мо сулҳ.

Ободию бахти хонадонӣ,
Шаъну шарафу виқори мо сулҳ.

Лабрез намуда ҷом, баргӯй:
«Бодо ҳама умр ёри мо сулҳ!»

## СУБҲИ ВАҲДАТ

Муждагонӣ ба рӯзгор омад,
Ёр бо меҳр дар канор омад.

Хатм гардид ҷанги шайтонӣ,
Сулҳи раҳмонӣ устувор омад.

Шӯру ғавғову ҳою ҳу бигзашт,
Даври тамкину сабру кор омад.

Дӯст ояд ба хонаи тоҷик,
Душман аз сулҳ шармсор омад.

Аз гуноҳи ҳама гузар ту, Ватан,
Дил шуда пок аз ғубор омад.

Гар ту мардӣ, бишав ҳаёт эҷод,
Ки силоҳи ту маргбор омад.

Шоми ҳиҷрони орзуҳо рафт,
Субҳи ваҳдат чӣ нурбор омад.

Сидқро пеша кун, дигар маситез,
Ки ба имони ту мадор омад.

Ҷоми саршор деҳ, ки дар ин рӯз
Табъи ман бас ғазалнисор омад.

## ТОҶИКИСТОН, ТОҶИКИСТОН

Зодаи даврони тӯфон,
Охирин уммеду армон
Баҳри тоҷикони дунё
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Вориси «Қонун»-и Сино,
Рӯдакиро чашми бино,
Зиндадори Оли Сомон.
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Лаълбахши зарфишонӣ,
Сарзамини кӯҳу конӣ,
Шамси анварро маконӣ,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Бахти мо дар ваҳдати ту,
Дар шукӯҳи шавкати ту,
Дар бақои давлати ту,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

*НОРИНИСО*

## ТОҶИКЕМ

Ту магӯ аз ину аз онем мо,
Зодагони пири Канъонем мо.
Нест байни мову ту бегонагӣ,
Аз Хуҷанду Рашту Хатлонем мо.
Дар сабуриву адолатпарварӣ,
Пораи лаъли Бадахшонем мо.
Бо ҳама дарёдиливу соҳирӣ,
Ташнаи оби Зарафшонем мо.
Шаҳрзоди ҳиммату мардонагӣ
Зодагони Оли Сомонем мо.
Дар ҳама пасту баландиҳои даҳр
Шукр, фарзанди мусулмонем мо.
Нест байни мову ту бегонагӣ
Тоҷикем, аз Тоҷикистонем мо.

* * *

Ёрони муаззам, ба шумо ид муборак,
Ҳамраъйиву ҳамрозиву тавҳид муборак.
Будед агар дергаҳе бехабар аз даҳр
Имрӯз хабардорию таъкид муборак.
Дар кулбаи андешаатон субҳдам аз сидқ
Як тифлаки нав чун шуда тавлид, муборак.
Шуд пора кунун ҷомаи найранги замона
Ҳамдардию ҳамбастии ноҳид муборак.
Хандида кунад паҳн зару зевари худро
Аз доманаш ар духтари хуршед, муборак.
Дар зери қадамҳои шумо аз гули худрӯ
Рӯида гули нозуки тамҳид, муборак.
Ошуфта набошед, шаби иди шуморо
Гар Норинисо гуфт ба таъкид, мубрак!

* * *

Шаҳри ҳунару меҳру вафо шаҳри Душанбе,
Ҷо гаштаӣ дар ҳастии мо, шаҳри Душанбе.
Андар қади дилҷӯю дилорою базебат
Дорӣ зи гули лола қабо шаҳри Душанбе.

Пошад зи чароғи ҳунару илму маонӣ
Бар мулки дилу дида зиё, шаҳри Душанбе.
Мехостам аз шоҳии ҳарранги хаёлот
Дар бар бикунӣ тангқабо шаҳри Душанбе.
Дар кишвари андешаи ман то ба ҳанӯзӣ
Чун тифлаки берӯю риё, шаҳри Душанбе.
Аз шодию андӯҳи ту дорад ғазале чанд,
Дар сафҳаи дил Норинисо, шаҳри Душанбе.

* * *

Хушбахт мешуморам худро, ки ёр дорам,
Дар мулки Тоҷикистон боғу баҳор дорам.
Аз шоми ноумедӣ ҳаргиз хабар надорам,
Аз файзи субҳ дар дил оҳанги тор дорам.
Бегона аст бар ман найрангу носипосӣ,
Хоҳам як умр з-ин ду худро канор дорам.
Аз чархи бемурувват озорҳо бидидам,
З-ин рӯй бар баду нек бешубҳа кор дорам.
Парварда бо машаққат дар боғи зиндагонӣ
Дар мулки дидаву дил себу анор дорам.
Хандида бигзаронам шабҳои тор ҳарчанд,
Аз ашк шаддае чанд беихтиёр дорам.
Норинисо магӯед, аз ҳар чӣ дар канор аст,
То санги чархи таърих андар канор дорам.

* * *

Тоҷикону Тоҷикистон зинда бод,
Ақли модарзоди инсон зинда бод.
Мекушоянд уқдаҳои розро,
Роздону роздорон зинда бод.
Ашки модарҳо мерезад, ай худо,
Хотири ҷамъу парешон зинда бод.
Хамрадифи сулҳу шодиву умед,
Шӯълаи хуршеди тобон зинда бод.
Бахт гардад то Зулайхоро насиб,
Юсуфи Яъқуби Канъон зинда бод.
Баҳри талқини накӯиву хирад,
Сафҳа-сафҳа ҳарфи Қуръон зинда бод.
То нависад номае, Норинисо,
Ишқ дар мағзи дилу ҷон зинда бод.

## ДУШАНБЕ

Ту некӯтаринӣ,
Ту дилҷӯтаринӣ ,
Ту хушрӯтаринӣ,
Душанбе! Душанбе!

Ту шаҳри сафоӣ,
Хушобу ҳавоӣ,
Аҷаб ҷонфизоӣ,
Душанбе, Душанбе!

Сафи арчаҳоят
Чу духтарчаҳоят,
Дилоро бағоят,
Душанбе, Душанбе!

Чунонам хуш оӣ,
Диламро кушоӣ,
Маро худ ту шоӣ,
Душанбе, Душанбе!

Ту хушсарнавиштӣ,
Ту анбарсириштӣ,
Ту боғи биҳиштӣ,
Душанбе! Душанбе!

## ҶОНФИДОЯТ МАНАМ

*(Суруд)*

Эй дили шоди ман, мулки ободи ман,
Обу хокат бувад асли бунёди ман.
Мардумат сар ба сар ҳамчу ҷону ҷигар,
Додару хоҳару хешу аҷдоди ман!

*Нақарот:*
*Дар дифоят манам!*
*Дар вафоят манам!*
*Мулки ҷонпарварам,*
*Ҷонфидоят манам!*

Сарҳадат, эй Ватан, сарҳади нанги ман!
Душманат кай амон ёбад аз чанги ман.
Ҷои ман дар сафи лашкарат маҳкам аст,
Ин суруди садоқат сароҳанги ман аст.

*Нақарот:*

Меҳри ту шӯълавар дар дилу ҷони ман,
Хидматат бошад аз рукни имони ман.
Вориси давлати Оли Сомони ман,
Тоҷикистони ман! Тоҷикистони ман!

*Нақарот:*

Бишканад гар ҳама банду пайванди ман,
Нашканад пеши ту қавлу савганди ман!
Ин саодат маро бас бувад дар ҷаҳон
Ҳамчу модар бигӯӣ, ту «фарзанди ман!»

*Нақарот:*

## НИШОНИ ВАҲДАТ

**1**

Ҳар дам ҷадал намоӣ
Андар мароми меҳнат,
Сӯрох то шавад кӯҳ,
Ёбӣ шукӯҳу шӯҳрат .

Дар кори ту ҳамеша
Мардонагӣ аён аст,
Дар байни нақбканҳо
Аз заҳматат нишон аст.

2

Майдони заҳмати мо
Гардид нақби Уштур.
Созем баҳри кишвар
Роҳи васеи машҳур.

Ҳар кас агар бубинад
Ин ҷо нишони ваҳдат,
Аз баҳри Тоҷикистон
Бошад раҳи саодат.

## ҚАРЗ

Луқмае хӯрдӣ агар аз хони кас,
Нимаи ноне бубояд доданат.
Некие гар мерасад аз кас ба ту,
Қарз бошад некиаш дар гарданат.

Он ҳама мардон, ки пеш аз мову ту
Рафтаву аз худ нишоне мондаанд,
Бо умеди донаафшонии мо,
Донаҳое бар замин афшондаанд.

Сер аз ҷони ҷавони худ набуд,
Ҳеҷ як аз ҷоннисорони Ватан.
Марги онҳо буд васият баҳри мо,
Чун бубояд мурдану чун зистан.

Лоиқи номи падарҳои бузург
Гаштани фарзандҳо фарз аст, фарз,
Зиндагӣ гӯяд ба гӯши ман мудом:
–Ҷумлаи кори ҷаҳон қарз аст, қарз!

## БА ДӮСТ

Мекашад бори зиндагиашро,
Гарчи бар дӯши хеш ҳар одам.
Гар нишинад ба доманат гарде,
Гард шинад ба домани ман ҳам.

Сархаму дилшикаста мегардам,
Байни мардум ба чеҳраи ғамгин.
Гӯиё, ки ба даст афтодам,
Ман ба вақти ҷинояти вазнин.

Дил ба барги чанор мемонад,
К-аз дами боди сахт меларзад.
Зарб ҳар гаҳ ба реша меояд,
Шоху барги дарахт меларзад.

*Ато Мирхоҷаи НЕРӮ*

## ИН ТУӢ САНГИ САБУРИ ДАҲР

Тоҷикистон!
Танга-танга киштзорони заринат
як ба як музди ҳалоли волидони мост.
Говсандуқи куҳистони баринат
бонки рушди ҷовидони мост.

Тоҷикистон!
Эй падар, эй марди нуронӣ!
марди ботақво,
марди хушсуҳбат,
марди шоъиртабъ,
марди пурфарзанд,
марди меҳмондӯст,
марди заҳматкаш,
марди қуръонӣ!

Тоҷикистон!
Модарам, эй модари ширин!
Дар ду чашмат рӯҳ,
дар ду дастат ҷон,
Дар ду гӯшат ишқ,
дар рухат ҷаннат,
дар дилат покӣ,
дар лабат омин.

Тоҷикистон!
Ман зи тақдири ту донистам:
некиву инсоф коре бас гарон аст,
порсо будан дар ин дунё на осон аст.
Ҳар ки дорад некиву инсоф,
дар ҷаҳони ҷангалу гургӣ
дар шумори гӯсфандон аст.

Сарпаноҳи охиринаш
сангзорони куҳистон аст.

Тоҷикистон!
Сарзамини ҷабрҳо аз сабр,
сарзамини сабрҳо аз ҷабр,
ҷабри сангин кӯҳ шуд, гаштӣ ту кӯҳистон,
сабри сангин кӯҳ шуд, гаштӣ ту кӯҳистон.
Ин туӣ балъида дар худ шарру шӯри даҳр,
ин туӣ санги сабури даҳр…

Тоҷикистон!
То кунун кӯҳат ба кӯҳат мерасид, аммо
одамат бар одамат кай мерасид осон?
Чун расид одам ба одам, одамӣ шуд кӯҳ,
чун расид одам ба одам, кӯҳ шуд талқон!

Тоҷикистон!
Баъд аз ин аз пушти ҳар санги куҳистон
дар шумори чашмаҳоят
ҷӯш зан!
Бархез!

Дар шумори некиву инсофи худ
бар рӯйи дунё рез!
Дар шумори ахтарони шеъру фарҳангат
ба фарҳанги ҷаҳон омез!

## ХОКИ ДУШАНБЕ

Модарам вақте ки меҳмони ман омад аз Бадахшон,
Меҳрубоние, ки дид андар Душанбе,
Меҳрубоние чу лутфи
Боғҳои атрогину
Хиёбонҳои пургул,
Кард мафтунаш,
Хоки зархези Душанбе
Бо чинори паҳлавону
Санҷиди рақсону
Сарви нознозону
Булути пуртавону
Арчаи пахмоққокул
Кард афсунаш.

Модари афсурдаам аз меҳнати қишлоқ,
Ё ки аз дурии фарзандони ширинаш,
Дар Душанбе ҷони нав бигрифт.
Гуфт рӯзе бо забони шаккаринаш:
«Чӯби хушке ҳам дар ин хоки Душанбе сабз мегардад».

Қиблагоҳиам замоне монд бедандон,
Нони пайдокарда бо ранҷи алими хешро
хӯрдан наметонист.
То ки хояд луқмаашро дар дами пирии худ осон,
Ӯ Душанбе омаду дандонҳои мисли дур биншод.
Баъд аз ин ҳар луқмааш оши танаш гардид.
Қиблагоҳи пири ман гӯё зи нав сабзид.
Шукри Яздонро баҷо оварду қад ёзонд.
Гуфто:
«Чӯби хушке ҳам дар ин хоки Душанбе сабз мегардад».

Як бародар дорам, ӯ шахси китоб аст,
Мехонад, мехонад, мехонад…
Ғайри илми касби худ омӯхта бас илм,
Медонад, медонад, медонад…
Чанд сол, аммо китоби нав ба қишлоқаш намеояд,
З-ин сабаб ӯро аҷаб ҳоли харобе аст.
Шуд бемор.
То ки дардашро даво ёбад,
Пизишкони Душанберо ба ёрӣ хонд,
Лек ташхиси пизишкон буд беҳуда,
Сирри дардашро касе нашкофт
Чӯби хушке гашта буд аз дард.
Боре, аммо
Чун гузораш бар дукони марказии пуркитоби
пойтахт афтод,
Аз фаровонии ҳар гуна китоби тоза ҳайрон монд.
Ҳар китоби нав барои ӯ ту гӯӣ нӯшдору буд,
Дарди ӯ гум шуд.
Ҳамчу шохи гул шукуфту гуфт:
«Чӯби хушке ҳам дар ин хоки Душанбе сабз мегардад».

Қаҳрамони миллати тоҷик
Шириншоҳи Шотемур
Бо амри Сталин омад аз Маскав Душанбе,
Пойтахти тоҷиконро то бисозад андар ин деҳ.
(Чун Бухоро рафта буд аз даст).
Ин уқоби ориёӣ
Онҷунон ки хонаи худро таконад рӯзи Наврӯз,
Ӯ Душанберо таконд, орову торо дод.
Ҳамчунон наврӯзгоҳаш баст озин.
Чун ба ин наврӯзгаҳ бо ғунчаи уммед по бинҳод,
Гуфто: «Дар Бухоро гар дарахти сабзи ман хушкид,
Боке нест,
Чӯби хушке ҳам дар ин хоки Душанбе сабз мегардад».

Қаҳрамони миллати ман,
Он, ки шуд аз хомаи ӯ миллатам барно,
Он, ки фарҳангам шуда аз ақли ӯ барпо,
Он, ки гардид аз дуъояш дини ман эҳё,
Яъне, шоъири исонафас Айнии рӯйинтан,
Такя дигар чун ба девори Бухорояш наёрист ӯ,
Дар Самарқанди азизаш
Бо забони мисли қандаш
чун напоист ӯ,
Бо яди Мӯсоии худ бар асояш такя карда,
Раҳсипори пойтахти нав–Душанбе шуд.
В-ин асояш низ сеҳре дошт монанди асои Мӯсии Имрон.
Тоҷиконро маҳди бахти нав Душанбе шуд.
Бо асояш сабз шуд пойи қаламгардидаи тоҷик.
Бо асояш хуни мо сабзиду аз нав кард туғён!
Сабз шуд пас ҳам асои қомати хамгаштаи Айнӣ,
Ҳам асои қомати хамгаштаи тоҷик шукуфон гашт.
Оре, оре,
Ҳар дақиқа решаи поки Душанбе сабз мегардад,
Чӯби хушке ҳам дар ин хоки Душанбе сабз мегардад!

## НАВРӮЗ ДАВЛАТИ МОСТ

Наврӯз Офтоб аст,
Ҳар тобаш изтироб аст,
Ҳар сӯзи ӯ ҷавонист,
Ҳар рӯзи ӯ шабоб аст.
Наврӯз Офтоб аст.

Наврӯз инқилоб аст,
Афканда ҳар ниқоб аст,
Хок аст завҷаи бод,
Оташ арӯси об аст.
Наврӯз инқилоб аст.

Наврӯз–ишқи печон,
Обистан аст кайҳон,
Обистан аст олам,
Обистан аст ҳайвон.
Наврӯз–ишқи печон.

Наврӯз табли шодист,
Сармои дай дигар нест.
Сардӣ чу барфи охир
Аз тору пуди мо хест.
Наврӯз табли шодист.

Гардид ҷони мо сабз,
Ҳарфи забон мо сабз.
Пирем ё ҷавонем,
Шуд устухони мо сабз.
Гардид ҷони мо сабз.

Наврӯз давлати мост,
Ҳар сабза ҳиммати мост,
Ҳар лола сурхрӯйӣ,
Ҳар ғунча исмати мост.
Наврӯз давлати мост!

## ДАР ОБИ ВАХШ МОҲИИ ЗАРРИНИ БАХТИ МОСТ

Дар хонае, ки барқ набошад, нишот нест,
Дар кишваре, ки барқ набошад, ҳаёт нест.

Ҳар миллате, ки ғарқ нагардад ба нури барқ,
Дар толиъаш ситора дар ин коинот нест.

Чашме, ки оташак занад аз сериву пурӣ,
Ӯро ба ғайри оташи обӣ субот нест.

Хуш гуфт пири мо, ки: «Саховат ибодат аст
Ин нуктаро ниёз ба шарҳу барот нест.

Ҳар кас, ки саҳми хеш ба «Роғун» ниҳодааст,
Пурқиматаш ба назди Худо з-ин закот нест.

Оне, ки пули андаку беше дар он ниҳод,
Дар Рӯзи Ҳашр маътали Пули Сирот нест.

Он, ки дар ин ҷаҳон накунад дӯзахе биҳишт,
Дар он ҷаҳон ба арши биҳишташ қанот нест!»

Резад ба пойи ӯ ҳама ганҷинаи ҷаҳон,
Онро, ки ғайри нур, шайаш дар бисот нест.

Дар оби Вахш моҳии заррини бахти мост,
Дар Нилу Волгаву Амазону Фурот нест!

Нерӯи барқи обии «Роғун» наҷоти мост,
Дар барқи абру оби ду чашмон наҷот нест.

Ваҳшии Вахш ром кун, эй ҳамватан, ба зӯр,
Дигар замони тарсу шаку эҳтиёт нест!

*Назри ЯЗДОНӢ*

## ТОҶИКИСТОН БЕҲТАР АЗ ҶОН

Захми чашм афтод бар рухсори ту,
Дар ҳавои софу дар ҷӯбори ту,
Оҳи сурху зард омад дар ҳаво,
Оби сурху зард андар ҷӯйҳо.

Зард ояд дард аз овои ман,
Оҳҳои сард аз ҳайҳои ман,
Мерасад аз нағмаҳои ҷӯйҳо,
Тоҷики ман, вои ман, эй вои ман.

Пардаҳои нағмаҳоямро бикан,
Бар барои бекафанҳоям кафан,
Эй ғарибони Ватан, овардаам,
Пораеро аз Ватан дар ҳар сухан.

Тоҷикистон, зиндаам бо бӯи ту,
Кӯр бодо чашми бад бар сӯи ту,
Дур бодо ранги зарду гарди дард,
Ҷовидон аз рӯи ту, аз ҷӯи ту.

Эй худо, пайванд кун бишкастаро,
Ҷамъ кун ҷамъи парешон рафтаро,
Ҷамъи хурди Тоҷикистони маро,
Аз парешонӣ, нигаҳ дор, эй худо.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Тоҷикистон ҷону ҷонон,
Тоҷикистон беҳтар аз ҷон,
Беҳтар аз ҷонону ҷонон.

## ОРИЁНИ БОСТОНАМ,
## ТОҶИКИСТОНИ ҶАВОНАМ…

Ориёно, Ориёно, Ориёни бостонӣ,
Ориёни бостону Тоҷикистони ҷавонӣ.
Тозаву сарсабзу рӯшан, эй диёри боғу гулшан,
Чашмасору обшорӣ, ҷаннати рӯи ҷаҳонӣ.

Азм кардӣ, ориёна, дасти Аҳриман бубастӣ,
Разм кардӣ рустамона, пои сарлашкар шикастӣ.
Базм кардӣ ориёна, даштҳоро кишта кардӣ,
Базм кардӣ орифона, кинаҳоро кушта кардӣ.

Киштаӣ дар ҷӯяҳои мағзҳо пиндорҳо,
Ҷорӣ кардӣ аз забонат чашмаи гуфторҳо.
Аз қадамҳоят бирӯяд хуштарин рафторҳо,
Хуштарин ангорҳо, атворҳо, адворҳо.

Шаҳриёрӣ, шаҳриёри кишвари меҳру муҳаббат,
Шаҳриёри орифони кишвари ишқу садоқат.
Орифи шаҳрофаринӣ, сад Бухоро сохтӣ,
Шаҳраке аз хишти пухта, шаҳре аз хишти саодат.

Ман ба расми ориёнӣ тоҷ бар сар кардаам,
Бар дирафши ориёнӣ ҳафт ахтар кардаам,
Чилчароғи орифона ман фурӯзон доштам,
Хонадони ҳафт кишварро мунаввар кардаам.

Зинда бодо Ориёнам, ориёни бостонам,
Ориёни бостону Тоҷикистони ҷавонам!

## САРЗАМИНИ КАМЗАМИНИ БЕКАНОР

Осмонат зарнигору остонат зарнисор,
Кӯҳсорат нуқрадору обшорат нуқрабор.
Киштзорат ширадору боғҳоят шахдбор,
Пирҳоят пири кору тифлаконат шаҳриёр.

Қаҳрамонҳои қаламдори азизат, эй Ватан,
Аз азал сардафтари майдони маънову сухан.
Аз қадамгоҳи қаламкашҳои қавми сафшикан,
Мерасад сад Орашу сад Рустаму Исфандиёр.

Оли Сомон чун камону тиру пайконро гирифт,
Мағрибу Машриқу ҳомуну биёбонро гирифт.
Лаҳни нобি орифонат Руму Юнонро гирифт,
Алғараз бигрифт Шарқу Ғарбу Ёмину Ясор.

Мезанам Заҳҳокро бо кӯбаи оҳангарӣ,
Медиҳам позаҳр заҳрашро зи алфози дарӣ,
Душманатро месароям ояти одамгарӣ,
То бимонад ҷовидона осмонат беғубор.

Синаро бикшодаам бар рӯи дунёи башар ,
Чор сӯи хонаро бикшода бар ҳар раҳгузар,
Сарзаминам камзамину неъматаш бологузар,
Марҳабо бар хонаи ман, эй ҷаҳони беканор!

*Парда ҲАБИБ*

## ТОҶИКИСТОНИ ОЗОД

Ҳама армони мо дар қалби ту ҷо шуд,
Дилат чун кохи нав болову барпо шуд,
Чу ҳамдил ёфт, якдил бо ту дунё шуд,
Ғамат, чун хотират шуд ҷамъ, танҳо шуд,
Сари ту боз бо хуршед боло шуд.

Басо помол шуд сарҳо, ки подорӣ,
Басо хуншор шуд дил, то ту саршорӣ.
Зи гил оварда берун бору пурборӣ,
Ту то гулпарварӣ, дурӣ зи ҳар хорӣ,
Ҳавою об ҳам кардат ҳаводорӣ.

Дилатро баҳри бахт омода кардӣ, лек
Шудӣ дур аз дилат, чун бахт шуд наздик,
Вале бахшид чун рӯҳат туро таҳрик,
Ту худ бардоштӣ бадро зи роҳи нек,
Ки боқӣ монд тоҷу тахтат, эй тоҷик!

Чу поённопазирӣ кард дил оғоз,
Сазовори ту боду бошад ин эъҷоз,
Ту ҳастӣ аз азал чун халқи давронсоз,
Яқин, оварда рӯ бар сӯи даврон боз,
Қарини ман, бикардӣ дуртар парвоз.

Батар мехост хасмат, гаштаӣ беҳтар,
Ба худ бовар бикун, ӯ монд бе бовар.
Чу ҳолат дид бад, хуш ҳоли ӯ шуд гар,
Бишуд дилхун, ки дилкаш мондаӣ, бингар,
Мабар аз ёд овард он чият бар сар.

Накандӣ дил зи бахт азбас туӣ хушбин,
Бубин рӯзи хуш, аз бад дорад он эмин,
Дилат ҳақҷӯю чашми туст то ҳақбин
Сарат чун қулла бодо, на аз он пойин!

Баробар байни Балхиву Бухорой,
Чу гавҳар байни Балхиву Бухорой,
Ки ту бо оламорой, дилорой,
Саропо байни Балхиву Бухорой,
Сарафроз аз ту балхиву бухорой!

## ХАСУ ХОКИ ВАТАН

Аз он ҷарҳо, ки ман ғежидаам бо тан,
Аз он ҷарҳо, ки ман лағжидаам аз по,
Аз он ҷарҳо, ки ман ғелидаам чун санг–
Намоёнӣ, Ватан, чун як тани хокӣ,
Аз он ҷарҳо, аз он хоки пур аз чокӣ.
Чунон хокӣ, ки бар он бигзарад чун бод,
Кунад бодаш, вале хоҳад ки афзун бод.

Бизад бар гӯш боде пушти ангуштам,
Ки пуштак ман ниҳодам бар танаш пуштам,
Чу кардам бар тани худ бори хокаш ҳис,
Бикардам бори хокатро зи чокаш ҳис.

Чу гирад бори он ҳатто хасе бар дӯш,
Бихоҳам гирад онро ҳар касе бар дӯш,
Нагирад заррае аз он касе бар дӯш,
Ки натвон буд бори як хасе бар дӯш,
Чунин будаст ҳисси ифтихори он,
Чунинам ифтихори хоки кӯҳистон.

Чу мешуд селае аз ҷӯши ҷар берун,
Ҳамешуд ғов-ғов аз гӯши ҷар берун.
Канораш абрҳо чун ришта меборид,
Ки об аз нӯги ҳар як ришта мешорид,
Ба чокаш мезадам бо мижжаам сӯзан,
Ба хокаш мезадам бо мижжаам сӯзан.

Накардам баски худро дар гумонат гум
Яке тири ту аз тирукамонат гум,
Намекард остонро осмонат гум,
Канори дилкашатро Каҳкашонат гум,
Қалам ҳам таъми обу таъми донат гум.

Чи роҳатбахш, агарки хаста мо будем,
Ба ҳар чоки танат дил баста мо будем,
Ки бо хору хасат пайваста мо будем,
Ҳама побандат, эй вораста, мо будем
Туро ҳамдаст садҳо даста мо будем.

Чунон бо махмали худ беҳтарӣ аз рахт
Ки он буд нарм моро рӯзҳои сахт,
Ту дон бахшидаӣ дар рӯзҳои қаҳт,
Шудӣ яклухт аз садҳо тани садлахт,
Худатро бохтӣ бар хотири ин бахт.

Гули субҳи сафедат чун гияҳ меруст,
Чу дидат бефара, он бо фараҳ меруст,
Ба шомат руст мешуд, то пагаҳ меруст
Сафедии ту аз хоки сияҳ меруст.

Накарда чун хасе хоки туро помол,
Накард аз мо касе хоки туро помол,
Сафоли синаи чоки туро помол,
Нарӯяд то ки бар ангушти мо хасмол,
Накарда кас хаси поки туро помол!

## ПАДАРОН

Қулласон рӯи кӯҳи меҳани мо,
Дар урӯҷу шукӯҳи меҳани мо,
Ҷумла собит чу рӯҳи меҳани мо,
Бо Ватан ҳамтананду ҳамтани мо,
Монда барҷову ҷовидон мани мо.

Чун зи ҳафтод пушти чусту матин
Пушташон рӯи худ надида замин,
Кӯҳ тан дода бар ватандорон,
Тор бар пудашон танида замин.
Ҷуз ба рӯи Ватан ба пеши касе
Ҳеҷ зону намезаданд, яқин!

Хоки мо то ки арзи ҳастӣ дошт,
Ҷумла азми ватанпарастӣ дошт,
По ниҳода ба арсаи ҳастӣ
Ҳар як онро, чу сарпарастӣ дошт.
Қадри хокам баландтар бурданд,
Даҳр гарчи зиёда пастӣ дошт.

Баски хоки Ватан зи ҷуд намонд,
Дар вуҷудаш басо сууд бимонд.
Дудмоне чи чангу дуд бимонд,
Ҳар чи бар даст дошт, зуд бимонд,
Ҳар киро ҳар чияш, ки буд намонд,
Бар Ватан арсаи вуҷуд бимонд!

Ҷуз падарҳои мо ба амри сиришт,
Кас ба хокам дарахту тухм накишт,
Рӯи девору бораҳои Ватан,
Кас набигзошт хишт рӯи хишт,
Ғайри ҳар шоири бузургаш кас
Баҳри ӯ ҳарфи ҷовидон нанвишт!

*Раъної МУБОРИЗ*

## БА ҲАМЗАБОН

Эй ҳамзабон, эй ҳамзабон, рӯзи хушат фархунда бод,
Эй вориси озодагон, рӯзи хушат фархунда бод.

Эй як нишон аз дурҳо, аз мулки нуру ҳурҳо,
Эй насли неки ориён, рӯзи хушат фархунда бод.

Эй ҳамхудову ҳамрасул, эй ҳамсадову ҳамусул,
Эй бо Авасто ҷовидон, рӯзи хушат фархунда бод.

Поянда бо Зардушти худ, поянда бо сад пушти худ,
Сомонии пуршаъну шон, рӯзи хушат фархунда бод.

Насли Каюмарсу Курӯш, эй аз нажоди Дориюш,
Эй Ардашери Бобакон, рӯзи хушат фархунда бод.

Эй Хусрави Парвизи ман, эй Рустами рӯинатан,
Эй Ҳурмузу Нӯширавон, рӯзи хушат фархунда бод.

Эй чашми бози Рӯдакӣ, эй чангу сози Рӯдакӣ,
Эй чун Бухоро роздон, рӯзи хушат фархунда бод.

Бо «Маснавии маънавӣ» олам ба олам мезанӣ,
Эй орифи шаҳномахон, рӯзи хушат фархунда бод.

Қонуни Синоям туӣ, имрӯзу фардоям туӣ,
Эй хаста аз ину аз он, рӯзи хушат фархунда бод.

Чун Носири Хусрав биё, аз нав биё, аз нав биё,
Эй Айние аз Ғиждувон, рӯзи хушат фархунда бод.

Сарсабз шуд иқболи мо, сарсабз истиқлоли мо,
Эй ҳамдилу ҳамормон, рӯзи хушат фархунда бод.

Дар рӯзи нав, эй меҳрубон, Раъно ба лаҳни булбулон
Бо меҳр гӯяд ҷони ҷон, рӯзи хушат фархунда бод!

## ТОҶИКИСТОН, ВАТАНАМ!

Тоҷикистон, Ватанам, боғу баҳору чаманам,
Мулки хуршедии ман, кишвари гулпираҳанам.
Бишкуфӣ ҳар нафасе тозаву сабз андар сабз,
Бишкуфад васфи ту оҳанги нафису суханам.

Шодрӯзони накӯи ту фаровон бодо,
Чор фаслат ҳама гулбезу гулафшон бодо.
Сабзу обод Душанбеву Бадахшону Ҳисор,
Суғду Хатлону ҳама водии Раштон бодо.

Рӯзи имрӯзи саиди ту муборак бошад,
Субҳи саршори навиди ту муборак бошад.
Хуш шукуфон шудаӣ, бош шукуфон доим,
Эй Ватан, шодиву иди ту муборак бошад!

## НУРИ ВАҲДАТ

Ҷамоат зӯр шуд аз нури ваҳдат,
Балоҳо дур шуд аз нури ваҳдат.
Замона пур шуд аз оҳанги тавҳид,
Садоҳо ҷӯр шуд аз нури ваҳдат.
Тамоми ҳамхудоён бо ҳам омад,
Риёҳо ур шуд аз нури ваҳдат.
Ба кулли аҳриманкории дунё
Фалак мансур шуд аз нури ваҳдат.
Замин шуд сабз аз гармии дидор,
Само пурнур шуд аз нури ваҳдат.
Шабони тор рафта боз аз нав
Саҳар манзур шуд аз нури ваҳдат.
Фидои номи ваҳдат, ай азизон,
Ҷаҳон пурсур шуд аз нури ваҳдат.

*Рустами ВАҲҲОБ*

## ОЙИНАИ ЯКРӮӢ

**1**

Эй толиби Сосонӣ, эй ворисп Сомонӣ,
Кас домани ин давлат нагрифт ба осонӣ.

Ободии Меҳанро имрӯз ҳамебояд,
Бозӯи Каюмарсӣ, тадбири Сулаймонӣ.

То чанд кунӣ такрор дар сояи ин пиндор:
Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ.

Бедор бишав эй дил, ҳушёр бишав, эй ҷон,
Бо фарраи яздонӣ, бо фитрати инсонӣ.

Он бо дили бишкаста, ин бо ҷигари хаста,
Ё Раб, чи пушаймонӣ, ё Раб чи пушаймонӣ.

Гирди ду-се хон гардон, ку ройи ҷаҳонгардон?
Ин моя ҷаҳонбинӣ, даъвои ҷаҳонбонӣ.

Аз манманӣ безорем, бигзор, ки бигзорем,
«Баҳмониву басторӣ, басториву баҳмонӣ».

Гар хоки Самарқандӣ ё хори Бухороӣ,
Нури басари моӣ, лаъле зи Бадахшонӣ.

Бар зарраи хоки мо сад чашми тамаъ боз аст,
Дар тангаи ин чашмон мову ту чу зиндонӣ.

З-ин танг ба парвоз ой, эй ақли ҷаҳонтасхир,
Симурғи ту аввал буд дар вусъати кайҳонӣ.

Созанда бишав, эй даст, пӯянда бишав, эй ақл,
«Аз ҷанги хурӯсон беҳ фарҳанги хуросонӣ».

Аз наърои бедардон хуршеди Ватан ларзон,
Фазл аст суханчинӣ, айб аст сухандонӣ.

Омӯ лаби пурхунро то бар лаби Сир овард,
Мегуфт ба дил дорам сад ҳуққаи руммонӣ.

Ин ҳуққаи руммонӣ он дурҷи маъонӣ нест,
Ин қиссаи Ниле нест в-он Мӯсии Имронӣ.

Бигзор ки бардӯзем лаброву ҷигар сӯзем,
Гар ёри Худовандӣ, в-ар душмани шайтонӣ.

Хомӯш кун ин гуфтор, гуфтори пур аз озор,
Гар гуфтаи мо шеър аст, пас чист зи Хоқонӣ?

Аз ҳарзаву беҳуда сад хирману сад туда,
То дона ҷудо созад, ку бозуи деҳқоне.[1]

2

Аз захми камон растем, аз захми забон ҷастем,
Аз захмаи ҷон мастем дар пардаи ирфонӣ.

Ҷовид бимон эй дил, дар пайкари обу гил,
Бе ту чи бувад ин даҳр ҷуз фарфараи фонӣ.

Ҷовид бимон, эй ақл, беҳтар зи ту ёре нест,
Он ҷо ки суворе нест н-афтода зи пайконе.

Ҷовид бимон, эй рӯҳ, эй мояи ҳар ҳастӣ,
Ин банд даре дорад, эй бандии канъонӣ.

Ҷовид бимон, эй ишқ, эй ахтари пирӯзӣ,
Заҳрӣ туву нӯшӣ ту, дардӣ туву дармонӣ.

Ҷовид бимон Меҳан, эй колбади ҷонам,
Ё Раб, ба хато гуфтам, ҷонӣ туву ҷононӣ.

Ҷовид бимон дониш, ҷовид бимон фарҳанг:
Эй равзанаҳои нур дар дидаи зиндонӣ.

---

[1] « То кунад аз ҳам ҷудо бозуи деҳқон куҷост»

3

Эй Пири барозанда, як ҳиммати созанда,
То ҷамъ кунӣ моро з-ин хоки парешонӣ.

Эй санги сабури мо, эй чашмаи нури мо,
Аз дидаи кӯри мо ҳарчанд ки пинҳонӣ.

Аз оташи нойи ту сад шӯъла ба ҷон дорем,
Дар ҳастии мо пинҳон, ай шери найистонӣ.

Ин қадр ҷалолатро офоқ писандидаст:
Ҳар рӯз туро бахшад як шамс ба қурбонӣ.

Маҳмилкаши дарди мо, эй марди набарди мо,
Донам, ки давои мо ҳам низ ту медонӣ.

Ёри ту Худои туст, в-он ақли расои туст,
К-аз мо натавонӣ дид ҷуз ғафлату ҳайронӣ.

Сад узр ҳамегӯяд муслим, ки мусалмон аст,
Имрӯз мусалмонро нанг аст мусалмонӣ.

Сад тиккаву сад пора, ҳар пора пайи чора,
То рӯзи дигар пора созад шаби зулмонӣ.

«Чун даври фалак гардон, дар кори ҷаҳон ҳайрон»,[1]
Ду чашми Хуросонанд он ду шаҳи раббонӣ…

4

Савганд ҳамехӯрдам, к-аз дард нахоҳам гуфт,
Ҷуз дард чиро гӯям, ту дидаӣ дармоне?

Эй дӯст, ту дидастӣ як лахти ҷигар обод,
Як мушти дили эман аз санги фалахмоне?

Як рӯй, ки сели ғам бар он нахурӯшидаст,
Як дида, ки хунобаш наншаста ба домоне.

---

[1] Аз Хоқонии Шервонӣ

Як даст, ки домоне нокарда раҳо диди̅?
Як сар ту магар диди̅ нохӯрда ба сандоне?..

Эй нури ду чашмонам, оё ту надидасти̅
Роҳе, ки барад моро то мақсади имони̅?

Роҳе тиҳи̅ аз раҳзан в-аз фитнаи оҳарман,
То қуллаи қуръони̅, то қиблаи ваҳдони̅.

Он роҳ, ки Симурғи Аттор бипаймудаш,
Он роҳ, ки ҳудҳудро кардаст Сулаймоне.

Қурбони ду чашмонат, эй дӯст, агар диди̅,
Он роҳ маро бинмо, в-ар дар гарави ҷоне.

Он қуллаи якрои̅, он қиблаи яктои̅,
Ойинаи якрӯйи̅, ойини якорои̅,

***ШАҲРИЯ***

## ВАТАН

Хонам китоби ҳикмати пурмӯҳтавои ту, Ватан,
Бар кӯи хушномӣ расам ман бо дуои ту, Ватан.

Бар гарди домони дилам кай мерасад бегонае?
Чун хешро бахшидаам ман аз барои ту, Ватан.

Гар лаҳзае берун равам аз марзи сабзат, мекашад
Васлу вафою ҷазбаи оҳанрабои ту, Ватан.

Бар боргоҳи рӯшанӣ созад садо чашми маро,
Ойинаи хуршедии пур аз ҷилои ту, Ватан.

Номи накӯят бар лабам набвад агар як лаҳзае,
Заҳри маҳотил бошадам обу ҳавои ту, Ватан.

Имони ҷони ман қавӣ аз дӯстдориҳои туст,
Чун ҳадяи нозилшуда аз кибриёи ту, Ватан.

Санг афканад гар оламе ин шишаи ҷони маро,
Пайванд месозӣ варо чун мӯмиёӣ ту, Ватан.

Як каф дуои сабзро бар лаб биёрам ҳар нафас,
Ҳамду санои ту Ватан, ҳамду санои ту, Ватан.

## ДИЁРИ ВАҲДАТ

Гулхандаи мо баҳори ваҳдат бошад,
Ҷону дили мо нисори ваҳдат бошад.

Моем, ки пеша дӯстдорӣ кардем,
Ин шева зи ифтихори ваҳдат бошад.

Заҳрест ба ҷоми ҷони мо танҳоӣ,
Хушбахт касе ки ёри ваҳдат бошад.

Табъи дили мо чу ҳаст бо ҳам будан,
Моро ҳама дам хумори ваҳдат бошад.

Аҳсант ба оне ки сари хоки Ватан,
Ҷону дили ӯ нисори ваҳдат бошад.

Афсона наяст ин вафодории мо,
Шаш сӯйи Ватан диёри ваҳдат бошад.

Моем, ки дӯст дошта душмани хеш,
Оёти вафо мадори ваҳдат бошад.

Таърихи башар ба ёди худ бинвишта,
Тоҷик худ аз табори ваҳдат бошад.

## ПАРЧАМИ ҲАМЕШАСАБЗ

Дар парчами кишвар ибтидо мебинам,
Фарҳангу нишонаи ниё мебинам.

Як лаҳза нигоҳи ман фитад бар сӯяш,
Бар чашми дилам чу тӯтиё мебинам.

Дар ҷилваву парфишонии зебояш,
Парвози парастуву ҳумо мебинам.

Дар ранги ҳамешасабзи чун наврӯзаш,
Лабхандаи лолаву ҳино мебинам.

Рӯсурхии мо бувад зи ранги сурхаш,
Дар ранги сафеди ӯ сафо мебинам.

Бо дидаи ақл бингарам бар тоҷаш,
Ман тоҷи баланди Ориё мебинам.

Алқисса дар ин парчами гулафшонам,
Ман пушту паноҳу муттако мебинам.

Бинам чу варо ҳамеша дар боми Ватан,
Дар ҳастии миллатам бақо мебинам.

## САРОИШИ ИСТИҚЛОЛ

Месароям маснади волои Истиқлол,
Медамад хуршед аз фардои Истиқлол.
Чашми бад дигар наафтад сӯи мо имрӯз,
Пуштибони мо бувад Мавлои Истиқлол
Зери бори миннати ғайре будан талх аст,
Коми мо ширин шуд аз ҳалвои Истиқлол
Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашту лек,
Аз ҷаҳони ишқ буд ҷӯёи Истиқлол.
Пири Тӯсӣ кард эҳё то Хуросонам,
Шоҳнома худ бувад эҳёи Истиқлол
Миллати мо зист бо фарҳанги зебоӣ,
То музаффар гашт дар дунёи Истиқлол.
Қисса шуд шеъру забони дӯстӣ моро,
Шеъри мо дорад ҳама маънои Истиқлол.
Сураҳои ишқ орам ман ба номаш беш,
Оят-оят мекунам ифшои Истиқлол.
Ҳамватан, эй ҷони ман, дастобадаст имрӯз
Саҷда бояд кард хоки пои Истиқлол.

## ҲАМДУ САНОИ ТУ, ВАТАН

Хонам китоби ҳикмати пурмӯҳтавои ту Ватан,
Ёбам зи ҳар сатраш раҳи нуру зиёи ту Ватан.
Арзандатар аз гавҳари меҳрат набошад ҳеҷ ганҷ,
Садҳо карат болотар аз кӯҳи тилои ту Ватан.
Поям бурун бинҳам даме аз хоки сабзат, мекашад
Он ҷазбаи пурқудрату оҳанрабои ту Ватан.
Бар боргоҳи рӯшанӣ созад садо чашми маро,
Ойинаи хуршедии фардонамои ту Ватан.
Бошад Ватанхоҳӣ агар аз гӯшаи имони кас,
Як ҳадяи нозимшуда аз кибриёи ту Ватан.
Андар радифи модарам ҳастӣ муқаддас ҷовидон,
Бар кӯи мақсудам барад дасти дуои ту Ватан.
Такрор созам ҳар нафас чун тӯтие ин ҷумларо:
Ҳамду санои ту Ватан, ҳамду санои ту Ватан.

## ИСТИҚЛОЛ

Нурест ба дидагони мо Истиқлол,
Хунест тану равони мо Истиқлол.

Як хирмани пошхурдаро ҷамъ овард,
Пайвандгари ҷаҳони мо Истиқлол.

Эй ҳамқалами азиз васфаш бисаро,
Илҳомдеҳи баёни мо–Истиқлол.

Бо пайки хушаш бубин Ватансоз шудем,
Ободии ормони мо–Истиқлол.

Тоҷик хусумате наварзад ба касе,
Покизагии ниҳони мо–Истиқлол.

Равшан шуда аз чароғи чашмаш раҳи мо,
Моҳест дар осмони мо–Истиқлол.

Имрӯз баҳори бистумаш боз расид,
Шаҳбачаи навҷавони мо Истиқлол.

Шаҳномаву Шаҳриёру Шаҳрия туröст,
Тоҷи шарафу нишони мо–Истиқлол.

## СУРУДИ АСКАРБАЧАҲО

Ҷаҳони орзӯи ман,
Сафои гуфтугӯи ман,
Баҳори ман, нумӯи ман,
Ватан, Ватан, Ватан.

Баҳори гулфишон туӣ,
Умеди ҷовидон туӣ,
Ба номи мо нишон туӣ.
Ватан, Ватан, Ватан.

Ситодаам ба марзи ту,
Пайи адои қарзи ту,
Ягона додварзи ту,
Ватан, Ватан, Ватан.

Ба ҳар кучо яке адӯ,
Чу кард қасди хоки ту,
Шиори мост марги ӯ,
Ватан, Ватан, Ватан.

## ҚАЛАМЧАИ ҚАЛАМ

Шинохтам ман аз ту хешро,
Ватан! ба ту сипоси бекарон.
Набудаӣ, набуда шеъри ман
Қасам ба рӯҳи поки рафтагон…

Шукуҳи безавол ёфтам
Ман аз ҳавову хоку оби ту.
Паём аз ту ҳар саҳар диҳад
Маро саманди офтоби ту.

Зи ишқи софу синасӯзи туст
Маро ҷунуну шӯру ҷон, Ватан!
Зи чорсӯи даҳр, ин замон
Маро ба худ бихон, бихон Ватан.

Қаламкаши ту қисмати маро
Навиштааст бар ҷабини ту.
Ки пушт-пушти ман ҷавону пир,
Ба хоб рафта дар замини ту.

Ғами Сиёвушону Коваҳост,
Ғаме, ки ҷонгудоз гаштааст.
Чӣ дастҳо ниҳону ошкор
Ба қасди ту дароз гаштааст.

Бурун, бурун ба ранҷу ҳасратам,
Дарун-дарун алам гирифтаам.
Зи нахли хоки поки Рӯдакӣ
Қаламчаи қалам гирифтаам.

Шинохтам, ман аз ту хешро,
Ватан ба ту сипоси бекарон.
Набудаӣ, набуда шеъри ман
Қасам ба рӯҳи поки рафтагон…

## ВАТАН

Набудам, нахи чархаи чархи дун,
Барои Ватан гаштаам синахун.

Фидо шуд вуҷудам барои Ватан,
Ҳама тору пудам, барои Ватан.

Нарафт аз дилу ҷон ҳавои Ватан,
Хушо ҷон супорам ба пои Ватан.

Ҳама тору пудам барои ту буд,
Ки буду набудам барои ту буд.

Фидои ту бодо сари сабзи ман,
Ватан, эй Ватан, эй Ватан, эй Ватан.

*Раънои ЗОИРДУХТ*

## ТОҶИКИСТОН

Гули хушрангу зебоӣ ба олам,
Зи ту нозад дилу ақлу рӯҳу ҷон.
Зи хоки ту бирӯяд сабзаи шеър,
Замини файзборам, Тоҷикистон!

Зи рӯди Рӯдакам ояд ба гӯшам
Суруди нотамоми қалби шоир.
Камоли шеър омӯзам, биёям,
Нишинам гар даме дар соҳили Сир.

Ҳаким Носир ба ҳар сатри қасида
Ҳамегӯяд санову мадҳ моро.
«Зиҳӣ, гаҳвораи таъриху фарҳанг!»
Шунида аҳли олам ин нидоро.

Ҳамедорад забон дар каффаи хеш,
Сифоти Суғду Хатлону Зарафшон.
Шавад рӯшан зи чашмат чашми таърих,
Бимирам ман ба номат, Истаравшон!

Китоби «Тоҷикон»-ро карда оғӯш,
Тафохур мекунад Алломаи мо,
Дар ин кишвар бидонад Айнӣ акнун,
Намемонад «Ятим»-аш зору танҳо.

Ба номи шоираш Мирзои маҳбуб
Намояд Тоҷикистон ифтихоре.
Ҳасан гӯяд Садафро «Ҷони ширин»,
Диҳад як даста гулҳои баҳорӣ.

Қаноатпеша Мӯъминшоҳи фозил,
Намебардошт ҳаргиз нози мансаб.
Пайи ашъори гирову гуворо,
Маъонӣ шуд варо устоду мактаб

Битобад дар самои шеъри имрӯз
Маҳу хуршеди ҳарфи Лоиқи мо.
Даме бошад чу ӯ дар «Хонаи чашм»,
Шавад як лаҳза меҳмон ошиқи мо.

Чу Исмоил таҳамтан пури Раҳмон,
Ба тоҷик фатҳу иқболе биёвард.
Зи истиқлолу ҳамраъйиву ваҳдат,
Фазои миллати моро дигар кард.

Ватан, эй маскани ҷонпарвари ман,
Шукӯҳу давлатат поянда бошад!
Ту оғози тамоми орзуҳо,
Шуҷоатпешагонат зинда бошад!

## НАВРӮЗИ ВАТАН

Тарфи чаман сабзазор, сайри гулистон кунед,
Тӯҳфа ба ёри азиз аз гулу райҳон кунед.

Нури фараҳ медамад, аз лаби домони субҳ,
Баҳри дили ташналаб лутфи худ арзон кунед.

Дар ҳаваси молу ҷоҳ кӯшиши бесуд чист?
Ишқи Меҳан парваред, ҷумлагӣ ҳайрон кунед.

Мо написандем ҳеҷ, ҳарфи муҳаббат зи кас,
Ҳарфи талаб аз нафас сокиту пинҳон кунед.

Шӯхии парвози табъ то ба фалак мерасад,
Сози таваҷҷӯҳ ба мо кошки арзон кунед.

Ҳофизу Саъдӣ кушуд банди гираҳ бо сухан,
Аҳли Ватанро закӣ, шеъру ғазалхон кунед.

Қобили таҳсину мадҳ гар ки нашуд ҳарфи хуш,
Ашки пушаймоние то бари домон кунед.

Ҳарза намепарварад ҷодаи созандагӣ,
Дар раҳи рушди Ватан кори басомон кунед.

Бар лаби боми умед духти саҳар мерасад,
Хонаи нодониву ҷоҳилӣ вайрон кунед.

Ҳазрати Одам падар буду Ҳаво моми мост,
Ҳусни таваҷҷӯҳи хеш ҷониби инсон кунед.

Манзараҳои дилам вошуда пеши касон,
Ин хабари нози Маҳ дар бари султон кунед.

*Валиҷон АКБАРӢ*

## ЗАМЗАМАИ ВАТАНДОР

Ватан–хоҷаи некфармони ман,
Ватан–маҳрами розу армони ман,
Ватан–қудрату эътибору шараф,
Ватан–ҳомии ман, саробони ман.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Ватан ҳадя бар мо зи яздон бувад,
Ватан ёдгори ниёгон бувад.
Кафи хоки ӯро набахшам ба чоҳ,
Агарчанд тахти Сулаймон бувад.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Дар ин хок зода маро модарам,
Ҳама аҳли меҳан бувад ёварам,
Ҳама некмардаш бародар, падар,
Ҳама авраташ модару хоҳарам.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Ватан, гулшани роҳати одамист,
Ватан, мояи шодиву хуррамист.
Маро мулки бегонаи чун биҳишт,
Ғарибист, ҳаргиз Ватан нест, нест.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Манам, родмарди ҷасури Ватан,
Ба ҳар хасми дун мушти зӯри Ватан,
Манам, бонии марзи номуси ӯ,
Манам, ифтихору ғурури Ватан.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Кунам ҷону танро зиреҳу сипар,
Ки ҳифзаш намоям зи ҳар фитнагар,
Ки фарзанди имрӯзу фардои халқ,
Шавад соҳиби кишвари бехатар.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Туӣ , маънии гуфтугӯям, Ватан,
Беҳин боғи рушду намӯям, Ватан,
Маро бӯи ту мисли бӯи биҳишт,
Туӣ иззату обрӯям, Ватан.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

Яке дастёрам барои Ватан,
Яке ғамгусорам барои Ватан,
Пайи ҳурмати хоки аҷдоди хеш,
Яке ҷонсупорам барои Ватан.

Ватандору ҳомии кишвар манам,
Алайҳи адӯ шеру аждар манам.

## ТОҶИКИСТОН

Ман намозамро ба номат мегузорам тоҷикӣ,
Ифтихорам тоҷикӣ, дору надорам тоҷикӣ.

Атромезу фараҳафзо ҳавои кишварам,
Лафзи ширину забони ширадорам тоҷикӣ.

Дар саховат офтобам, дар тараҳҳум мисли абр,
З-оташи суғдон ба ҷонам сӯз дорам тоҷикӣ.

Хоки поки дӯстонро тӯтиё созам ба чашм,
Нури дида, тоҷи сар бошад шиорам тоҷикӣ.

Рӯзи шодиям намедонам кӣ омад, бо кӣ рафт,
Дар азоям дӯстонро мешуморам тоҷикӣ.

Гушна мегардам, вале ояд ба дидорам табиб,
Ҳар чӣ дорам рӯи хонам мегузорам тоҷикӣ.

З-аҳли сомонам, мусулмон, эътиқодам комил аст,
Аз Худои муттаол уммедворам тоҷикӣ.

Ваҳдати миллат таманнои дили Меҳринисост,
Ин башорат шӯълаи санги мазорам, тоҷикӣ.

## МАН ВАТАНДОРАМ

Ман Ватандорам, Ватан дорам,
Минбари розу сухан дорам.
Бо забони хеш аз минбар
Гуфтугӯ дар анҷуман дорам.

Кишвари ман, мулки озодӣ,
Кишвари ман, мулки ободӣ.
Ончунон матбӯъу зебоӣ,
Кишвари боғу чаман дорам.

Бар ман аз дунё ту болоӣ,
Модари ҷониву яктоӣ.
Номи ту гар бар забон гирам,
Шаҳду шаккар бар даҳан дорам.

Ман Ватан дорам, тавоноям,
Аз тафохур сар ба болоям.
Баҳри ҳифзаш то нафас боқист,
Карда испар ҷону тан дорам.

Ман Ватандорам, Ватан дорам,
Пуштибоне таҳмтан дорам.
Нестам чун ту залилу хор,
Мурдаву гӯру кафан дорам.
Ман Ватандорам, Ватан дорам!

* * *

Хуб ё ки гандаам, ҷон меканам,
Дар ғами ояндаам, ҷон меканам.
Заррае то суд бар мардум расад,
То даме ки зиндаам, ҷон меканам.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

Пос дорам шаъну шони рафтаҳо,
Панд гирам аз ҷаҳони рафтаҳо.
Пайрави неки раҳи онҳо шудам,
Бишканад то ормони рафтаҳо.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

Бо талошу кӯшиши худ зиндаам,
Бо дилу ба сӯзиши худ зиндаам.
Зиндаанд арчи басо бо ҷаҳди ғайр,
Ман вале бо ҷунбиши худ зиндаам.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам.

Гуфтаанду боз мегӯям, шунав
(Гарчи ҳарфам нест, гӯӣ, ҳарфи нав):
Бар Ватан, бар халқи некаҷдоди худ
Бемуҳобо, ҷону дил монам гарав.
Фориғ ар як дам зи халқу Меҳанам,
Заҳр бодо шири модар бар танам!

## СУЛҲИ ВАТАН

Дорам Ватане, ки чун гулу гулзор аст,
Бар дидаи ман азизу нотакрор аст.
Чун ӯ чамани хубу дилоро набувад,
Зебои ягонаву қадамбардор аст.

Баҳри Ватанам рӯзу шабон мекӯшам,
Ободтаре шавад, ба ҷон мекӯшам.
Сад ҷон ба яке ишораташ мебахшам,
Ҷонбахш чу ман дар Ватанам бисёр аст.

Озодаву осуда ба хоки Ватанам,
Аз ранҷ ки полуда ба хоки Ватанам.
Ҳар ғам, ки ба дил фитад, фано мегардад,
Зеро ки Ватан ба ҷони ман ғамхор аст.

То ҳаст зи ҷон рамақ, Ватан мегӯям,
Андар сари ҳар варақ Ватан мегӯям.
Шукронаи обу хоку нуру бодаш,
Шукрона, ки Сулҳ дар Ватан подор аст.

## НУРИ ВАҲДАТ

Хуррам баҳори мо,
Пурҷӯш кори мо,
Авҷу барори мо
Аз нури Ваҳдат аст!
Шамъи саодат аст!

Гулҳои боғи мо,
Ҳар дам фароғи мо,
Равшан чароғи мо
Аз нури Ваҳдат аст!
Шамъи саодат аст!

Сулҳу Сафои мо,
Созу навои мо,
Амну бақои мо
Аз нури Ваҳдат аст!
Шамъи саодат аст!

Бозӯи зӯри мо,
Бар чашм нури мо,
Кайфу ҳузури мо
Аз нури Ваҳдат аст!
Шамъи саодат аст!

Хушранг анҷуман,
Зебоии сухан,
Ободии Ватан
Аз нури Ваҳдат аст!
Шамъи саодат аст!

## РОҒУН

Роғун, ки шуо ба қалбҳо мефиканӣ,
Имрӯз ту мубтадои ҳар як суханӣ.
Созем ҳазор ҷон фидо бар ту, зи бас
Армони ҳазорсоларо мешиканӣ.

Нур бар дил фиканӣ,
Зеби ҳар як суханӣ.
Ҷон фидоят бикунем,
Баски армоншиканӣ.

Ҳар деҳа зи ту шавад чароғон, Роғун,
Ҳар хона зи ту шавад дурахшон, Роғун.
Чун чархи замон зи қудратат чарх занад,
Ризқи ҳамагон шавад фаровон, Роғун.

Нури дарё, Роғун,
Сари боло, Роғун.
Мо туро месозем,
Ганҷи дунё, Роғун.

Донем туро бинои Ваҳдат, Роғун,
Ёбем зи ту ҳазор роҳат, Роғун.
Бо нури дилу дида туро месозем,
Чун пояи устувори миллат, Роғун.

Қасри Ваҳдат, Роғун,
Кони роҳат, Роғун.
Нури ҷон дар тани мо,
Фахри миллат, Роғун!

## ВАҲДАТ

*Барои Эмомалӣ Раҳмон*

Чист ваҳдат? Эътибори миллат аст,
Зӯри бозуи замон дар ваҳдат аст.

Ваҳдат аст–ин қудрати ҳар давлате,
Ваҳдат –ин сармояи ҳар давлат аст.

Ваҳдат ар бошад, ба хасмат ғолибӣ,
Дар ҳама майдон ба ваҳдат нусрат аст.

Ваҳдати моро ба ҳам овардаӣ,
З-ин сабаб бар ҳафт пуштат раҳмат аст.

Ҷамъ кардӣ миллати саргаштаро,
Кай насиби ҳар касе ин санъат аст?!

Ҳифзи Ваҳдат шуд нишони нанги мо,
Мардро ин нанг тоҷи ҳиммат аст.

## БА РОҒУН

Нур ёбад аз ту дар ҳар сина ҷо,
Дардҳо ёбанд аз нурат шифо.
Аз шарофатҳои нури бегазанд,
Зиндагӣ бар худ бигирад нав ҷило.

Нури ту олам мунаввар мекунад,
Тирагиҳоро мусаххар мекунад.
Эй ту, Роғун, нурбахшои замон,
Олами моро зиёофар намо.

Боз бинмо укдаҳои кори мо,
Дур бинмо заҳмату озори мо.
Қудратат бар қудрати одам бирез,
Чашми танги тангчашмонро кушо!

## НАВРӮЗИ РОҒУН

Наврӯзи гулгун омада,
Дар ҷилва акнун омада.

Хушпираҳан аз кӯҳҳо
То дашту ҳомун омада.

Бар пешвозаш ҳар диле
Чун беди маҷнун омада.

Ганҷи дили ҷонбозҳо
Имрӯз берун омада.

Нуре ба дилҳо оварад,
Шодӣ ба маҳзун омада.

Ҷоно, биё, шодӣ кунем,
Наврӯзи Роғун омада.

*Олимхон ИСМАТӢ*

## ОШТӢ

Ватан! Қасам ба обу хоку оташу ҳавои ту,
Қасам ба рӯҳи поки анбиёву авлиёи ту.
Қасам ба ҳафт пушти некахтари ниёи ту,
Ки мо силаҳ фикандаем, тоҷикони ғамзада,
Ки мо силоҳ мекунем, меҳани ситамзада.

Ҳақиқат он бувад, ки мо басе фиреб хӯрдаем,
Ду саф, ду пора гашта, айбу ҷурми ҳам шумурдаем,
Дигар чӣ ҷои баҳс, мурда ё намурдаем,
Ватан! Гуноҳи ҷумла тоҷикони хешро бибахш!
Ватан! Гуноҳи миллати ватанпарешро бибахш!

Бас аст баъд аз ин дигар маҳалгароиҳои мо,
Бас аст маргу зиндагонии ҷудо-ҷудои мо,
Бибахш, эй худои муттаъол, ин хатои мо,
Ки зери парчами ватан дигар ҳамора саф кашем,
На мисли «Куву моҳӣ»-и масал ба ҳар тараф кашем.

Худо кунад, ки хони ноз пеши ҳам бигустурем,
Ба ҷои заҳри тир ҷумла оши оштӣ хурем,
Ғам аз нигоҳи модарон ба мавҷи ханда бистурем,
Ҳама ба лаб тарона зиндагӣ кунем дар ватан,
Ҳама бародарона зиндагӣ кунем дар ватан.

Ватан! Марамматат ҳамеша қарзу фарзи ҳар кас аст,
Ватан! Маро ба чашм тӯтиёи хоки ту бас аст,
Ватан! Барои наслҳо чӣ вожаи муқаддас аст,
Ҳаёт то ба по бувад, зиҳӣ Ватан! Зиҳӣ Ватан!
Худот раҳнамо бувад, зиҳӣ Ватан! Зиҳӣ Ватан!

## НИГАҲ ДОРАД ХУДО

Дар ҷаҳон аз дасти бешафқат нигаҳ дорад худо,
Ҷумларо аз пои бетоат нигаҳ дорад худо!

Навҷавонро ҳар азобе бар сар ояд, бок не,
Пирро аз хориву зиллат нигаҳ дорад худо!

Нохалаф сад тори ҳиллат метанад чун анкабут,
Дар раҳи қисмат зи ҳар офат нигаҳ дорад худо!

Сангпушт аз некии худ неши каждум дидааст,
Некхоҳонро зи бадтинат нигаҳ дорад худо!

Зӯри мушт аз ваҳдати ангуштҳо ояд ба даст,
Аз парешонии ҷамъият нигаҳ дорад худо!

Аз маҳалбозии мо иллат ба миллат мерасад,
Миллати моро аз ин иллат нигаҳ дорад худо!

*Султонмурод ОДИНА*

## НИЁИШ

Даври истиқлол омад, шукри даврон мекунем,
Ифтихор аз ному хоки Тоҷикистон мекунем.

Дасти ҳам бигрифта мисли кӯҳҳои пур зи ганҷ,
Шукри мулки ворисони Оли Сомон мекунем.

Рӯйи парчам тоҷи миллат, нури давлат парфишон,
Тоҷ бар сар ифтихор аз давру даврон мекунем.

Мерасад рӯзе, ки ҳамчун ворисони мулки худ,
Аҳли олам аз сафои хеш ҳайрон мекунем.

Ҷаннати рӯйи замин додаст моро Кирдугор,
Шукри ин доди Худою лутфи раҳмон мекунем.

Тоҷикистон тоҷи истиқлолият дорад ба сар,
Модар аст ӯ, ҷон фидои модари ҷон мекунем.

## ИФТИХОР

Мо савти як тарона, гулҳои як баҳорем,
Аз Суғду аз Бадахшон, аз Рашту аз Ҳисорем,
Мо файзи хоки Хатлон, зархокаи Зарафшон,
Дилдодаи Душанбе, гулдастаи диёрем.
Мо сарсупурдагони ин мулку ин маконем,
Фарзанди кӯҳсори пурганҷи тоҷиконем.
Пирем агар чу кӯҳаш, чун рӯди ӯ ҷавонем,
Бар сӯйи бахти миллат бо завқи дил равонем,
Моро мадад намояд арвоҳи Оли Сомон,
Ҳамсанги халқи олам, ҳамрози ин замонем.

Мо насли сарбаланди имрӯзи Тоҷикистон,
Дорем дӯст аз ҷон ин мулки хуштар аз ҷон!

## ТОҶИКИСТОНИ МАН АСТ

Ин диёри кӯҳсорон Тоҷикистони ман аст,
Ин макони сабздомон Тоҷикистони ман аст.

Ифтихори миллати ман қуллаи Боми Ҷаҳон,
Махзани лаъли Бадахшон Тоҷикистони ман аст.

Кишвари манро набошад эҳтиёҷи посбон,
Сангдевори кӯҳистон Тоҷикистони ман аст.

Дар талоши оби ӯ сад фитна барпо мекунанд,
Мавҷи кони чашмасорон Тоҷикистони ман аст.

Суғду Хатлону Ҳисору Рашту Вахши гулчакан,
Бо Зарафшони зарафшон Тоҷикистони ман аст.

Бебаҳо ганҷ аст ҳар фарзанди бономуси он,
Сарзамини родмардон Тоҷикистони ман аст.

Пешдодону Каёнон, Оли Сомон тухмаам,
Ворисӣ девони Сомон Тоҷикистони ман аст.

Обу хокаш саҷдагоҳам, санги роҳаш тоҷи сар,
Ин ҳама дунёи Султон Тоҷикистони ман аст.

*Равшани ҲАМРОҲ*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, зинда бодо ҷашни истиқлоли ту,
Хушдиливу хуррамӣ ояд ба истиқболи ту!

Бо ҳаловат, бо саодат рӯз бинӣ, кишварам,
Пок бодо аз мусибат номаи аъмоли ту!

Аз самои нилгунат бахт борад бар сарат,
То абад хуш бигзарад ҳар рӯзу моҳу соли ту!

Дӯстонро тоҷи сар кардан туро ойин бувад,
Сар барорад ҳар куҷо душман, шавад помоли ту!

Ман ба ҳусни беназират то қиёмат ошиқам,
Нест маскан дар биҳишти адн ҳам тимсоли ту.

Чашм бикшодам қатори чашмасоронат зи кӯҳ,
Ҳаст парвози сурудам аз пару аз боли ту.

Кишвари ман, равшании дидаи ман аз ту бод,
Бар сарам тобанда бодо ахтари иқболи ту!

## ПАРЧАМ

Ҳар ҷо қадам гузорам дар зери Парчами ту,
Умре шарик бошам дар шодиву ғами ту.

Дар санги ту тапад дил, ҳар хори ту кунад гул,
Мурғи дилам сарояд бо зеру бо бами ту.

Ман дӯстат бидорам, эй кишвари мунаввар,
Тӯфони ишқ ҷӯшад дар чашми шабнами ту.

Дар дил намедиҳам раҳ куфрони неъмататро,
Шукронаи пури ту, шукронаи ками ту.

Хоки туро физояд як мушт хоки Равшан,
Рӯҳам бимонад аммо ҳамрозу ҳамдами ту.

*Файзи АШӮР*

## АСРҲО

Асрҳо, асрҳои қисматсоз,
Аз раҳи умрҳо гузар карданд.
Сабт бошад, ки асрҳои қадим
Бар сари одамӣ чи оварданд.

Шодмон он яке зи файзи ишқ
Дигаре хуррам аз паёми малак.
Он яке буд асри кашфи замин,
Дигаре буд асри кашфи фалак.

Гар яке хунталаб гузашт, гузашт,
Дигаре ҷон ба лаб гузашт, гузашт.
В-ар яке буд рӯзгоршинос
Дигаре мисли шаб гузашт, гузашт.

Асрҳо, асрҳои қисматсоз–
Қисмати обу хоку отashу бод,
Ҳама рафтанд як дуо бар лаб:
–Асри нав беш шодиовар бод!

Бар сари боду хоку отashу об,
Ки ба қолаб фитод инсон аст,
Гардиши чарх асри нав овард,
Асри нав-асри Тоҷикистон аст.

## РОЗИ БУНЁДГАР

Кӯҳсори Тоҷикистон,
Осмонбӯсӣ, ки дорӣ ганҷ дар дил.
Парчами бахти маро ҷо додаӣ чун тоҷ бар сар.
Бар саломат мерасад аз осмонҳои мусаффо
Офтоби чеҳрахандону мунаввар.

Кӯҳсори Тоҷикистон,
Мечашӣ аз ҷоми беҳамтои хуршед
Бодаи анвори гарму рӯшани як умр тобонро.
Дар раҳи ташрифи наврӯзу баҳор эҷод месозанд
Пиряххоят ҳазорон рӯду дарёи ҷавонро.

Кӯҳсори Тоҷикистон,
Мӯҳташам, тамкинқарину сарбаландӣ.
Ҳамчу фарзанди накӯноми ту ман ҳам
Нанг дорам, сарбаландам.
Сарбаландиро чу мақсуди бузургони
диёрам announce меписандам.

Кӯҳсори Тоҷикистон,
Вақти он омад, ки наврӯзу баҳори тозаро
Ман ба коми хеш созам ром бо азми ҷадид.
Балки созам дар канори ин баҳор
Як баҳори дигаре,
Рангинтаре, рӯшантаре.

Пас, дар ин роҳи муқаддас
Бозувонамро диҳам ташбеҳ бар бозӯи ту,
Нерӯямро қувва бахшоям ман аз нерӯи ту!

## ТОҶИКИСТОН

Кишвари бехазон–Тоҷикистони мо,
Нурбахши замон–Тоҷикистони мо.
Парчами сулҳро ҷилваҳо медиҳӣ,
Ҷовидон дар ҷаҳон–Тоҷикистони мо.

Тахти ту арҷманд, ифтихорат баланд,
Эътиқодат қавӣ, эътиборат баланд.
Обу хокат даво, осмонат азиз,
Рӯзгори ту чун кӯҳсорат баланд.

Эй Ватан, ҳомии фазлу илму ҳунар,
Боғи эҷоди мо бо ту орад самар.
Аҳди мо пойдор, азми мо устувор,
Рӯҳи мо безарар, роҳи мо бехатар.

Ориёнзодаем, Тоҷикистонием,
Чеҳрабикшодаем, Тоҷикистонием.
Бар хирад, бар адаб, бар ҳунар, бар зафар
Ҷону дил додаем, Тоҷикистонием.

## БИЁ, БАҲОР

Биё, баҳор, ки дар дилбарӣ ту яктоӣ,
Биё, ки ҳусн бифахрад, ки ҳуснороӣ.
Чунон мусаввири покӣ, ки ранг менозад,
Ки аз ту ҷилва кунад дар сарои зебоӣ.

Самои чашми туву чеҳраи мунаввари ту
Маро ба лутф бихонанд ҳамчу ёвари ту.
Биё, баҳор, ки аз обшори гесӯят
Расад димоғи маро накҳати муаттари ту.

Зи ҷону дил ба лаб орам ман ин баҳои бузург,
Ки ту расидаӣ чун раҳмати худои бузург.
Давоми дасти саховатқарину сабзи туанд
Ниҳолҳои ҷавону дарахтҳои бузург.

Дигар ба васфи ҷамолат сухан намеёбам,
Ки беҳтар аз ту гули анҷуман намеёбам.
Туро ба коми худ ар ошно нагардонам,
Чаман агарчи биёбам, Ватан намеёбам!

## ИСТИҚЛОЛ

Эй бахти мо, иқболи мо, ҷонбахш истиқлоли мо,
Аз ту шуда хуш ҳоли мо, бикшода парру боли мо.
Беҳтар зи ҳар сарват туйӣ, волотарин неъмат туйӣ,
Рӯсурхии давлат туйӣ, сарсабзии миллат туйӣ.
То ту ба коми мо шудӣ, дар синаи мо ҷо шудӣ,
Рӯде будӣ дарё шудӣ, эҳё шудӣ, дунё шудӣ.

*Ҳидоятуллоҳ РАҲМОНӢ*

## ПАРЧАМИ ИҚБОЛ

Эй, ки гӯӣ, Тоҷикистонро замон,
Фурсате бишнохт бо номи фалон.
Хез акнун, чашми ақлат баркушо,
Мешиносад Тоҷикистонро ҷаҳон.

Диди таърих дар гумонам кӯр буд,
Чашми ӯ ин халкро нодида монд.
Пунба дар гӯшаш магар буд, як замон
Шеъри ӯро аз фалак нашнида монд.

Аз диёри офтобӣ як замон,
Тоҷикистон гар ба зери соя рафт,
Бо ливои Коваю Ҷамшед ӯ
Зери боли кишвари ҳамсоя рафт.

Боз аз нав офтобӣ гашт ӯ,
Кишвари сарсабзи обӣ гашт ӯ.
Дар ҷаҳон машҳур шуд бо файзи об,
Бо ҷамоли ҳамҷамоли офтоб.

Аз ҳавопаймо назар кун, эй ҷаноб,
Он чӣ бинӣ, ки надидастӣ ба хоб
Нур меборад ба рӯяш з-офтоб,
Дар шабонаш нур мерезад зи об.

Мешукуфад ҳар канори ин Ватан,
Ҳар ваҷаб хокаш шавад боғу чаман.
Ҳаркӣ аз ӯ монда ҷое беватан,
Ташнаи обаш шавад оби даҳан.

Хонаҳояш ошён то ошён,
Нордбоне гашта сӯи осмон.
Бар фалак қад мекашад нахли Ватан,
Набзи худ пайваста бар ҳар остон.

Тоҷикистон нусрату иқбол ёфт,
Тоҷикистон файзи истиқлол ёфт.
Соли бисти ҷашни Истиқлоли ӯ,
Пар - парафшон парчами иқболи ӯ!

## ШУКРИ ИСТИҚЛОЛ

Шукри истиқлоли тоҷик,
Омад аз иқболи тоҷик.
Мезанад пар бар баландӣ,
Мурғи бахти соли тоҷик.

Халқи моро гашт аз нав,
Дар ҷаҳон андеша боло.
Мебарад сӯйи баландӣ
Олами андеша моро.

Тоҷикистон тоҷикона
Шӯҳрат аз дунё биҷӯяд.
Ҳамзабони халқи дунё,
Роҳ бар дилҳо биҷӯяд.

Устуворӣ ёфт имрӯз,
Пояи тақдири тоҷик.
Боли парвози дигар ёфт,
Бахти оламгири тоҷик.

Ин диёри шеъру дастон,
Мекашад сар то ба кайҳон.
Бо Ҳисору Рашту Хатлон
Зинда бош, эй Тоҷикистон!

*Нуруллоҳи ОРИФ*

## ОЁТИ ИСТИҚЛОЛ

Шукри ҳақ, дар саҳнаи гардони вақт
Ҷашни истиқлол барпо кардаем.
Баҳри худро дидану бишнохтан
Дидаи пӯшидаро во кардаем.
Марҳабо гӯед истиқлолро,
Ҳиммати ин миллати хушфолро.
Офтобо, нури истиқлол бор
Бар дили хок аз фазои дӯстӣ.
То ба рақс ояд ҳама гулҳои боғ,
Дар танини ин навои дӯстӣ.
Марҳабо гӯед истиқлолро,
Ҳиммати ин миллати хушфолро.
З-ибтидо бо заҳмати фарзандҳот
Тоҷикистон, тоҷ бар сар кардаӣ.
З-он, ки ҳар рӯзи нават ид аст, ид
Хилъати хуршед дар бар кардаӣ.
Марҳабо гӯед истиқлололро,
Ҳиммати ин миллати хушфолро.

## МӮЪҶИЗА

*Нақарот:*
Зиҳӣ, марди ватанпарвар, ки дорӣ тоҷи зар бар сар,
Туӣ сарвар, туӣ раҳбар, туӣ созандаи кишвар.
Туӣ марди ҳақиқатҷӯ, туӣ марди саховатманд,
Туӣ равшанзамир ахтар, ки дорӣ ҷой дар минбар.

Ба мардум дода Истиқлол, қалби мост шод аз ту,
Халоиқ ҳар куҷо бо ифтихор оранд ёд аз ту.
Ба ҳар як анҷуман бингар, ба марзи ин Ватан бингар,
Ки мустаҳкам шудаст имрӯз сулҳу иттиҳод аз ту.

*Нақарот:*
Ту ҳам доно, ту ҳам оқил, ту ҳам бо фазлу бо идрок,
Ту ҳам шамси замин ҳастӣ, ту ҳам шамси дили афлок.
Ба ҳар най ҷӯр овардӣ, ба ҳар дил сур овардӣ,
Ба кишвар нур овардӣ, туӣ мӯъҷизаи ин хок.

*Муҳаммад ЮСУФ*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ҷои ту дар хонаи чашмони мо,
Ҳифзи хоку оби покат қарз бар виҷдони мо.

Саҷдаи хоки сиёҳат мурдаро ҷон медиҳад,
Ҳар гиёҳи кӯҳсорат дорую дармони мо.

Мекунад аз нав забони модарӣ нашъунамо,
Фахр бар фарзанд дорад модари даврони мо.

Сар халонад гар адӯ андар фазоят, сар занем,
Сар фурорем аз барояш, гар шавад меҳмони мо.

ГЭС-и Норак нур бахшад аз камоли дӯстӣ,
Дӯстонро ҷо бувад андар дилу дар ҷони мо.

Эй умеди орзуи тоҷики рӯи замин,
Мешавӣ эҳё зи нав чун Давлати Сомони мо.

Тоҷики мотамкашам, каш ҷомаи мотам зи бар,
Медамад субҳи абад бар чеҳраи хандони мо.

## ДУШАНБЕ

Душанбеи азизам, сайргоҳам,
Шавӣ ҳар рӯз зебо дар нигоҳам.

Дару дарвозаат гулпӯш гашта,
Бирезӣ шавқу шодӣ рӯи роҳам.

Қадамҷои бузургон кӯчаҳоят,
Бувад хоки дари ту саҷдагоҳам,

Ба фахр истода Исмоили Сомон,
Ба рӯям бингарад чун қиблагоҳам.

Туӣ ваҳдатсарои ҷумла инсон,
Паёми тозаи субҳи сабоҳам!

Аё шаҳри Душанбе, ҷовидон бош,
Туӣ фахрам, туӣ пушту паноҳам.

## СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ

Дамида субҳи Истиқлоли тоҷик,
Гули нуре ба истиқболи тоҷик.

Баҳори зиндагонӣ чеҳра афрӯхт,
Шукуфт аз нав гули иқболи тоҷик.

Рақам гардида андар сафҳаи даҳр,
Хушо, бо ҳарфи некӣ фоли тоҷик.

Парафшон гашт аз меҳру муҳаббат,
Умеди навпару навболи тоҷик.

Зиҳӣ ин давлату толеи некӯ,
Ба тахти шӯҳрат омад Оли Тоҷик.

Муборак бод ин фархунда давлат,
Ҳумоюн бод Истиқлоли тоҷик.

## ҒАЗАЛСОЗИ ВАТАН

Ай Ватан, ман ҳамдами рози туам,
Нахлаки сабзи сарафрози туам.

Ҳар куҷо бошам канори ин ҷаҳон,
Тифли поки домани нози туам.

Ҳусн мегирад зи рӯят рӯйи ман,
Дар баҳори ҳусн анбози туам.

Андаруни сина то дил метапад,
Ҳамнафас бо нағмаю сози туам.

Эй, ки болу пар ба ман бахшидаӣ,
Волаву шайдои эъҷози туам.

Дар фазои бахту иқболи баланд,
Шоҳини дар авҷи парвози туам.

Дар гулистони вафою ишқи пок,
Андалеби нағмапардози туам.

Дар китоби ҷовидони зиндагӣ,
Умр то бошад ғазалсози туам.

## ПАЙВАНДИ МЕҲР

Пайванди дилу равони мо ту,
Шаҳрешаи сабзи ҷони мо ту,
Шаҳду шакари забони мо ту,
Фарзанди туем, Тоҷикистон,
Дилбанди туем, Тоҷикистон,

Дар домани ту баҳор дорем,
Дар боғи ту баргу бор дорем,
Як гулшани гулқатор дорем,
Фарзанди туем, Тоҷикистон,
Дилбанди туем, Тоҷикистон.

Иқболу саодатӣ ту моро,
Ганҷи зару сарватӣ ту моро,
Гаҳвораи давлатӣ ту моро,
Фарзанди туем, Тоҷикистон,
Дилбанди туем, Тоҷикистон.

Ту модари меҳрубони моӣ,
Ту давлати ҷовидони моӣ,
Дар рӯи ҷаҳон ҷаҳони моӣ,
Фарзанди туем, Тоҷикистон,
Дилбанди туем, Тоҷикистон.

Эй тахти баланди шӯҳрату шон,
Эй Каъбаи бахту нури имон,
Фархунда давоми Оли Сомон,
Фарзанди туем, Тоҷикистон,
Дилбанди туем, Тоҷикистон.

## ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

Кушода чеҳра субҳи дилкашу испеди Истиқлол,
Расонад муждаи суру сурури Иди Истиқлол.

Ҳазорон орзу гулрез гашта, чун баҳори сабз,
Миёни синаи пурмеҳр аз уммеди Истиқлол.

Ҷаҳоне дар ҷаҳони мост пурфайзу сахо, ёрон,
Агар бинӣ ҷаҳони пирро бо диди Истиқлол.

Ҷамоли офтобӣ, тинате аз кибриё дорад,
Ба чашми дил агар созӣ назар бар шеди Истиқлол.

Ба лутфи Эзиду иқболи миллат , ай хушо, имрӯз
Зиёву нур резад бар Ватан Хуршеди Истиқлол.

Ба дунёи саодат парфишон хоҳам ба фарқи сар,
Барои миллати худ Парчами ҷовиди Истиқлол.

Ба меҳроби садоқат дар тавофам аз саҳар то шом,
Намоям саҷдаи шукрона бар Даршеди Истиқлол.

Бақою умри нав бахшид истиқлоли мо моро,
Муборак бод рӯзу соати тавлиди Истиқлол.

*Ҳабиб СУЛАЙМОНӢ*

# ТОҶИКИСТОН

Ман намакхӯрда зи ҳар хони туям,
Ҳамчу меҳмон ба сари хони туям.
Ҳар гиёҳат, ки парастам ба ҳавас,
Ошиқи боғу гулистони туям.

Тоҷикистон Ватанам,з-они туям,
То абад ёру нигаҳбони туям.

Субҳи оғӯши баҳорони туям,
Олами шеърму дастони туям.
Ошиқам қатраи борони туро,
Мавҷи дарёи Зарафшони туям.

Тоҷикистон Ватанам, з-они туям,
То абад ёру нигаҳбони туям.

Дард агар ҳаст, чу дармони туям,
Як кафи хоки кӯҳистони туям.
Дар ҳавоят пару болам ки кушод,
Ҷонфидо дар сари фармони туям.

Тоҷикистон Ватанам, з-они туям,
То абад ёру нигаҳбони туям.

Ҳамчу фарзанди вафодори туям,
Ҳар куҷоям, чу харидори туям.
Васфи зебои туро охир нест,
Ман Ҳабибам, ки ба гуфтори туям.

Тоҷикистон Ватанам, з-они туям,
То абад ёру нигаҳбони туям.

## ТОҶИКАМ

Тоҷикам, аз Тоҷикистон,
Решапайванди Зарафшон.
Фахри ман–фахри Бадахшон,
Ҳам Хуҷанду Рашту Хатлон.

Тоҷикам, аз Тоҷикистон,
Тоҷи имон, тоҷи инсон.
Обу хокат–дарду дармон,
Меҳри покат–қуввати ҷон.
Резасангат–нури чашмон,
Сарзаминат–кони армон.

Тоҷикам, аз Тоҷикистон,
Тоҷи имон, тоҷи инсон.
Эй ҷавонон, эй ҷавонон,
Пиру барно, ҳамзамонон.
«Тоҷикам ман» гуфта, фахред,
Тоҷи давру тоҷи даврон.

Тоҷикам, аз Тоҷикистон,
Тоҷи имон, тоҷи инсон.

Ҳар куҷо қавми парешон,
Бош бо ҳам якдилу ҷон.
Ин ҷаҳон нозат ба номат,
Рас ба қадри насли Сомон.

Тоҷикам, аз Тоҷикистон,
Тоҷи имон, тоҷи инсон.

*Назокат ОЛИМЗОДА*

## ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ

Тоҷикистон азизам, ориёфар миллатам,
Сарзамини бегазандам, олами баҳру барам.
Чашми дилро во намудам баски дар оғӯши ту
Ҷовидонӣ сарпаноҳам, ҷовидона модарам.

Гармии хунам, тапиданҳои ҷон аз ишқи туст,
Тоҷикистон, сарвосо соябонӣ бар сарам.
Хоку сангу сабзаву обу ҳавоят ҳамдилам,
Эй биҳишти дар заминам, раҳнамову раҳбарам.

Дар дили хурди ту меҳри халқи олам ҷо шудаст,
Номи ту вирди забони ҷумла миллатҳо шудаст.
Гашта мероси ниёгон ифтихорат, эй Ватан,
Тоҷики бонанги ман тоҷи сари дунё шудаст.

Тоҷикистон, хонаи меҳру таманно, зинда бош,
Соҳиби иқбол гаштӣ, хурраму фархунда бош.
Коми моро меваи сулҳи ту ширинтар кунад,
Тоҷикистон, бар сари мо то абад поянда бош!

## ПАРЧАМИ МЕҲР

Худшиносият муборак, Тоҷикистон,
Хешро дарёфтӣ чун Оли Сомон.
Парчами меҳрат ба гардунҳо расонем,
Ҳамчу фарзанди банангат, модари ҷон.

Худшиносият муборак, Тоҷикистон,
Як ҷаҳон мерос дорӣ аз ниёгон.
Ту ба рағми қисмати худ мард будӣ,
Тоҷу тахтатро ту овардӣ ба сомон.

Худшиносият муборак, Тоҷикистон,
Карда ҷо дар синаат қавми парешон.
Якзабону якдилу якрӯй бошанд
Рашту Хатлону Зарафшону Бадахшон.

Худшиносият муборак, Тоҷикистон,
Хуштар аз бахтат касеро нест армон.
Тахт бар ҷо, тоҷ бар сар ҷовидон зӣ,
Кардаӣ пайдо ба олам шӯҳрату шон.
Худшиносият муборак, Тоҷикистон!

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ту истиқлол дорӣ, Тоҷикистон,
Аҷаб иқбол дорӣ, Тоҷикистон.
Дар оғӯшат гирифтию чу модар
Маро хушҳол дорӣ, Тоҷикистон.

Ватан ҳастӣ бароям, шукр гӯям,
Туро танҳо сароям, шукр гӯям.
Заминат зарфишон, оби ту шахд аст,
Ба хуршеди самоям шукр гӯям.

Ватан–кошонаи ман, хонаи ман,
Ирамбоғӣ дар ин афсонаи ман.
Туро дорам, чи ғам дорам ба дунё,
Ба бахти миллати фарзонаи ман.

Ватан, номи ту шуд вирди забонҳо,
Баландайвонӣ ту аз осмонҳо.
Намояд ифтихор аз ту Ватандор,
Бизӣ ту ҷовидон, то ҷовидонҳо.

***ОЗАР***

## РӮИ ЯК ПОЙ

Ҳамватан,
Паи эъдоми бадӣ
Ман агар бархезам,
Ту агар бархезӣ,
Ҳама кас бархезад.

Ва мабар аз хотир,
Ту агар бигрезӣ,
Ман агар бигрезам,
Ҳама кас бигрезад.

Турна дар соҳати дашт
Рӯи як пой кунад селаи худро бонӣ.
Нахл дар соҳати боғ
Рӯи як пой кунад сояву гулафшонӣ.

Фикри бисёр макун,
Бирасид, он чи расид,

Ва гузашт, он чи гузашт.
Паи эъдоми бадӣ
Хама қоим бошем
Рӯи як пои ғурур!

Мисли он нахл ба боғ,
Мисли он турна ба дашт.

Ҳамватан,
Соати хавфу хатар,
Пои дуввуми худ аз ёд бубар!

## ДИЛИ ШИКАСТАТАРИНАМ

*Ба имоми аъзам Абӯҳанифа*

Дили шикастатаринам ҳамеша ҷои ту бод,
Сабоҳи ҳашр қиёми сапедазои ту бод.

Ту сархатӣ зи хати сурхи тозиёна ба дӯш,
Мақоми ҷумлаи оянда аз қафои ту бод.

Хилофи ҳақ ки накардӣ, ба ноҳақат куштанд,
Хилофати дили ушшоқ хунбаҳои ту бод.

Сари баланд ниҳодӣ ба пои ҳазрати Дӯст,
Надидамат, ки бигӯям сарам ба пои ту бод.

Хутути рӯи кафам матни ин дуо бошад:
Ба ҳар куҷо ки кафе ҳаст, дар дуои ту бод.

## ПАРЧАМИ МИЛЛӢ

Дирафши Коваи оҳангарӣ, эй парчами миллӣ,
Намои эътиқоду боварӣ, эй парчами миллӣ.

Намоёнӣ миёни садҳазорон рамзи дунёӣ,
Шукӯҳи асли моро минбарӣ, эй парчами миллӣ.

Ба домони ту дида ахтаронатро, ҳамегӯем,
Самои бахти моро ахтарӣ, эй парчами миллӣ.

Ту рамзи Тоҷикистонӣ, ба ҳар як гӯшаи олам,
Ҳумои бахт болои сарӣ, эй парчами миллӣ.

Тамошои туро танҳо сари боло тавонад кард,
Фидоят ман, шуҷоатофарӣ, эй парчами миллӣ.

*Давлат САФАР*

## ИСТИҚЛОЛИЯТ

Мулки обод аст Истиқлоли мо,
Нахли шамшод аст Истиқлоли мо.

Сад қафас бишкасту дар парвоз шуд,
Мурғи озод аст Истиқлоли мо.

Бояд аз дил саҷдаи шукрона кард,
Каъбаи ёд аст Истиқлоли мо.

Дар билоди сарнавишти тоҷдор,
Қасри бунёд аст Истиқлоли мо.

Дар замини кишвари озодагон
Роҳи имдод аст Истиқлоли мо.

Фахр аз мероси Сомон мекунем,
Моли аҷдод аст Истиқлоли мо.

Сад биёбон обшорон мешавад,
Ранҷи Фарҳод аст Истиқлоли мо.

Барфурӯзон оташи хомӯшро,
Юсуфи шод аст Истиқлоли мо.

Боди навмедӣ ба дигар кӯй рафт,
Садди ҳар бод аст Истиқлоли мо.

Дар камоли худшиносӣ то абад
Юмни афрод аст Истиқлоли мо.

Дар хати пайроҳаи уммедҳо,
Нақши эҷод аст Истиқлоли мо.

Дар амон бошем аз чашми ҳасуд,
Бас худодод аст Истиқлоли мо.

## ЛИВОИ МО

Нишони эҳтироми мо, Ливои мо,
Шукӯҳи нангу номи мо, Ливои мо.

Ба олами фазои сулҳу дӯстӣ,
Кабӯтари паёми мо, Ливои мо.

Ба сафҳаи сафеду сабзу сурхи бахт,
Нишони сад каломи мо, Ливои мо.

Ҷилои бахту нури ифтихори дил
Бувад ба рӯи боми мо, Ливои мо.

Ба пешвозу эҳтироми дӯстон
Шаҳодати саломи мо, Ливои мо.

Ба рангҳои ӯ зи меҳр ҷилва аст,
Чу рӯймоли моми мо, Ливои мо.

Ба саҷдагоҳ шукр гӯй аз ифтихор,
Ба ҷонамози номи мо, Ливои мо.

* * *

Шаҳраги ҷону танам восили ҷони Ватан аст,
Бонги номусу шараф бонги азони Ватан аст.

Зррае хокам агар тобу табам дар ҷӯш аст,
Қувва дар бозуву зону ба тавони Ватан аст.

Чашмсерем, сари хони касе нест ниёз,
Дар танӯри дили мо кулчаву нони Ватан аст.

Домани сабзи талу пушта, ки сарсабзии мост,
Сабз дар сабз саропои ҷаҳони Ватан аст.

Гар ғарибе накунад ёди Ватан, беном аст,
Ёди даргоҳи падар ному нишони Ватан аст.

*Адибаи АЗИЗ*

## ВАТАН

Ғарибона сурудамро,
Дурудамро,
вуҷудамро,
суҷудамро,
Ба сӯи ту,
Худоё,
Мебарам буду набудамро!

Дар ин шаҳри саропо ҳиллаву найранг,
Гаҳе бегона,
Гоҳе хеши бефарҳанг,
Ба ҳар ҷо мезанад сӯи муҳоҷир санг.

Дар ин ҷо қадри саг болотар
аз ҷони мусофирҳои бетақдир,
Дар ин ҷо нози гурба қимат аст аз нархи нону шир.
Дар ин ҷо тоҷикон аз дасти қисмат хаставу дилгир.
Ҳазорон навшаҳи мо аз пайи рӯзиву берӯзӣ,
Нисори теғ,
Ё дарҳам нишони тир,
Ки меоранд ин тайёраҳо сӯи Ватан тобут беохир…

Аё, Модар!
Дуоям деҳ!
Ғарибӣ синаи дард аст!
Ҳавои ғурбаташ сард аст!
Ватан бо он ҳама ранҷу ситамҳо,
Дар дили хуршед дорад ҷо!
Ки он ҷо Обигарми ман,
Кунун гарм аст мисли чашмаҳои гарми зебояш,
Ва дар ин чашмаҳои чашми ман
мӯъҷизае дигар наметобад.

Худоё!
Кулбаи мо аз ҳама дунё, ки дидам
дилкашу орому побарҷост,
Ки он ҷо каъбаи дилхост.
Ва ҳоло ҳотаи мо сабзу гулпӯш аст.
Ҳазорон боғи Маскав,
Бо ҳама он шӯҳрату гулҳои садрангаш,
Дилоро нест чун дастобадастии сафедорони ошиққуш,
Ки ҳамчун қалъаи сабзе гирифта
Мӯъминободи маро оғӯш.

Падар чун солҳои кӯдакӣ саргарми меҳмон аст,
Ба шохи пургули зардолу банди ҳой рақсон аст.
Сабо бо кокулони хоҳарам чун ишқи печон аст,
Ба шохи тути пайвандӣ, ки садранг аст,
Қафас танг асту дар он кабки хушхон аст.

Ватан!
Ҳар зарра хокат…
Қатраобат нӯшдоруи ғарибон аст!
Чу меҳри модарам ёди ту дар ҷон аст!

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон!
Такягоҳам!
Нури хуршеди сабоҳам,
Дар нигоҳам.
Ту маро пушту паноҳӣ,
Ман туро чун тифл умре дар паноҳам.
Хоҳамат умре баҳори бегазанд.
Ҳам ба хоку ҳам ба сангат,
Рӯҳи ман бо ҷисм пайванд.

Ахтаронат,
Шӯълаҳои ишқи гумноми мананд.
Балки ҳамрозанд,
Дар шоми мананд.
Моҳу хуршедат,
Саранҷоми мананд.

Тоҷикистон!
Бе ту ҳеҷам!
Меҳанӣ!
Ту модарӣ!
Сабз монам, кош чун нахли тари ту,
Дар бари ту.

## БО ВАТАНУ БЕ ВАТАН

Зарра-зарра бе Ватан кам мешавам,
Меравам чун тармае дар худ фурӯ.
Шӯразори қисматам оби маро
Мекашад, кай мерасад он то ба ҷӯ?

Бе Ватан аз бепаноҳиҳои худ
Дар назар аз шаш ҷиҳат бошам сиёҳ.
Ман зи ҷумла бепаноҳӣ дар Ватан
Дар паноҳам, дар паноҳам, дар паноҳ.

Бе Ватан ман гарди бодовардаам,
Менишинам бар сари ҳар хору хас.
Метакад аз худ маро, аз худ маро,
Чун нишинам дар бару домони кас.

Бе Ватан аз дӯши худ афтодаам,
Мешавам бори гарони дигарон.
Ман зи неши хори қаҳру таънаҳо
Кай амон ёбам, амон ёбам, амон?!

Бе Ватан ман аз мани аз худ ризо
Дар канорам, дар канорам, дар канор.
Бо Ватан ман дар мани бонангу ор
Устуворам, устуворам, устувор.

Будани ман бе Ватан нобудан аст,
Меравам бар бод ҳамчун дуди оҳ.
Чун сириштӣ, эй Худо, аз меҳри ӯ,
То қиёмат дар Ватан дорам нигоҳ.

## БЕ ТУ

Бе ту бар дастам наояд домани шавқу ҳавас,
Бе ту дардолуда оҳе бошадам ҳар як нафас,
Бе ту дил бошад миёни сина чун мурғи қафас,
Бе ту бефайзу сахоям, бе туам чун хору хас,

Тоҷикистон, эй биҳишти ҷовидон,
Эй ҳумои бахти моро ошён.

Бе ту чун боре ба дӯши худ гаронӣ мекунам,
Дар раҳи уммеду армон нотавонӣ мекунам,
Бе ту сарфу ҳайф умри навҷавонӣ мекунам,
Бо чунин маънӣ магар ман зиндагонӣ мекунам?

Тоҷикистон, эй биҳишти ҷовидон,
Эй ҳумои бахти моро ошён.

Бе ту ман бе қимате чун ҷомаи афсурдаам,
Бе ту дар осудагӣ ҳам як нафас н-осудаам,
Бе ту ман сар то ба по бар дарду ғам олудаам,
Бе ту беҳтар бошад аз ин будаам нобудаам,

Тоҷикистон, эй биҳишти ҷовидон,
Эй ҳумои бахти моро ошён.

## ТУ ДАР ХУД БОБАҚОӢ, ТОҶИКИСТОН

Ба худ аз кӯҳи худ то поя дорӣ,
Зи ганҷат сарвату сармоя дорӣ.
Ба сар аз Боми Олам соя дорӣ,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон.
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон.

Бидорад то баландиат баландат,
Баландиат бидорад дилписандат,
Ва дорад дилписандӣ арҷмандат,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон.
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон.

Зи обат то туӣ сарсабзу обӣ,
Зи хокат то ту пурфайзу савобӣ,
Зи нанги халқи худ дар обутобӣ,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон.
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон

Набошад то амониат амонат,
Амон дорад ба ҳар давру замонат,
Туро аз бенишониҳо нишонат,
Ба ҷои худ баҷоӣ, Тоҷикистон,
Ту бар худ бобақоӣ, Тоҷикистон.

Зи таърихи куҳан то реша дорӣ,
Наӣ аз фари ориёна орӣ.
Зи истиқлоли худ дар ифтихорӣ,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон.
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон

Бимонад партавафшон то ливоят,
Бувад андар ливои ту ҷилоят,
Ту ҳастӣ ҳастиатро дар ҳимоят,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон

Ҳисори шуҳратат то ки зи санг аст,
Ва ҳар марди туро нерӯ зи нанг аст,
Ва то сулҳи ту садди роҳи ҷанг аст,
Ту дар худ бобақоӣ, Тоҷикистон
Ту бар худ муттакоӣ, Тоҷикистон.

*Аҳлиддин ҲИСОРӢ*

## ТОҶИКИСТОН

Ҳавои меҳри ту биншаста дар ҷон,
Ба сони сабзаву анфоси борон.

Баҳоре дар ниҳодам ранг дар ранг,
Дилорову гуворову гулафшон.

Чи гӯям тавсифи ҳусну ҷамолат,
Биҳиштӣ дар замин, дар чархи гардон.

Ҳавоят доруву оби ту дору,
Маро ҳар сангу хорат ҳаст дармон.

Ғуруру эътибору ифтихорам,
Умедам дар ду олам, Тоҷикистон.

Туро, ҷуз ин дуо дигар надорам:
Худои меҳрубон бодо нигаҳбон.

## ҶОНБАҲО

Партави уммеду армон аст истиқлол,
Шӯълаи ҷовид дар ҷон аст истиқлол.

Дар гили мо аз азал бисриштаанд ин меҳр,
Муддаои ҷумла инсон аст истиқлол

То нишоне аз асорат дар ҷаҳон боқист,
Арсаи пайкори мардон аст истиқлол.

Дар дифоъи ному номуси ватандорӣ,
Аҳду савганд асту паймон аст истиқлол.

Қуввату нуру ҳарорат медиҳад бар дил,
Офтоби шӯълаафшон аст истиқлол.

## ВОЖАИ ҶОН

Ин баҳоре, ки гулафшон аст,
Ин диёре, ки гулистон аст,

Сарзамини сабзу ҳосилхез,
Меҳани ман, Тоҷикистон аст.

Боғи фирдавс аст пиндорӣ,
Сабзу хуррам, боғу бустон аст.

Рӯзу шаб, ҳар чор фасли сол,
Гулшани сабзу шукуфон аст.

Кишвари хуршедиву сарсабз,
Осмонаш гарму тобон аст.

Хоку обаш дардро дармон,
Бодҳояш анбарафшон аст.

Баски бо ҷон аст ҳампайванд,
Ҳамрадифи вожаи ҷон аст.

## ИСТИҚЛОЛ

Чи хуш ҳаловатест дар ҳавои истиқлол,
Ба рақс мекашад маро навои истиқлол.

Талоши зиндагониву фасоҳати ҳаёт,
Ҳар он чи ҳаст мекунам фидои истиқлол.

Агар ба маснади ҷаҳон ба ҷид бингарӣ,
Шаҳаст дар мақоми худ гадои истиқлол.

Тавони тоза медиҳад ба кишвари вуҷуд,
Таровати насими пурсафои истиқлол.

Зи шавқ аз қабои худ бурун шавам, аҷаб
Бинам чу бар тани ватан қабои истиқлол.

Зи ҳар канори ватан ба шодиву сурур,
Ба гӯши ҷон ҳамерасад садои истиқлол.

Ҷалолу ҷоҳи қайсарӣ ба сад шукӯҳу ноз,
Сари ҳавас ҳамениҳад ба пои истиқлол.

*Низомиддин ДАВЛАТЗОДА*

## НУРИ ИСТИҚЛОЛ

Ахтаристон аст гардуни Ватан,
Ҷӯш дорад дар бадан хуни Ватан.

Хуни шарёни ватан мову туем,
Ахтарони шӯълазан мову туем.

Анҷуман дорем то бар даври хеш,
Пеш метозем аз айём пеш.

Пеш будан пешаи оқил бувад,
Пешрафти халқи соҳибдил бувад.

Шамъи ақли мост то партавфикан
Нур борад аз саропои Ватан.

Нури Истиқлол бо ваҳдатшиор,
Равшанӣ бахшид бар чашмони чор.

Пиру барно дар миёни корзор,
Дасти ҳам бигрифта бо номусу ор.

Нурборон шуд сарои зиндагӣ,
Тоза меояд садои зиндагӣ.

Халқи ман аз нури Истиқлоли худ,
Фахр дорад чун уқоб аз боли худ.

*Зебои ХАТЛОНӢ*

## НИЁИШ

Тоҷикистон, ҳастии ман, бахти ман,
Эй ватан, эй тоҷи ман, эй тахти ман!
Аз дили нарми ниёгон ёдгор
Мондаӣ, эй сарзамини сахти ман.

Кишвари фархундаи ман, эй ватан,
Рафтаву ояндаи ман, эй ватан.
Ормони зиндаи Сомониён,
Давлатиояндаи ман, эй ватан.

Мепарастам марзи яздонии ту,
Меситоям ишқи нуронии ту.
Рӯшноии ту бодо ҷовидон
Дар дили Зебои Хатлонии ту!

## МЕҲРИ ВАТАН

Сарзамини беназирам, эй ватан,
Як ҷаҳонӣ дар замирам, эй ватан.
Ман ба ойини муҳаббат аз дилам
Сӯи ту ойина гирам, эй ватан.
Нақши гулҳои баҳори сабзи ту
Дар сарандози ҳарирам, эй ватан.
Чашмаҳои кӯҳсорат додаанд
Дар ҳавои шеър ширам, эй ватан.
Чун каму беши насиби худ туро
Дар дилу ҷон мепазирам, эй ватан.
Сарбаландам бо ту ҳамчун кӯҳи ту,
Бе ту ман зору ҳақирам, эй ватан.
Бе Камони Рустами ту осмон
Мезанад аз дур тирам, эй ватан.
Ман агар як шаб бимирам, эй ватан,
Номи ту бар лаб бимирам, эй ватан!

*Салоҳиддини САДРИДДИН*

## ШУКРИ ИСТИҚЛОЛ

Бӯйи Турсунзода дорад равзаву кӯйи Ватан,
Шеъри Турсунзода хонад гулпарирӯйи Ватан.

«Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил»,
Ӯ навид аз сулҳ дода баҳри нерӯйи Ватан.

«Ишқ»-гӯяд оҳу дар саҳрову булбул дар чаман,
Дӯстиву сулҳ ҷӯяд ҳар сухангӯйи Ватан.

Шукри истиқлоли кишвар, ваҳдату созандагӣ,
Бахти нав хоҳам туро, садбарги хушбӯйи Ватан.

Гӯшту нохун бигарду «Тоҷи сар кун дӯстро»,
Ончуноне гуфт Мирзо, марди хушрӯйи Ватан.

Гар кабутар қосиди сулҳ асту булбул рамзи ишқ,
Байти хушбахтӣ саро, эй гулсуманбӯйи Ватан!

–Об додан ташнагонро баски мебошад савоб,
Ин ҳадис бишинидаам аз замзами ҷӯйи Ватан.

Дар лабонам шеъри Мирзо меравам сӯйи Ҳисор,
То нафас гирам зи боғи сабзу ҳулбӯйи Ватан.

Зиндагӣ акнун дигар шуд, ҳамдилӣ поядагист,
Сарбаланду шодмон зӣ, эй худоҷӯйи Ватан.

## ТОҶИКИСТОН

Зираке гуфто ба ҳукми доварӣ:
«Тоҷикистон – меҳани лафзи дарӣ.
Бо ҳама ширинию ҳуснофарӣ,
Ин забонро додаанд эҳёгарӣ,–
Рӯдакиву Балъамӣ, Айнӣ, Парӣ.
Гар бигӯям аз раҳи донишварӣ,
Тоҷикистон–хиттаи шеъри дарӣ».

Аз ҳамин рӯ Тоҷикистон, шоиро,
Кишвари шеъри тару насри расо,
Зодгоҳи орифони хушадо,
Сарзамини ваҳдату сулҳу сафо,
Ҳам Ватан ҳам Модари дилсӯзи мо.
Тоҷикистон–зевари арзу само,
Тоҷикистон–манзари нури Худо.

Сулҳ бошад ҳар саломи халқи ман,
Амният бошад мароми халқи ман,
«Шоҳнома»–худ каломи халқи ман,
Кас шунида «Шашмақом»-и халқи ман,
Баҳрае бурд аз мақоми халқи ман,
Ҳар кӣ нӯшад май зи ҷоми халқи ман,
Маст гардад аз паёми халқи ман.

*Одина РАҲМОН*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, модари зебои ман,
Эй биҳишти поку беҳамтои ман.
Сарзамини нозанини дилрабо,
Манзили ман, хонаву маъвои ман.

Мекунам шукронаи ҳар санги ту,
Зиндаам бо номи ту, бо нанги ту.
Сози сулҳу сози ваҳдат мезанӣ,
Гашта ин дунё пур аз оҳанги ту.

Хонаи сулҳу амонӣ гаштаӣ,
Раҳнамои зиндагонӣ гаштаӣ.
Меҳри ту дар сина афзун мешавад,
Ту нишони меҳрубонӣ гаштаӣ.

## ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

Файзи истиқлоли мо аз Ваҳдат аст
Ин ҳама иқболи мо аз Ваҳдат аст.

Хони мо аз файзи истиқлол пур,
Сарзамини мо шуда лабрези нур.

Нораку Сарбанду Роғун ҷилвагар,
Шоми мо гардида монанди саҳар.

Кишвари мо гашта машҳури ҷаҳон,
Дар ҷаҳон донанд акнун тоҷикон.

Миллати бо нангу номусем мо,
Соҳиби фарҳангу қомусем мо.

Дода истиқлол бар мо болу пар,
Дар ҷаҳон шуд парчами мо ҷилвагар.

Мо ба дунё сози Ваҳдат мезанем,
Ҷанг бо миқрози Ваҳдат мезанем.

Сулҳу ободӣ шуда бар мо шиор,
Кишвари мо мешавад овозадор.

Сулҳу ваҳдат ин шиори миллат аст,
Обрӯю эътибори миллат аст.

Миллати мо миллати олинажод,
Гашта сарҷамъу намуда иттиҳод.

Гирди раҳбар раҳбари воломақом,
Раҳбари бономусу бо эҳтиром.

Покҷон, покизатан, покизадин,
Мешиносандаш ҳама рӯи замин.

Раҳбари мо раҳнамои миллат аст,
Раҳнамою раҳкушои миллат аст.

Роҳи мулки мо кушод аз чор сӯй,
Дорад ӯ хушбахтии мо ҷустуҷӯй.

Рӯзу шаб ӯ дар талоши зиндагист,
Дар пайи ободию созандагист.

Ӯ Ватанхоҳу Ватанпарвар бувад,
Пуштибони миллату кишвар бувад.

Миллаташро дӯст дорад раҳбарам,
Раҳбари бонангу меҳнатпарварам.

Файзи истиқлоли мо аз бахти ӯст,
Ин ҳама иқболи мо аз бахти ӯст.

Аз Худо хоҳам набинад рӯзи сахт,
Дар ҷаҳон поянда бодаш тоҷу тахт.

Чашмаи иқболи ӯ зоянда бод!
Тоҷу тахту бахти ӯ поянда бод.

***Муродалӣ СОБИР***

## ТАЗМИНИ ҒАЗАЛИ РӮДАКӢ

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
***Рӯдакӣ***

Бар диёри мо баҳор ояд ҳаме,
Рӯзгори мо ба бор ояд ҳаме.

Марди деҳқон сӯи саҳро бо ҳавас
Шод бо ҷуфти сипор ояд ҳаме.

Дар чаман булбул ба бӯи гул хуш аст,
Ҳамчу ошиқ беқарор ояд ҳаме.

Оби ҳар як чашма бо сад печутоб
Бар канори марғзор ояд ҳаме.

Боз Варзоби биҳиштосои ман
Гулфишону гулнисор ояд ҳаме.

Тири чашми духтарони масти ишқ
Бар дили мо ҷоншикор ояд ҳаме.

Ваҳдати мо ҳар қадар боло равад,
Дӯстии мо ба бор ояд ҳаме.

Мардуме аз файзи Истиқлолият
Баҳри Меҳан ҷоннисор ояд ҳаме.

Чун муроди мо муроди мардум аст,
Шеъри мо беихтиёр ояд ҳаме…

*Ҳамроҳ УСМОН*

## ТАЛОШ

Санги туро болин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман,
Меҳри туро таҳсин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман.

Бо панҷаи худ барканам ҳар буттаи хори туро,
Боғат кунам, гулчин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман.

Ҳамчун баҳори ҷовидон бинам туро умре ҷавон,
Рӯи туро бечин кунам , эй мулки ман, эй мулки ман.

Бар марраҷоят то расам, чун гулгуни дарё расам,
Аз мавҷи дарё зин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман.

Эй тахтаи шаҳмоти ман, аз ҳар пиёда дар барат
Бо ҷаҳди дил фарзин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман.

Бо хуни поки синаам, бо ранги поки хомаам
Ҳусни туро рангин кунам, эй мулки ман, эй мулки ман!

## ҶАВОБИ КИШВАРАМ

Рӯзгорамро кунад гарм офтоби кишварам,
Рӯшанӣ бахшад шабамро моҳтоби кишварам.

Рӯди ӯ андар шитобу кӯҳи ӯ андар сукут,
Рамз дорад ҳар сукуту ҳар шитоби кишварам.

Бобҳо бикшода меҳраш дар дилу дар ҷони мо,
Сад ҳазорон маънӣ ояд аз китоби кишварам.

Чашмааш аз чашмаи меҳру муҳаббат сар шавад,
Ташнаҷоно, нӯш кун аз оби ноби кишварам.

Бадгумоно, некдил шав аз накӯиҳои ӯ,
Пургунoҳо, баҳра бардор аз савоби кишварам.

Эй ки хоҳӣ маънии дунё аз ӯ созӣ суол,
Дӯстиву ростӣ бошад ҷавоби кишварам.

*Маликаи АВАЗ*

## ТОҶИКАМ

Эй ки пурсӣ, аз кучоям?—тоҷикам,
Бо дили дардошноям тоҷикам.

Шукри обу хоки меҳан мекунам,
Маскани меҳру вафоям тоҷикам.

Ҳастиям аз хуни поки тоҷик аст,
Ифтихор аст аз бароям, тоҷикам.

Ҳарзагӯён ҳарза мегӯянд чанд?
Ҳафт пушти муттакоям тоҷикам.

Зодаи домони покат, эй Ватан,
Ҳомии сулҳу сафоям, тоҷикам.

Гар ғаразгӯён гаҳе лофе зананд,
Бисмиллаҳ, сар то ба поям, тоҷикам.

Ҳар ваҷаб хокат маро пайванди ҷон,
Риштаи ҷонӣ бароям, тоҷикам.

Гар ғазал гӯям ва ё савту суруд,
Бо ҳама савту садоям тоҷикам.

Лутфу илҳоми баланди ман туӣ,
Шарҳи ҳуснат месароям, тоҷикам.

Эътибору ифтихори ман туӣ,
Бе ту сарсону гадоям, тоҷикам.

*Бобоназар ШАМСИДДИНЗОДА*

## ВАСФИ ВАТАН

Офтоби шӯълаафкан ҳар саҳар
Муждаи файзи диёр орад ба кӯҳ.
Доманашро ҳам такида мисли абр,
Симу зар ҳам бешумор орад ба кӯҳ.

Мезанад гӯш аз сари кӯҳи баланд
Чашмасору рӯди софи беғубор.
Ҳам уқобони баландидӯстдор,
Дар фазои беғубораш беқарор.

Оҳувони тездав бо майли том,
Нӯш месозанд з-оби чашмаҳо.
Кабки хушрафтор ҳангоми саҳар
Месарояд шеъри кӯҳӣ бехато.

Рӯдҳо аз байни соҳилҳо равон,
Рафта-рафта обашон ҷамъ мешавад.
Ё ба уқёнуси даҳри беканор,
Рафта-рафта обашон зам мешавад.

Шӯхию шодии боди кӯҳро
Дар сухан пардохтан мушкил бувад.
Мисли он, ки рӯди шӯхи беқарор,
Ҷовидонӣ бандии соҳил бувад.

Бо садои шаршара ҳар шоире
Рӯи коғаз н-оварад шеъре агар.
Кӯҳ домангири он шоир шавад,
Кабки масти он хурад хуни ҷигар.

Офтоби шӯълаафкан ҳар саҳар,
Бо зиёрат кӯҳро гирад хабар.
Тоҷикистонрост гар «Боми Ҷаҳон».
Ман намехоҳам ба сар боми дигар.

# ВАТАН

Ман бо садои хандаи боди саҳар ба худ,
Оҳиста маст, боз пурафсуну растаҷон
Бар тораҳои зулфи пур аз рози бофта
Бар хонаи сафинаи хуршед омадам.
Лек аз ҳуҷуми шӯълаи чашми ситораҳо
Омад садои нозуке бар гӯшаи хаёл
Эй бандаи замин,
Аҷдоди ту куҷост?!
Чун пеша кардаӣ ба дил ин тарки кешу хок
Ин кори ту хатост!
Омад магар ситорае аз осмони дур
Бар хонаи Шумо?!
Ё ки шаби сиёҳ магар нӯш кардааст
Паймонаи вафо?!...

Зуд он лаҷоми аспи абасро кашидаму
Аз зин фаромадам
З-он, ки макони модари аҷдоди одамӣ
Бошад макони ман!
То хонаи садоқати ишқу умедҳо
Бошад ҳамин Ватан!

*Ҳалим НАЗАР*

* * *

Эй ҳамватанон, мояи ҳастам Ватан аст,
Боғу чаману булбули мастам Ватан аст.

Аз рӯзи азал меҳри Ватан бар дили ман,
Ду қоши базеби сурмастам Ватан аст.

Кай диди̣, гуле шукуфта бар шӯразамин,
Дони̣, ки замини гулпарастам Ватан аст.

Бо базму тараб сайқали дил гашт маро,
Шукрона, ки зодгоҳи бахтам Ватан аст.

Ду дидаи мӯҳтоҷ ба гардиш дорам,
Ман тифламу нексарпарастам Ватан аст.

Шуд қиблаи уммед, сафои дилу ҷон,
Фархундаву фарзонапарастам Ватан аст.

Ганҷе агарам нест, чаро ғам бихурам,
Тоҷам Ватан асту ганҷу тахтам Ватан аст.

Тарсе набувад, тира само чун гардад,
Истораи пурҷилои бахтам Ватан аст.

Моро накунад тарси адӯ музламу[1] паст,
Парво чӣ кунам? Ливои дастам Ватан аст.

Ҷоно, Ватанам, сано туро гуфт Ҳалим,
Ҳам зеби санову буду ҳастам Ватан аст.

---

[1] Музлам–моту маҳбут, ҳайрон.

# ТОҶИКИСТОН – ВАТАНАМ

Тоҷикистон – Ватанам, ҷон Ватанам, ҷон Ватанам,
Ҷои ту дар дилу дар дидаву дар ҷону танам.

Дашту кӯҳу даману санги туро саҷда кунам,
Хоки зархезу ҳама ганҷи туро саҷда кунам .
Ранҷ бурдӣ ту басе, ранҷи туро саҷда кунам.

Тоҷикистон–Ватанам, ҷон Ватанам, ҷон Ватанам,
Ҷои ту дар дилу дар дидаву дар ҷону танам.

Навазад боди хазон, бори дигар бар дари ту,
Назанад санги парешонӣ адӯ бар сари ту.
Кӯр он чашми тамаъ, гар нигарад бар зари ту.

Тоҷикистон–Ватанам, ҷон Ватанам, ҷон Ватанам,
Ҷои ту дар дилу дар дидаву дар ҷону танам.

Ситаму ҷабру ҷафо, ранҷи гарон бар ту бас аст,
Мотаму ранҷу азо, модари ҷон, бар ту бас аст.
Дили садпора ба мулки дигарон бар ту бас аст.

Тоҷикистон – Ватанам, ҷон Ватанам, ҷон Ватанам,
Ҷои ту дар дилу дар дидаву дар ҷону танам.

***Султон СУЛАЙМОН***

* * *

Мо аз ҳарими раҳмати яздон расидаем,
Аз чорсӯи хоки Хуросон расидаем.
Зери дирафши Коваю зери дурахши нур,
Бо аспҳои хатлии паррон расидаем.

Гетӣ зи номи аҳриманӣ пок кардаем,
Эй бас палангу шер, ки дар хок кардаем.
Инак, манам ба даҳр Каюмарси додхоҳ,
Оварда халқ зери ливоям ҳама паноҳ.

З-он дам, ки ман ба тахти забарҷад нишастаам,
Ҷуз ростӣ ба ҳеҷ амал дил набастаам.
Оину расму кеши ниёгон шинохтам,
Он Хусравам, ки дар раҳи ҳақ ҷон бибохтам.

Имрӯз пойдор бувад дар ҷаҳон хирад,
Бо адлу доду донишу фарҳанг то абад.
Имрӯз пеши парчами худ мекунам суҷуд,
Бар хонадону дудаи Сомониён дуруд.

*Кӯйбек ШАРИФЗОДА*

## НУРИ ВАҲДАТ

Ҷамоат босафо аз нури Ваҳдат,
Замона пурҷило аз нури Ваҳдат.
Шуда кошонаи тоҷик равшан,
Ҳама ҷо пурзиё аз нури Ваҳдат.
Зи дилҳо кинаю буғзу ҳасад рафт,
Мунаввар ҳар куҷо аз нури Ваҳдат.
Ба Хатлону Зарафшону Бадахшон,
Ҳама файзу сахо аз нури Ваҳдат.
Зи кӯрии замона дар амонем,
Дурахшон дидаҳо аз нури Ваҳдат .
Ватан аз нури Ваҳдат нур бигрифт,
Шуда дардаш даво аз нури Ваҳдат.

## САЙҚАЛИ ДИЛҲОСТ ИСТИҚЛОЛИ МО

Ваҳ чӣ хуш зебост истиқлоли мо,
Чун гули раъност истиқлоли мо.
Мо ба ҳифзаш ҷону дил карда нисор,
Аз ҳама болост истиқлоли мо.
Дил ба васфи ӯ ҳамегӯяд ғазал,
Сайқали дилҳост истиқлоли мо.
Чун кабӯтар болафшон дар само,
Зиннати дилҳост истиқлоли мо.
Фахрҳо дорем з-истиқлоли хеш,
Раҳбари фардост истиқлоли мо.
Навшукфта ғунчае андар чаман,
Зебиши гулҳост истиқлоли мо.
Неъмати волотарини халқи мо,
Дар ҷаҳон яктост истиқлоли мо.
Лаълу марҷонро набошад қимате,
Гавҳари дарёст истиқлоли мо.
Ҳеҷ гаҳ дигар намеёбад завол,
Кӯҳи побарҷост истиқлоли мо!

*Рӯдобаи МУКАРРАМ*

## ЗАБОНИ ТОҶИКОН ЯК АСТ

Забони ноби тоҷикон ту ҷавҳари сиришти ман,
Ту рамзи неки Ориён, паёми зардуҳишти ман.
Ту дар замини фикри ман самар диҳӣ зи кишти ман,
Ту лафзи поки қудсиён, бақои сарнавишти ман.
    Бародарон, бародарон, Ватан як асту ҷон як аст,
    Ба ҳаққи шири модарон забони тоҷикон як аст.

Ту ояти каломи ман, ту нури хонадони ман,
Ту мағзи устухони ман, ту ҷисми ман, равони ман.
Сараввали ҷаҳони ман, замину осмони ман,
Баҳори бехазони ман, бақои хонадони ман.
    Бародарон бародарон Ватан як асту ҷон як аст,
    Ба ҳаққи шири модарон забони тоҷикон як аст.

Ту махзани саодатам, ту манбаи саодатам,
Ту тахту бахту сарватам, нигини тоҷи нусратам.
Ту ҳимматам, ту ҳикматам, тулӯъи фоли миллатам,
Ту санъатам, ту фитратам, фурӯғи шамъи давлатам.
    Бародарон, бародарон, Ватан як асту ҷон як аст,
    Ба ҳаққи шири модарон забони тоҷикон як аст.

Ба субҳи поки ин Ватан, чу нури ҳақ расидаӣ,
Басе фарозу шебҳо ба ҳар куҷо ту дидаӣ.
Зи Рӯдакии нуктадон ба даври мо расидаӣ,
Чу накҳате зи Мулиён ба рӯйи мо вазидаӣ.
    Бародарон, бародарон, Ватан як асту ҷон як аст,
    Ба ҳаққи шири модарон забони тоҷикон як аст.

Забони модарии ман, ту арсаи вуҷуди ман,
Даме, ки аст ин нафас, ту қиблаи суҷуди ман.
Ту байти ман, суруди ман, ту буди ман, набуди ман
Фидои шаъну шони ту тамоми тору пуди ман.
    Бародарон бародарон Ватан як асту ҷон як аст,
    Ба ҳаққи шири модарон забони тоҷикон як аст.

## ПАЙКИ ИСТИҚЛОЛ

Дӯстон номаи иқбол муборак бодо!
Некӣ дар сафҳаи аъмол муборак бодо.
Хандаи модару тифлон бирасад то ба фалак,
Фараҳу шодии ҳар сол муборак бодо!

Оли Сомонӣ зи нав бар сари қудрат омад,
Бо ҳамон аҳлу тавоноиву фитрат омад.
Баъди сад қарн насибаш шуда мероси Аҷам,
Комрон тоҷики ман бар сари нусрат омад.

Машъали сулҳу амонӣ раҳи мо равшан кард,
Сарзамини дили моро зи фараҳ гулшан кард
Омада сарвари фарзона чу атои яздон,
Ҷаннате меҳани тоҷик ба мову ман кард.

Зинда гардиду тавон ёфт равони миллат,
Фахри моён зи суруд асту нишони миллат.
Парчами тоҷики мо гашт ба ҳар гӯша баланд,
Қудрату зӯр зи нав ёфт забони миллат.

Тоҷики ман, ки зи нав соҳиби иқбол бишуд,
Дар хати қисмати мо боз накӯ фол бишуд.
Пайки шодӣ бирасид аз дари фардои ҳаёт,
Боиси хандаи ҳар модару атфол бишуд.

*Раҷаби МУСУЛМОНИЁН*

## ТОҶИКИСТОН МОДАРИ ҶОНИ МАН АСТ

Тоҷикистони азизам, модари ҷони ман аст,
Модари ҷони ману тифлони хандони ман аст.
Қудрати мардонаам хоки варо зар мекунад,
Ҳусни рӯзафзуни ӯ аз файзи дастони ман аст.
Ҳар кучое гар равам, ёди варо бо худ барам,
Офтоби бахтрезаш нури чашмони ман аст.
Аз сухан, аз фазлу маънӣ Кохи Ваҳдат сохтем,
Ваҳдати ақлу хирад, эҷоди паймони ман аст.
Аз азал тоҷик баски тоҷдорӣ кардааст,
Тоҷи ӯ имрӯз аз нав шӯҳрату шони ман аст.
Дар ҳавои ҷонфизояш чун кабӯтар пар занем,
Ин нишон аз неъмати иқболи даврони ман аст.
Гуфтаам, аз симу зар гарчӣ надорам давлате,
Давлатам дар ҳарду олам Тоҷикистони ман аст.

## ТОҶИКИСТОН, ДУНЁИ ЗЕБОИ МАНӢ!

Рӯзи бахтат рӯ намояд бо тулӯи офтоб,
Дар ҳавоят мезанад ҷуфти кабӯтар печутоб.
Ҳар касе бинад чунин дунёи рангини туро,
Мешавад ӯро зи шодӣ дил даруни сина об.
Тоҷикистон, бахти ман, дунёи зебои манӣ,
Бе ту дунёе надорам, як ту дунёи манӣ!

Субҳи уммедам зи файзи ту муаттар мешавад,
Чеҳраи поки ту дида, дил мунаввар мешавад.
Чун надонад носипосе қадри обу хоки ту,
Шоҳи олам гар шавад, охир қаландар мешавад.
Тоҷикистон, бахти ман, дунёи зебои манӣ,
Бе ту дунёе надорам, як ту дунёи манӣ.

*Раззоқи ДАВРОНШОҲ*

## ИСТИҚЛОЛ

Шӯҳрати миллат ба олам файзи истиқлоли мост,
Бози истиқлоли давлат ҳампару ҳамболи мост,
Шукри ин даврон, ки дар он сулҳу ваҳдат ёфтем,
Пешрафти зиндагӣ дар рӯзу моҳу соли мост.

Субҳи истиқлолро хуршеди равшан ҳамдилист,
Ваҳдату ҳамбастагӣ мазмуни номи зиндагист,
Мақсади инсоният пайванди истиқлоли ӯст,
Одамиро аз ҳама бад боли нанги бандагист.

Тоҷиконро тоҷ бар сар рамзи озодӣ бувад,
Маслаки озодагон пайваста ободӣ бувад.
Сӯи фардои наҷибу ҷониби шаҳкориҳо,
Ворисе аз Оли Сомон халқро ҳодӣ бувад.

Ман ба истиқлол нозам ҳамчу фарзанди Ватан,
Ҳар куҷо ҳастам ба нури меҳр пайванди Ватан,
Сӯи озодӣ кунад даъват маро ҳар дам Ватан,
Сар напечам ҳеҷ гаҳ аз даъвату панди Ватан.

Бо Ватан ман тоҷикам дар ҳар куҷо, дар ҳар замон,
Бо Ватан ман миллатастам, бо Ватан ман комрон.
Чун бувад Оли таборам аз нажоди ориё,
Ёфтам дар миллати худ офариниш ҷовидон.

## ТОҶИКЕМ

Мо зи насли миллати Сомониёни тоҷикем,
Қавми бо тоҷи тафохур, аз шаҳони тоҷикем,
Бо ҳама ёру рафиқи меҳрубони тоҷикем,
Рустами душманфикан аз достони тоҷикем,
Халқи пирӯзу музаффар, қаҳрамони тоҷикем.

Суфта шуд дар коргоҳи завқи мо дурри сухан,
Шӯҳра шуд дар ҳар куҷо аз шеъри мо номи Ватан,
Аз азал мардони тоҷик буда садри анҷуман,
Баҳравар гардида моро нахли боғи илму фан,
Ворисони олимону шоирони тоҷикем.

Рӯдакӣ шеъри дариро шаҳпари парвоз дод,
Шавқу шӯре дар дили аҳли адаб оғоз дод,
Ӯ чу шамъе гашту моро тоби сӯзу соз дод,
Аҳли оламро ба шеъри тоҷикӣ овоз дод,
Тоҷики овозадор аз хонадони тоҷикем.

Бӯалӣ аз қаъри гил то авҷи Кайвон пар кушод,
Банди ҳар як мушкили моро ба ҳикмат баркушод,
Илми тиброо дафтари дастури қонун шарҳ дод,
Тоҷи донишро мурассаъ карду бар сар барниҳод,
Шоҳи мулки ҳикмату шаҳзодагони тоҷикем.

Носири Хусрав хирадпарварди ҳикматошно,
Баҳри илму донишаш бесоҳилу беинтиҳо,
Равзани маънӣ кушода сӯи мулки кибриё,
Банди зоҳирро зи пои мӯъминон карда раҳо,
Мазҳаби озодаи озодагони тоҷикем.

Тоҷикон таърихи оламро шаҳодат додаанд,
Гулшани боғи тамаддунро назокат додаанд,
Офтоби маърифатро файзи ҳикмат додаанд,
Чеҳраи фарҳангро зебу таровват додаанд,
Гулшане дар ин ҷаҳон, ҳамбӯстони тоҷикем.

*Мирзо КЕНҶА*

## ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

Самандарвор миллат зист бо уммеди Истиқлол,
Дамид аз қуллаи уммеди ӯ хуршеди Истиқлол.

Саре аз иртифои ҳимматаш афрохт болотар,
Назар афканд бар фардои хеш аз диди Истиқлол.

Зи по барканд то занҷири заррини тааллуқро,
Варо шуд зеби гардан шаддамарвориди Истиқлол.

Худо ҳар миллатеро медиҳад гар аз дилу ният.
Ба мо дод аз дилу аз нияти испеди Истиқлол.

Фазои бекарону гардиши гардуни гардонро
Куҷо ин рафъати як лаҳзаи ҷовиди Истиқлол?!

Имоми барҳақи миллат башорат дод аз Ваҳдат,
Ба мо ҳамчун дуо дар шаҳраҳи тавҳиди Истиқлол.

Раҳи созандагӣ бикшоду тарҳи зиндагӣ бинҳод,
Ки сад таҷдиди дигар зод ҳар таҷдиди Истиқлол.

Зи нав озода минбар ёфт, фарри эзадӣ дарёфт,
Ки миллатрост тавлиде дигар тавлиди Истиқлол.

Диёри соҳибистиқлолам, ин меҳрона аз Мирзо
Нисорат бод чун идонае дар Иди Истиқлол!

## МАЗҲАРИ ХУРШЕД

Чу эъҷози хирад бинмуд бо Ваҳдат шарафёбаш,
Бишуд зебанда Шаҳри Сулҳ бо номи ғазалбобаш.

Чунон нури шарофат метаровад аз ҷамоли ӯ,
Ки гӯӣ шуста имшаб нуриён бо шири маҳтобаш.

Душанбе – маснади Ҷамшед, шаҳри мазҳари хуршед
Бишуд кошонаи уммед баҳри ҷумла аҳбобаш.

Варо ҳар чашми равзан бингарад бар кӯчабоғи бахт,
Ба шаҳроҳи саодат мешавад бикшода ҳар бобаш.

Бувад пушту паноҳаш рӯҳи Исмоили Сомонӣ,
Чароғи роҳ бошад машъали фазли ҷаҳонтобаш.

Имоми мову моро Тоҷикистон саҷдагаҳ бошад,
Душанбе дар таносуб минбари арҷ асту меҳробаш.

Зи файзи обрӯ шодон, тар асту сабзу ободон,
Хушо, Раҳмон аз ин борони раҳмат карда шодобаш.

Кушоям дидаи уммед сӯи Мазҳари Хуршед,
Маро дил мекушояд бо ҳама паҳнову поёбаш;

Навозад як тараф дилро Суханкошонаи Мирзо,
Рабояд дидаро як сӯ Нигористони Сӯҳробаш.

Душанбешаҳру Кохи Ваҳдаташ як минбари сулҳанд,
Фазилатгоҳ чун шаҳри Хуҷанду Қасри Арбобаш.

Зи ошиқпарварии ӯ нагӯям, чунки аз ман беҳ
Бигӯяд бо шумо инро лаби дарёи Варзобаш.

Раҳи сахти куҳистон роҳи бахти тоҷикон гардид,
Далели равшани бахти баландаш – нақби Анзобаш.

Ба шасти ҷӯи набзи ӯ хурӯшон хуни сабзи ӯ,
Хуш оҳанги шукуфтанҳо, ки дорад набзи бетобаш.

Надорад лаҳзае ором субҳи солеҳон то шом;
Чӣ тамкинест озода дар ин биштоб – биштобаш.

Шабон Варзобкӯҳаш алла гӯяд бо забони рӯд,
Чу тифле дар бари домони модар мебарад хобаш.

*Сабринисо ҲУСЕЙНЗОДА*

## ДОДИ ИСТИҚЛОЛ

Месарояд дил суруди шоди Истиқлол,
Ин Ватан гардидааст ободи Истиқлол.
Роҳи Кӯлобу Бадахшон роҳи дилҳо шуд,
Нақби Анзобаш бишуд имдоди Истиқлол.
Сар ба гардун шуд сари болои Сомонӣ,
Қасри миллат омад аз бунёди Истиқлол.
Сангтӯда санги зулмат дар шикастанҳост,
Шукр гӯяд халқи мо аз доди Истиқлол.
Тоҷи гул омад ҷаҳонро қуллаи Помир,
Накҳати гулҳо расонад боди Истиқлол.
Коми оламро чакад шири забони мо,
Бар замонҳо зинда монад ёди Истиқлол.
Роҳи оҳан даф занад дар кӯчаи Иқбол,[1]
Мӯҳри бедорист дар бунёди Истиқлол.
Нотавонбине, ки умре душмани мо буд,
Нақшаи ӯ мешавад барбоди Истиқлол.
Қуллаи касногузар таслими кӯҳкан шуд,
Нотавон шуд дар кафи Фарҳоди Истиқлол.

## ТОҶИКИСТОН

Дар куҷо олам ба амсоли биҳишт,
Дар куҷо печида шӯри булбулон?
Дар куҷое чашма мехонад суруд,
Сар кашида қуллаҳо то осмон.

Дар куҷо рӯи гули хуршедро
Мекунад ҳайрон рухи моҳи замин,
Дар куҷо ин моҳ мешармад ба шаб
Аз ҷамоли духтарони нозанин?!

Дар куҷо чун оҳувоне духтарон
Ҳусн мепошанд аз болои санг?

---

[1] Яъне Покистон, низ дар назар аст.

Дар лабон бинҳода сими «Чанқаваз»[1],
Дар наво бинҳода бо овози чанг.

Дар кучое ҳамчу зулфи духтарон
Пушта-пушта лола рақсон мешавад,
Дар куҷо абри сияҳ аз рашки зулф
Танг гашта дидагирён мешавад?!

Дар куҷо зулфони беди кокулак
Мехӯрад сад печ чун зулфони ман,
Дар куҷо бо шарм нафси гургсон
Аз талоши барра мебандад даҳан?!

Ин ҳама, эй дӯст, меову бубин,
Дар диёри Тоҷикистони ман аст.
Тоҷикистон, аз ҳама боло туӣ,
Ҷои ту болотар аз ҷони ман аст.

Тоҷикистон! Тоҷикистони азиз,
Санги ту аз хоки олам нармтар.
Ҳар қадар ки мешиносам хешро,
Он қадар дар сина гардӣ гармтар.

## ОҒОЗИ НУР

Зиндагӣ оғоз шуд, анҷоми нур,
Рӯзро оғози нав аз шоми нур.
Зиндагӣ як фурсат аз Парвардигор,
Аз барои мову ту инъоми нур.
Умр агар бигзашт дунболи ҳавас,
Ҳайфи умри рафтае, аз хоми нур.
Кас чу коме ёфт, аз бори сабук,
Оқиле ҳар ҷост мушкилкоми нур.
Зистан марге бувад аз пушти нафс,
Зинда монад, он ки некӯноми нур.
Мо чу боде бигзарем аз зиндагӣ,
Баъди мо ин хонаву ин боми нур.

[1] Чанговоз.

*Алидоди ЧАРОҒАБДОЛ*

## ШУКРИ ВАҲДАТ

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукри ин иқболи тоҷик.

Ҳамнаво шуд Рашту Хатлон,
Бо Ҳисору ҳам Зарафшон,
Суғд ҳамрози Бадахшон
Ҳам Душанбеи гулафшон.

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукри ҳам иқболи тоҷик.

Бо паёми нав ҳидоят
Роҳи мо гашта дурахшон.
Сулҳу ваҳдат партавафшон
Дар диёри Тоҷикистон.

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукри ин иқболи тоҷик.

Халқи тоҷик ҳамнаво шуд,
Ҳамдилу ваҳдатсаро шуд,
Ботини ӯ пурзиё шуд,
Зиндагонӣ пурсафо шуд.

Шукри миллат, шукри ваҳдат
Шукри истиқлоли тоҷик.
Шукри бахту ҳам саодат,
Шукри ин иқболи тоҷик.

## ВАТАН БОҒИ САОДАТҲОСТ

Ватан бахту саодат чун насими навбаҳор орад,
Шукуфа бар шукуфа накҳате аз кӯйи ёр орад.
Ба боғи Тоҷикистонам хазонрезон намезебад,
Насими ваҳдатафшонаш хушо атри баҳор орад.
Ватан боғи саодатҳост, ҳам паймонаи дилҳост,
Диле бо дил бипайвандад, хумор андар хумор орад.
Зи рӯи ҳамдигар мастем, гӯ, аз дарду ғам растем,
Чуноне даст бо дастем, ҷаҳоне дар канор орад.
Ман ин боғ, аз Худо хоҳам, макони сур гардонад,
Ҷавононро саодатҳо, ба ҳар пире мадор орад.
Басо хуш гуфта Ҳофиз дар сифоти ваҳдати инсон:
«Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад!»

## БУНЁДИ ВАҲДАТ

Аё, эй мардуми покизабунёд,
Туӣ ваҳдатсаро ҳам ваҳдатэъҷод.
Дилат поку ду дастат поку номат,
Бинои ҳастият аз покӣ бунёд.

Ҳазорон шукри ҳақ, ки дар амонем,
Зи Мавлонои Румӣ мо бихонем:
«Биё то қадри якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ зи якдигар намонем».

Ҳама бунёди мо бунёди Ваҳдат,
Мароми мо ҳама сулҳу саодат.
Ниҳоди мо чунон оби зулолест,
Ки саҳни осмон бидҳад шаҳодат.

Зиҳӣ меъмори сулҳи Тоҷикистон,
Бинои давлати нав карда бунёд.
Аз ин ақлу амал, з-ин роҳу тадбир,
Шуда фархунда рӯҳи Оли Сомон.

## МУЛКИ ПУРШОН

Эй Тоҷикистон, зебо диёрӣ,
Гулшан надорад ҳусне, ки дорӣ.

Ҳар гӯшаи ту ҷаннатнишон аст,
Бар ҳастии мо роҳатрасон аст.

Деҳоту шаҳрат боғи гулафшон,
Обу ҳавоят осоиши ҷон.

Ганҷи фаровон дар кӯҳсорат,
Файз аст резон аз обшорат.

Домони даштат хони пуралвон,
Кони саховат саҳрои деҳқон.

Ту сарзамини озодагонӣ,
Ту ҷовидона озод монӣ.

Эй Тоҷикистон, эй мулки пуршон,
Эй Тоҷикистон, эй модари ҷон.

## МУБОРАК ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Ҳама шоду ҳама хурсанду хандон,
Ҳама шукронагӯи давру даврон.
Ба истиқболи Истиқлоли кишвар
Саропо сабзу хуррам Тоҷикистон.

Муборак ҷашни Истиқлоли тоҷик,
Шукӯҳу шавкату иқболи тоҷик!

Замин аз гул ба сар чодар гирифта,
Аҷаб ҳусне ба худ кишвар гирифта,
Табассум дар лаби ҳар пиру барно,
Зи дасти тифлакаш модар гирифта.

Муборак ҷашни Истиқлоли тоҷик,
Шукӯҳу шавкату иқболи тоҷик!

Ватан, аз бахту иқболат бинозам,
Ба ин парвози шаҳболат бинозам.
Бақоят то абад бодо ба олам,
Ба ҷашни бистумин солат бинозам.

Муборак ҷашни Истиқлоли тоҷик,
Шукӯҳу шавкату иқболи тоҷик!

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ман ба дашту кӯҳсорат ошиқам,
Бар замини дилрабою зарнисорат ошиқам.

Ҳусни дилҷӯи ту бар дил шавқу шодӣ оварад,
Бар шукӯҳи гулшани доимбаҳорат ошиқам.

Домани покат биҳишту гулрухонат ҳури он,
Ошиқам, ошиқ, ба ҳусни гулнигорат ошиқам.

Шоми тор охир шуду субҳи сафоят даррасид,
Бар ҷамоли субҳи пурнуру шарорат ошиқам.

Аз насими сулҳу ваҳдат шуд баҳорат гулфишон,
Ман ба гулбарги руху савти ҳазорат ошиқам.

Ҳар яке фарзанди ту ҷон медиҳад аз баҳри ту,
Ман ба ин фарзандҳои ҷонсупорат ошиқам.

## МАЪВОИ АРМОН

Эй Тоҷикистон, эй Ватан,
Маъвои армонам туӣ.
Ман андалеби хушсухан,
Боғи гулафшонам туӣ!

Номи ту дорам дар забон,
Эй марзи поки Ориён!
То ҳастаму ҳаст ин ҷаҳон,
Дар дидаву ҷонам туӣ!

Бо туст ин болу парам,
Бо туст ин зебу фарам.
Эй кишвари меҳроварам,
Тахти Сулаймонам туӣ!

Ҳар заррасангат тоҷи сар,
Оби ту дар чашмам гуҳар.
Ту модарию ман писар,
Номусу виҷдонам туӣ.

Дар чорсӯи ин Замин,
Гар ҳаст мулке нозанин.
Донам, ки сад раҳ беҳтарин,
Эй Тоҷикистонам, туӣ.

*Зарнигори МУБОРАКШО*

## СУРУДИ ВАТАН

Ту тахту тоҷи мо, Ватан,
Умеду бахти мо, Ватан
Ту рамзи ҷовидониям,
Ту ҷони сахти мо, Ватан.

Ту навбаҳори мо, Ватан,
Ту ҳар барори мо, Ватан.
Ту баҳри мо ягонаӣ,
Ту ифтихори мо, Ватан.

Ту ҷону ҳам ҷаҳони мо,
Ту бахти ҷовидони мо.
Нишони умри мо туӣ,
Ту нури дидагони мо.

МУНДАРИҶА

Лоиқ Шералӣ....................................................................3
Ашӯр Сафар ...................................................................6
Меҳмон Бахтӣ ................................................................8
Ғаффор Мирзо..............................................................10
Мӯъмин Қаноат ............................................................11
Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ...................................................14
Абдумалик Баҳорӣ .......................................................15
Убайд Раҷаб .................................................................16
Қутбӣ Киром ................................................................17
Гулназар........................................................................20
Аскар Ҳаким.................................................................25
Сафармуҳаммад Айюбӣ ..............................................28
Ҳақназар Ғоиб..............................................................31
Сайидалӣ Маъмур........................................................33
Камол Насрулло...........................................................39
Абдулҳамид Самад ......................................................45
Раҳмат Назрӣ...............................................................46
Муҳаммад Ғоиб............................................................49
Ширин Бунёд...............................................................52
Мирзо Файзалӣ ............................................................53
Зулфия Атоӣ ................................................................57
Ҳадиса...........................................................................60
Низом Қосим ...............................................................63
Доро Наҷот...................................................................69
Бобо Ҳоҷӣ.....................................................................71
Абдуҷалил Воситзода .................................................73
Маҳмадалишоҳи Ҳайдаршо........................................74
Басир Расо ....................................................................75
Субҳон Тӯйғун..............................................................76
Исроил Иброҳим..........................................................77
Алӣ Бобоҷон.................................................................78
Наримон Бақозода.......................................................85
Салимшо Ҳалимшо......................................................86
Собири Шоҳонӣ...........................................................89

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ....................................................91
Саидҷон Ҳакимзода....................................................93
Абдуллоҳ Қодирии Мумтоз ....................................................95
Раҷабалӣ Роғӣ ....................................................96
Нуралӣ Аюбӣ ....................................................97
Лутфи Хомӯш....................................................99
Ҳоҷӣ Мурод....................................................101
Зиё Абдулло....................................................104
Исмоил Зарифӣ ....................................................109
Одина Мирак....................................................111
Нозирҷон Боҳирӣ....................................................114
Ҳикмат Раҳмат ....................................................116
Кором Остонзода....................................................118
Усмон Назир....................................................120
Саид Абдулло....................................................122
Мӯҳтарам Ҳотам....................................................123
Нурмуҳаммад Ниёзӣ....................................................126
Мирзо Шукурзода ....................................................128
Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ....................................................129
Аҳмадҷони Раҳматзод ....................................................132
Юсуфҷон Аҳмадзода....................................................133
Убайдуллоҳи Ширин ....................................................135
Абдулҳай Қаландар ....................................................137
Абдурауф Муродӣ....................................................139
Хосият Вализода ....................................................141
Саидкул Мирализода....................................................142
Нуқраи Суннатниё ....................................................143
Лаълҷубаи Мирзоҳасан....................................................145
Лутфишоҳи Додо ....................................................148
Акбар Абдулло....................................................150
Зиё Раҳмон....................................................153
Сафар Айюбзодаи Маҳзун ....................................................155
Кароматулло Олимзода....................................................158
Норинисо ....................................................161
Ҷӯра Ҳошимӣ ....................................................163
Одина Азимӣ ....................................................165

Алимуҳаммад Муродӣ .................................................166
Ато Мирхоҷаи Нерӯ .....................................................167
Назри Яздонӣ ..............................................................173
Парда Ҳабиб ................................................................176
Раънои Мубориз ..........................................................180
Рустами Ваҳҳоб ..........................................................182
Шаҳрия .......................................................................186
Салими Хатлонӣ ..........................................................190
Муҳаммадалии Аҷамӣ .................................................191
Раънои Зоирдухт .........................................................193
Валиҷон Акбарӣ ...........................................................196
Меҳринисо ....................................................................198
Гурез Сафар .................................................................199
Олимхон Исматӣ ..........................................................206
Султонмурод Одина ....................................................208
Равшани Ҳамроҳ .........................................................210
Файзи Ашӯр .................................................................211
Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ ................................................214
Нуруллоҳи Ориф .........................................................216
Муҳаммад Юсуф .........................................................217
Нуриддини Амриддин .................................................218
Ҳабиб Сулаймонӣ ........................................................221
Назокат Олимзода .......................................................223
Озар .............................................................................225
Давлат Сафар ..............................................................227
Адибаи Азиз ................................................................229
Абдусаттори Раҳмон ...................................................232
Аҳлиддин Ҳисорӣ ........................................................235
Низомиддин Давлатзода .............................................238
Зебои Хатлонӣ .............................................................239
Салоҳиддини Садриддин .............................................240
Одина Раҳмон ..............................................................242
Муродалӣ Собир ..........................................................244
Ҳамроҳ Усмон .............................................................245
Маликаи Аваз ..............................................................246
Бобоназар Шамсиддинзода .........................................247

Ҳалим Назар........................................................249
Султон Сулаймон..................................................251
Кӯйбек Шарифзода................................................252
Рӯдобаи Мукаррам ................................................253
Раҷаби Мусулмониён..............................................255
Раззоқи Давроншоҳ ...............................................256
Мирзо Кенҷа ........................................................258
Сабринисо Ҳусейнзода............................................260
Алидоди Чароғабдол...............................................262
Гулшан................................................................264
Нурулло Норзода...................................................266
Зарнигори Муборакшо ...........................................268

**ГУЛБОНГИ ИСТИҚЛОЛ**
*(Баёзи назми муосири тоҷик)*

Муҳаррир *С. Маъмур*
Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова
Ҳуруфчини компютерӣ Р. Атоева

Ба матбаа 14.06.2011 супорида шуд. Чопаш 21.06.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 17,00. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018.
Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Комбинати Полиграфии ш. Душанбе.
734063. ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 126.